Низом ҚОСИМ

# ХОМАСӮЗАН

Душанбе,
«Адиб»,
2014

ББК-
Қ-

Муҳаррирон Абдураҳмони Абдуманнон ва Камол Насрулло
Мусаввир

Низом Қосим. Хомасӯзан (маҷмӯаи ашъор ва достони саҳнавӣ). «Адиб», 2014.     саҳ.

Ибораи «бо нӯги сӯзан ҷамъ кардан» (ба маънои бо заҳмат чизе ба даст овардан) маъруф аст. Ин маҷмӯа маҷмӯи кофтаҳову ёфтаҳоест, ки барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Низом Қосим бо нӯги хомасӯзан ҷамъ овардааст.

ISBN © Низом Қосим, 2014

# ОБҲОРО ОБРӮ БОЯД НАМУДАН…

## Салом

Салом, эй дӯстон, эй ҳамгилон, эй ҳамдилони ман,
Салом, эй ҷамъи ман, эй шамъи ман, ҳаммаҳфилони ман.

Манам як пораи ин хоки пок, ин оби рӯшандил,
Расидам, инак, он сон поку рӯшандил ба ин маҳфил.

Задам давре ба гирди хешу баргаштам ба оғозам,
Худоро шукр, аз нав бо шумо ҳамроҳу ҳамрозам.

Аз ин ҷо буд оғозам, давоме гар маро бошад,
Талоши ном аз ин ҷо буд, номе гар маро бошад.

Чи гӯям ман, шумо ҷону дилед, охир, манам як тан,
Чи гуям ман, ки медонед афзунтар маро аз ман.

Ба мисли модарам ман хуш зи некӯ бахтатон будам,
Ҳамеша чун падар ҳамрози рӯзи сахтатон будам.

Хумори кулчаҳои тӯйи тифлони шумо бошам,
Мабодо шоҳиди чашмони гирёни шумо бошам.

Накардам бахратон коре, фақат бигдохтам худро,
Дар ин вайронадунё аз шумо ман сохтам худро.

Агар ҳарфе зи шеърам дархури ҳоли шумо омад,
Чи ҷои ҳайрат аст, охир, ки аз фоли шумо омад.

Ба ҳар ҳоле, ки будам ман, шумо дар ёди ман будед,
Шумо як пораи дил, мактабу устоди ман будед.

Басо устод дидам, беҳтаринаш лек мардум буд,
Мани дилгушнаро ҳар ҳарфи мардум нони гандум буд.

Аз ин рӯ, хештанро дар канори мардум афкандам,
Дар он ҷо маҳз фаҳмидам, ки аслан чунаму чандам.

Ман андар он канори гарму дилҷӯ гум шудам охир,
Раҳо аз саргумӣ гардидаму мардум шудам охир.

Ҷаҳонро гар шунидам ман, шумо будед гӯши ман,
Агар фаҳмидаам чизе, шумо будед ҳуши ман.

Шумо чашми дилам будед, дунёро аён дидам,
Шумо ҳампои ман будеду ман рӯи ҷаҳон дидам.

Шумо дастам гирифтеду шудам ҳамдасти дунёе,
Зи худхоҳӣ раҳидам ман, шудам пайвасти дунёе.

Шумо, инак, манед, эй ҳамдилону ман шумо ҳастам,
Садои ман шумо ҳастед, ман кӯҳи садо ҳастам.

Садоҳои шуморо карда андар ҷону дил афзун,
Чу кӯҳи Нор охир мекунам аз синаам берун.

Чу ҳарфу маъниаш аз қаҳру аз меҳри шумо бошад,
Агар арзанда сатре гуфтаам, шеъри шумо бошад.

Зи васфи зумраи арзонсухан ҳаргиз наболидам,
Ба ҳақгӯён ниҳодам рӯ, зи ҳақ ҳаргиз нанолидам.

Нагуфтам нав агар, нав-нав зи ғамҳои куҳан гуфтам,
Ба рағми талху шӯри зиндагӣ ширин сухан гуфтам.

Ба рағми ноумедӣ доимо уммед парвардам,
Ба рағми сардии даврон суханҳо гарм овардам.

Ҷаҳон ҳаргиз наҷустам, худ барои худ ҷаҳон будам,
Наҷустам минбаре, худ минбари пиру ҷавон будам.

Шудам ҳамдил ба дил дар зиндагӣ, ҳамсар ба сар гаштам,
Нагаштам гирди номи ҳеҷ кас, гирди ҳунар гаштам.

Бибахшедам, агар ранҷондаам гоҳе шуморо ман,
Ки натвонистаам дигар кунам ҳукми қазоро ман.

Шумо ҳастед манзурам, шумо ҳастед рози ман,
Сазовори шумо будан бувад умре ниёзи ман.

Шуморо буд меҳри дил дар аввал ассаломи ман,
Ҳамон бошад дар ин охир шуморо вассаломи ман.

Бародар бо шумоям, бо шумо ман шодаму маҳзун,
Баробар бо шумоям, аз шумо ман нестам афзун!

**Ормон**

Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,
Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.

Чу аз ҳар ҷонибе сӯи Ватан боди хазон омад,
Баҳорамро сипар кардам, ки эмин аз хазон бошад.

Ман аз ин сарзамин тиру камонро дур бинмудам,
Ки андар осмонаш пурҷило тирукамон бошад.

Қасам бо шири модар хӯрдаам дар назди халқи хеш,
Ки бахту роҳи умраш ҳамчу шири модарон бошад.

Дилу рӯи кушодамро ба дунё пешкаш кардам,
Ки мулки кӯчакам дар чашми дунё бекарон бошад.

Ба минбарҳои болои ҷаҳон бурдам забонамро,

Ки халқи хушзабонам бо ҷаҳоне ҳамзабон бошад.

Басо хорӣ кашида, ғунчаи уммед парвардам,
Ки хориро набинад ин диёру гулфишон бошад.

Маро ҳар боғ пайғомест аз гул кардани дилҳо,
Маро ҳар мазраи сабзе зи сарсабзӣ нишон бошад.

Бувад нонрезаву нони Ватан болои чашмонам,
Дилам ҳамрози пирону аниси тифлакон бошад.

Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,
Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад.

## Таронаи тоҷ

Ватан,
эй додаи Яздон;
Ватан,
эй маншаи имон;
Ватан,
эй тахту тоҷи сабз гашта
аз арақҳои ҷабину хуни поки қалби аҷдодон;
Ватан,
эй тахти реша дар дили мардум;
Ватан,
эй тоҷи болотар зи афлоку нигинаш хӯшаи анҷум;
Ватан,
эй аллаи ҳар модари тоҷик;
Ватан,
эй достони носуруда дар дили ҳар шоири тоҷик;
Ватан,
эй сарпаноҳи ҷумла парвозиву ҷумла бепари тоҷик;
Ватан,
эй дар замин хуршеди тоҷик,
моҳи тоҷик,
ахтари тоҷик;

Ватан,
эй меҳри дил,
эй муҳраи ҷон,
зери ин гардуни гардон меҳвари тоҷик!

Фаровон сарзамин,
аммо замини решаҳои мову ман яктост,
Чунин дашту даман якто,
чунин боғу чаман яктост,
Худо яктост дар дунё,
худодод ин Ватан яктост!

Ватан,
мо аз ту умре қарздорем,
Дигар бояд ба дастат дил супорем,
На по, бояд ба хокат сар гузорем!

Ба тифлӣ хӯрда гар хоки туро мо бо умеди пок сабзидан,
Тани моро
хӯрад хоки ту бояд
баъди ҷонро бар ту бахшидан!

Кунад ҳар кас маҳалбозӣ дигар,
нони Ватан-Модар ҳаромаш бод!
Кунад ҳар кас мағалбозӣ дигар,
гум аз ду дунё нақшу номаш бод!
Бадӣ ҳар кас ба ин некӯ Ватан-Модар бихоҳад,
заҳри ҷонаш шири момаш бод!

На суғдиву бухориву бадахшонӣ,
На раштиву самарқандиву хатлонӣ,
На балхиву ҳисориву зарафшонӣ,
На вахшиву хуросониву фарғонӣ,
Ба як мазҳаб,
Ба як динем дигар,
Дини поки қобили табрик –
Ману моем аз ин пас
халқи яктан,
халқи якдил,
халқи якҷон –
ТОҶВАР ТОҶИК!

**Рози Ватан-Модар**

Ман Модарам,
Тоҷикистонам,
Бо решаҳои сабз - дар аъмоқи даври бостон,
Бо шохаҳои сабз - бар авҷи осмони ин замонам.

Зодаи мананд
Эй басо қаҳрамонони куҳан,
Эй басо офарандагони ҷовидона сухан.

Бо лафзи ман
Васф шуда зӯри мардию ҳусну ҷамоли зан,
Садоқату матонат
Ва муҳаббати Ватан.

Мо ду танем,
Ки умре ҳамбаданем:
Ин хок тан аст,
Ман – ҷон
Ва меҳри Модар-Ватан
Тавонбахши фарзандон.

Некӯ зодагони ман
Поянда кардаанд ин Ватанро,
Гулбасар доштаанд ин марзи куҳанро,
Равшан намудаанд чароғи ин абадӣ анҷуманро.

Ман модарам,

Тоҷикистонам,
Агар фарзандонам гулкоранд,
Лоиқи табрикам
Ва гар хоранд,
Ба ғам наздикам.

Чӣ мехоҳам аз ин дунё? –
Подор тахти бахти фарзандон.
Аз чӣ метарсам дар зиндагӣ? –
Аз рӯзи сахти фарзандон.

Ҳазорон бор тир хӯрдаам,
Балки ҳазорон бор мурдаам,
Аммо ҳар бор
Аз нав барпо шудаам,
Аз нав эҳё шудаам,
Охир, зиндадори умеди фардоям ман,
Модари Синоям ман!

Инак, имрӯз собит бар поям,
Ҳамқадами дунёям,
Захмҳои тозаамро бо майсаҳои ғаллазорон,
Бо гулҳои кӯҳсорон,
Бо оби шифои чашмасорон,
Бо дидори ғамгусорон
Даво мебахшам;
Чашмони умре ба роҳи фарзандон интизорамро,
Чашмони чун чашма
                    аз пайи фарзандони дар ҷаҳон парешон ашкборамро
Бо нури хуршеди диёр,
Бо нури умеди саршор
Зиё мебахшам
Ва дасти дуо мебардорам
Барои фарзандони оқилам,
                                        қобилам,
                                                  пурдилам,
Ки обрӯмандӣ биомӯзанд аз ин рӯдбор
Сарафрозӣ биомӯзанд аз ин кӯҳсор,
Покдилӣ биомӯзанд аз ин фазои беғубор.

Дасти дуоям ҳамеша болост
Барои фарзандони хушгилам,
                                        фозилам,
                                                  комилам,
Ки бар по бошанд,
Шод бошанд, ҳар ҷо бошанд,
Раҳрави тавонои роҳҳои дунё бошанд,
Аммо бо ёди модари раҳпо бошанд…

Ман Модарам,
Тоҷикистонам,
Фарзанддорам,
Аз ин рӯ, беҳад ғамхорам
Ва ин аст ормонам,

Ки фарзандонам
Арзанда ҷигарбанди Модар бошанд,
Ҷонпайванди кишвар бошанд…

**Наврӯзгоҳ**

Ҷуста-ҷуста, чун ҷаҳоне дар ҷаҳонат ёфтем,
Чун ҷаҳон дар тангное бекаронат ёфтем,
Дар миёни кӯҳсорон ҳамчу конат ёфтем,
Ҳамчу коне дар таҳи рангинкамонат ёфтем.

То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Тангноятро ба ҳиммат бекарон кардем мо,
Хоки покатро ба қимат ганҷи кон кардем мо,
Бо баландии нигоҳат осмон кардем мо,
Бо умеди ҷовидонат ҷовидон кардем мо.

То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Бо ҳақиқат ҷовидонӣ, бо садоқат ҷовидон,
Аҳли дилро беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷон,
Чун ҷаҳон пиру ҷавонӣ, чун хирад пиру ҷавон,
Асли Наврӯзи ҷаҳонӣ, асли Наврӯзи ҷаҳон!

То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Дар канорат ҳар диле бишкуфта ҳамчун гул бувад,
Ҳамчу мурғи дил туро дар шохи гул булбул бувад,
Булбули ҷону дил аз шавқи ту пурғулғул бувад,
Кул ҳақиқат нест, аммо ин ҳақиқат кул бувад:

То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Лолаат – рӯсурхии мо дар баҳору дар хазон,
Барфи симинат – сафедиҳои роҳи бекарон,
Сабзаат сарсабзии мо бод умре дар ҷаҳон,
Парчами серангаат садранг бодо парфишон!

То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

**Давронсоз**

Ба авҷи осмон хуршеди тобонат муборак бод!
Ба зери хок сарсабзии ҳар донат муборак бод!

Ба мулки беҳтар аз Наврӯзгаҳ хуш бод Наврӯзат,
Ба боғистони ҳиммат навбаҳоронат муборак бод!

Чу Сомонӣ накӯ дарёфтӣ сомони мулкатро,

Саропо кору пайкори басомонат муборак бод!

Чу азмат буд осон кардани душвори халқи хеш,
Дар ин раҳ шуд ҳама душвор осонат, муборак бод!

Муборак нони бо заҳмат расида рӯи гулхонат
Ва ҷонӣ дӯстонат гирди гулхонат муборак бод!

Аз ин мулку макон рондӣ чу расми бастароҳиро,
Кушоди роҳу расми раҳкушоёнат муборак бод!

Муборак нури Норак дар дилу дар манзилат умре,
Ба мулки ормонат нури Роғонат муборак бод!

Чу паймонхоҳ пур бодо туро паймонаи шодӣ,
Чу давронсоз ин созанда давронат муборак бод!

Суҷуде бар сари аз хоксорӣ ҷониби хокат,
Сари аз фахри дил бар авҷи кайҳонат муборак бод!

Шудӣ марди ҷаҳонӣ бо ҷаҳонӣ кору афкорат,
Ҷаҳонӣ сӯзҳо дар ҷисму дар ҷонат муборак бод!

Тилоӣ моҳии уммед бар дарёи дил додӣ,
Тилоӣ шасту рӯди пур зи туғёнат муборак бод!

Муборак бод тоҷат бар сари зебандаи тоҷат
Ва соҳибтоҷ давлат - Тоҷикистонат муборак бод!

**Мулки ишқу бахти мо**

Эй ба сурат камзамину эй ба сират беканор,
Дастгири ҷовидони мо ба даҳри пойдор,
Бахри мо буду набудӣ аз ҷаҳони бекарон,
Бору барги мо ту ҳастӣ, эй баҳори бехазон!

Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Мулки ишқу бахти мо,
Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Тоҷи мову тахти мо!

Аз самоят файз резад бахри фарзандони ту,
Аз заминат файз хезад бахри пайвандони ту,
Эй самоят файзрез, ашки алам дигар марез,
Эй заминат файзхез, охир ту ҳам бар по бихез!

Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Мулки ишқу бахти мо,
Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Тоҷи мову тахти мо!

Чун муҳаббат ту ҷавонӣ, чун хирад ҳастӣ ту пир,
Офтобӣ, ҷону дилро гарм созиву мунир,
Номбардори ту бодо номи неки тоҷикон,
Ифтихори тоҷикон бош, эй диёри ҷовидон!

Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Мулки ишқу бахти мо,
Ҷони мо, эй Тоҷикистон,
Тоҷи мову тахти мо!

**Ваҳдат**

Ваҳдат ду ҳиҷо нест,
Ваҳдат ду дил аст –
Сӯи ҳам боз.

Ваҳдат як калима нест,
Ваҳдат ду дасти меҳр аст –
Сӯи ҳам дароз.

Ваҳдат шиор нест,
Ваҳдат шиёр аст –
Шарти баргу бор аст.

Ваҳдат садо нест,
Ваҳдат садоқат аст –
Садоқати даст ба даст,
Садоқати дил ба дил,
Садоқати ёр ба ёр –
Саодати диёр!

**Чашмаи иқбол**

Тоҷикистон, чашмаҳоят чашмаи иқбол бод!
Мурғи бахтат ҷовидона хушпару хушбол бод!

Роҳҳоят тахт боду раҳнамоят бахт бод,
Дӯстонат шод боду душманонат лол бод!

Захмҳоят дар дилу дар ҷони мо ёбад шифо,
Умри ту сад солу ҳар соли ту садҳо сол бод!

Ҳеҷ гаҳ дигар наборад бар сарат борони тир,
Бар сарат борони раҳмат то абад таббол бод!

Ҷашнҳои ту муборак, идҳои ту саид,
Мизбоно, ин ҳама меҳмони ту хушҳол бод!

Дар раҳи иқболи худ бошӣ ҳамеша мустақил,
Ҳар даму ҳар рӯзи умрат Ҷашни Истиқлол бод!

***

Шоир, ки бо хишти сухан кошона барпо мекунад,
Бехонаҳоро хонда аз лутфу дар он ҷо мекунад.

Бо ҳарфи чун лозури хеш, бо маънии пурнури хеш
Сад кӯрдилро мебарад то нуру бино мекунад.

Бар ташнакомони кавир, к-аз ҷони ширинанд сер,
Аз сатрҳои обдораш ҷӯю дарё мекунад.

Баҳри нафастангони шаҳр, дилмонда дилтангони даҳр
Аз хуш фазои шеърҳои хеш саҳро мекунад.

Бо дилрабо талмеҳҳо, бо дилкушо ташбеҳҳо
Дилгириҳои зиндагониро дилоро мекунад.

Бо сӯзу созу тобу таб, бо ҳарфҳои ҳамчу ҳаб
Бемории дилҳову ҷонҳоро мудово мекунад.

Дар ёдмони зиндааш, дар ормони зиндааш
Аз ҳар бухори ормон шаҳри Бухоро мекунад.

Аз ҳар Самарқанди куҳан дорад дусад панди куҳан,
Гумкардаҳои хешро дар хеш пайдо мекунад.

Ӯ рӯҳи сад дилмондаро, сад пой дар гил мондаро
Бо парчами табъи баланди хеш боло мекунад.

Умре зи рахшон ҳарфи хеш, умри ба маънӣ сарфи хеш
Лаъли Бадахшони ҳунар аз санги хоро мекунад.

Бо ҳарфҳои суфтааш, бо маънии ногуфтааш
Ҳар розро бо маъние нав боз ифшо мекунад.

Бар мурдадил ҷон медиҳад, бар кофар имон медиҳад,
Рӯҳу тани афсурдаро исоваш эҳё мекунад.

Бошад ба ҳарфи содааш сад маънии озодааш,
Бо сеҳру афсуни сухан аз зишт зебо мекунад.

Дар посухи ин сӯзу соз аз шеърхони бениёз
Бо шеър буданро фақат умре таманно мекунад.

## ЗАХМҲОИ НОСУР

### 1. «Даҳум»

…Ранҷгоҳи насли инсон аст ин ҷо,
Маргҷои сад ҳазорон аст ин ҷо,
Сӯи уммед ин макон равзан надорад,
Омадан дорад, вале рафтан надорад…
Бо тасодуф як асираш гар гурезад,
Гӯрбони зиндадаргӯрон ситезад:
Сар шавад дарҳол расми худшумурдан,
Ҳар «даҳум» ҳозир шавад аз баҳри мурдан.

…Як нафар он рӯз ҳам з-ин ҷо бурун рафт,
Ҷумла мафтунаш, ки чун кард ӯву чун рафт!
Худшуморӣ сар шуд аз нав дар дами тир…

Як «даҳум» дар ашки сӯзон дид тадбир,
Гуфт:
«Ман, охир, зану фарзанд дорам!
Чун равам?
Бар кӣ ду ҷонамро гузорам?!
Ҳеҷ мумкин нест ин сон рафтани ман,
Хор онҳову бароҳат хуфтани ман!..»
Бо сухан тадбири бетадбир мекард,
Бар ду по аз ашки худ занҷир мекард,
Ашки чашмаш чеҳраи пажмурда мешуст,
Мурдашӯ буд ашк гӯё, мурда мешуст…

Роҳибе аз ҷои худ оҳиста бархост,
Гуфт:
«Фарзандам, ҳақ аст ин ҳарф, барҷост,
Ту замонатдори яктои ду ҷонӣ,
Баҳри онон дар ҷаҳон бояд бимонӣ!
Ҷуз Худои худ вале ман кас надорам,
Меравам сӯяш, раҳи вопас надорам,
Дар ду дунё бо Худо танҳо қаринам,
Пеши ӯ бояд равам, бе ӯ ҳазинам…
Ҷони ман,
Аз чашми бадхоҳон ту гум бош,
Ҷои ту бошам «даҳум» ман,
Ту «нуҳум» бош…»

…Як қадам раҳ, гӯӣ, аз нуҳ то ба даҳ буд?
Не, дило, як умри инсонвор раҳ буд!
Як рақам…
Сад зина аммо бурд боло
Қадри нангу қадри номи одамиро.

*Освенсим*

### 2. Бим

Гузар бинмуда аз ин шаҳр, Гитлер
Дар ин манзил шабе хобида будаст,
Гунаҳкори ҳама талхии айём
Аҷаб не, хоби ширин дида будаст.

…Дару девори меҳмонхона то ҳол
Ҳамеларзад аз он пурбим дидор:
Лаъин барҳамзани хоби хуши дахр
Шавад аз нав мабодо боз бедор!

*Вроослав*

### 3. Латифаи Теҳрон, 1943

…Сталин омаду Рузвелту Черчил,
Ба зоҳир – ҷумла ҳамоварду ҳамдил,
Ба ботин лек…
Хуллас, ҷамъ гаштанд,
Умеди оламеро шамъ гаштанд…

Қазоро, як саҳар Рузвелт бишкуфт,
Ба ҳамтоҳои беҳамтои худ гуфт:
«Бидидам хоби беҳад неку рӯшан,
Ки бо фармони ғайбӣ гашта аз ман
Дилоро ними ин дунё!»
Ҳамоно,
Бидода об Черчил ҳарфи ӯро,
Бигуфто:
«Бо ҳамон амри мукаррам
Ба хобам шуд зи ман боқии олам!»

Чубуқ дар даст, худ дар дасти тамкин,
Табассум кардаву гуфто Сталин:
«Чи қурбе дорад он амри фиребо,
Накарда, охир, онро банда имзо!»

*Теҳрон*

**4. Ҳайкал**

Аз мармаре, ки Гитлер
Бо сад дағову ҳав-ҳав
Мехост ҳайкалашро
Барпо кунад ба Маскав,
Бо хоса рамзу тадбир
Кард аз қазо Сталин
Сарбози пурдилашро
Ҷовид ба шаҳри Берлин.

*Берлин*

**5. Хиёбони Домулло Азизов**

Салом, эй модари ҷон, эй ки сӯям дида бар роҳӣ,
Чу пайванди дилу ҷон аз ҳама дарди ман огоҳӣ,

Худо донад, чи пазмон гаштаам рӯи накӯятро,
Зи рӯи модарон ҳар дам биҷӯям тарҳи рӯятро,

Ба чашми дил бидидам: модарон яксон ба ҳар ҷоянд,
Ба ҳар ҷо дар ғами фарзанд ғамбемору раҳпоянд,

Аз ин рӯ, азм кардам: разм хоҳам кард то охир,
Аё эй модари ҷон, то шавад шод аз манат хотир.

Бароят менависам, модаро, аз Беларус ин дам,
Ғамашро гар бигӯям, нома месӯзад зи нори ғам,

Диёри Беларус афсонавӣ мулке, биҳиште буд,
Ҷаҳони мардуми озодаву некӯсириште буд,

Дареғо, ин замон месӯзад андар оташи кина,
Ҳамесӯзад вайу з-ин сӯз месӯзад маро сина.

Ба зидди душмани дунаш, аз ин рӯ, беамон ҷастам,
Дар ин раҳ бо бародарҳои ҷон ҳампову ҳамдастам,

Маро пайванди ҷони беларусу тоҷик аст ин разм,
Дар ин раҳ мекунам бо душмани номард хунин разм.

Саросар ҷангали сабзаш бувад худ сарпаноҳи ман
Ва ҳар як навниҳолаш – хоҳари пурсӯзу оҳи ман.

Бимонад зинда то ин мулку халқи беғашу сода,
Барояш меканам ҷон, то шавад озоду озода,

Барои модарону тифлакони беларус аз ҷон
Бикӯшам, лозим ояд, ҷон бибахшам дар раҳи паймон…

…Фузун аз шаст сол аз разми мо бигзашт, эй модар,
Зи нав шуд сабзҷон ин ҷангалу ин дашт, эй модар,

Зи ҷон бигзашт фарзанди ту ҳам дар роҳи паймонаш,
Ба хоки беларус омехта, шуд як хиёбонаш;

Хиёбоне, ки Домулло Азизаш ном бинҳоданд,
Аз он то мулки меҳру сидқу паймон роҳ бикшоданд;

Хиёбоне, ки тифлонро барад сӯи ҷавонмардӣ,
Сабакҳошон диҳад аз ҳамдиливу аз ҳамовардӣ;

Хиёбоне, ки худ як ҳайкали аҳду вафодорист,
Нишони дар раҳи ҳифзи Ватан то марг подорист;

Хиёбоне, ки андар Беларус оғоз кардам ман,
Ба мулки ҷони ман – то Тоҷикистон мерасад ҳатман.

Сароғози вафо бар аҳд бошад ибтидои он
Ва бо умри абад пайванди ҷовид - интиҳои он…

*Минск*

## 6. Ёде аз Раҳмон Сафар дар хокҷои Сафар Амиршоев

Набуд гарчияш кулоҳ,
Ниҳод каҷ кулоҳро,
Қатори дигарон чу ёфт
Сафар Амиршоҳро.

Бидид тоза марқадаш
Зи тозагул дар он диёр,
Бичид сад гули хаёл
Аз он хазон, аз он баҳор.

…Гузоштам гули алам
Ба гӯри қаҳрамон Сафар,
Гули хаёли хешро –
Ба рӯи гӯри он Сафар.

*Каунас*

## 7. Ҳайдар Қосим

Навҷавонмард аз диёри хеш берун рафт,
Бар набарди душмани дун рафт;
Беситора то намонад Он Ватан, аз ҷони худ бигзашт,
Бо Ситора рӯи дил баргашт…

Кай дигар ӯ аз Ҳисору Вахшу Хатлон буд? –
Қаҳрамони Он Ватан аз Тоҷикистон буд!

…Сахт дар пирӣ варо озурда шуд хотир,
Нимҷону нимтан шуд Он Ватан охир;
Ҷанг бо душман, дареғо, аз забон афтод,
Ҷанг бо худ расм гашту дар миён афтод;
Ӯ валекин расми навпайдо намедонист,
Ҷангро мардона медонист,
Аммо ҷангро бо халқи худ асло намедонист…

…Қаҳрамони охирини арсаи Он Ҷангро ин ҷанг кушт,
Саҳнае дар ҷанги нав он гуна нанговар набуд;
Қаҳрамони охиринро ворＩси навҷабҳаи бенанг кушт,
Чунки Ӯ
Дигар пас аз Он Ҷанг ҷанговар набуд…

*Вахш*

**8. Соат**

Дар ин даҳр бо мардуми Олмон
Қиёси дақиқӣ дигар одат аст.
Дар ин мулки халқи ҳақиқӣ дақиқ
Зи ҳар чиз бисёртар соат аст.

Зи ҳар бурҷу ҳар борае мезанад
Яке соате гоҳу бегоҳ занг,
Ки ҳар дам ғанимат бувад, одамо,
Бизӣ одамона, ки вақт аст танг!

*Потсдам*

**9. Ёди ҷанг**

Солҳо аз ҷанг рафт, аммо нарафта то ҳанӯз
Аз дили пурдарди мардум хотироти синасӯз,
Бар алови дил занад доман гузашти солҳо,
Аз таби он солҳо рӯяд ба дил табхолҳо.

Баркушода гӯрҳои куҳна ҳар ҷое даҳан,
Эй аҷаб хуншор монда он ҳама захми куҳан,
Захмҳои ҷангро дар ёд дорад хокдон,
Бо даҳони гӯрҳо фарёд дорад хокдон…

*Душанбе*

ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН

***

Зарра-зарра ҷамъ моро оварида,
Аз ҳазорон пора миллат офарида –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Рӯи ҷилдаш номи миллат шуд ҷаҳонӣ,
«Тоҷикон»-ро кард номи ҷовидонӣ –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Аз хирад ороста рӯҳу равонро,
Тоҷбарсар кард аз нав тоҷиконро –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Чун ғами тоҷик ғамҳои ҷаҳон хӯрд,
Номи тоҷикро ба паҳнои ҷаҳон бурд –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Зиндагиро дод дар роҳи ҳақиқат,
Хоста аз зиндагонӣ ҳаққи миллат –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Баҳри мулку миллаташ бигзашт аз ҷон,
То бимонад ҷовидона Тоҷикистон –
Қаҳрамони Тоҷикистон.

**Садриддин Айнӣ**

Ба давроне, ки тоҷикро нишонаш буду номаш не,
Таҳамтан рӯи Рахшаш буду дар дасташ зимомаш не,
Ҳазорон кох барпо кардаву девору бомаш не,
Яке дунёи садрангаш буду дунё ба комаш не,
Қабули зумраи нотандеҳон ғайри каломаш не,
Ҳаёти бардавомаш буд, умеди бардавомаш не;

Ҳама аз даст рафта, ғайри пуробича дастонаш,
Ҳама афтода аз по, ҷуз бапо имону виҷдонаш,
Нишаста компон нохонда меҳмон бар сари хонаш,
Рабуда маъниаш девонаву девон зи девонаш,
Ҷаҳонаш гашта бесомон пас аз даврони Сомонаш,
Ҳама бемор, аммо нест Сино баҳри дармонаш;

Зи худхоҳон бурида тунд Айнӣ, шуд зи худкоҳон,
Шаҳодатнома сохт аз сад намуна баҳри бадхоҳон,
Бидуни навраҳон роҳе кушод аз баҳри навроҳон,
Бидод огоҳии афзун ба навтахтону навҷоҳон
Ва огоҳии афзунтар ба огоҳу дилогоҳон,
Ки тоҷик ҳаст андар табъу завқ аз дудаи шоҳон!

Вай аз нав асли моро сохт бо хишти суханҳояш,
Тавоно сохт, доро сохт бо хишти суханҳояш,
Душанберо Бухоро сохт бо хишти суханҳояш,
Зи ҳоло азми фардо сохт бо хишти суханҳояш,
Барои мулк дунё сохт бо хишти суханҳояш,
Яке халқи тавоно сохт бо хишти суханҳояш!

**Бобоҷон Ғафуров**

Халқ хонданитар шуд аз китоби Бобоҷон,
Бештар ба хеш омад аз хитоби Бобоҷон.

Бас малол дар бар дошт, сад савол бар сар дошт,
Қоматаш расотар шуд аз ҷавоби Бобоҷон.

Фаслу боби таърихаш шуд китоби таърихаш,
Гуфт банду пайвандаш фаслу боби Бобоҷон.

Гашт заҳри ноёрон ростин ҳиҷоҳояш,
Шаҳди ҳамдилон гардид ҳарфи ноби Бобоҷон.

Ҳарфҳои ӯ нағзанд, донаҳои пурмағзанд,
Серии дилу ҷонҳост осиёби Бобоҷон.

Пурдилони миллатро боз зеби майдон кард,
Хасми камдилашро нест ҳеҷ тоби Бобоҷон.

Кони оҳ таърих аст, пургуноҳ таърих аст,
Ҳафт пушти моро бас як савоби Бобоҷон.

Бин чу тораҳои нур сатрҳои рахшонаш,
Аз ғуруб эмин аст офтоби Бобоҷон!

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бишуд чун ҳоли кишвар танг, бо рӯи кушод омад,
Барои родмардиро намудан марди род омад,
Зи хуршеди нигоҳаш абри навмедӣ бабод омад,
Зи сомон ҷустанаш сомони Сомонӣ ба ёд омад.

Ҷавон буду вале тадбири пирони ҷаҳонаш буд,
Ғами таъриху дарди рӯз андар мағзи ҷонаш буд,
Басо гирдоби қисмат хуфта дар ашки ниҳонаш буд
Ва рӯди обрӯи халқ дар азми аёнаш буд.

Ҷавонмардона барпо хест ӯву азми майдон кард,
Алайҳи нохудогоҳии халқи хеш исён кард,
Сипар худро барои ҷисму ҷони Тоҷикистон кард,
Гузашт аз тирборону Ватанро меҳрборон кард.

Зи халқ афшонда нохудогаҳиву бенишониро,
Тавоно кард расми ҳамдиливу ҳамзабониро,
Замон бахшид ин халқи заминиву замониро,
Накӯ бинмуд бар халқаш нигоҳи зиндагониро.

Чу шуд дар роҳи азми беназираш ҳамназар бо ӯ,
Зи нав гардид соҳиббол халқи муштипар бо ӯ,
Ба нангу номи худ афзуду шуд бисёртар бо ӯ,
Натанҳо халқу мулке, худ ҷаҳоне шуд дигар бо ӯ.

Зи худафрӯзиаш афрӯхт аз нав ахтари тоҷик,
Бишуд бо халқи худ болиданаш болу пари тоҷик,
Бурун овард аз некӯ садафҳо гавҳари тоҷик,
Зи нав бигзошт ӯ тоҷи каёнӣ бар сари тоҷик.

Дигар иқболи мардумро нигар, иқболи ӯро бин,
Ба ҳар сӯе биёрад рӯй, истиқболи ӯро бин,
Накӯ омоли ӯро бину некӯ фоли ӯро бин,
Яқин ворастагии мулк – Истиқлоли ӯро бин!

Дигар ӯ нест ӯ, симои халқи Тоҷикистон аст,
Ба дунё ҷилвагар дунёи халқи Тоҷикистон аст,
Аз ӯ минбарбаланд овои халқи Тоҷикистон аст,
Умеди рӯшанаш фардои халқи Тоҷикистон аст!

**Мирзо Турсунзода**

То абад дар ҳар куҷо халқе агар озода аст,
Посдори азму назму разми Турсунзода аст.

То яке аз дӯстони сулҳ дар дунё бувад,
Номи ӯ бо дӯстиву сулҳ ҳаммаъно бувад.

Ҳарфи дилро ҳалқа-ҳалқа ҳамчунон занҷир баст,
Дар ҳама ҷо лек занҷири асоратро гусаст.

Сатрҳояш роҳҳои рост сӯи оламанд,
Раҳнамои одамӣ бар қалби поки одаманд.

Андар ин раҳ достонӣ кард халқи хешро,
Бо ҷаҳонӣ дил ҷаҳонӣ кард халқи хешро.

Рӯи оламро ба пеши халқи худ овард ӯ,
Тоҷикистонро ба олам ошнотар кард ӯ.

Миллаташ бо чашми ӯ неку бади дунё шинохт,
Халқи олам рӯи ӯро диду тоҷикро шинохт.

Халқи тоҷик то абад дилпарвару дилдода монд,
Ҷовидон озода бо он шоири озода монд!

**Нусратулло Махсум**

Ман диёри поки фарҳангофарони бофарам,
Дар арақҳои ҷабини хешу хуни дил тарам.

Баҳри ман коҳонда ҷон фарзандҳоям бешумор,
З-ин сабаб ҳамдасти даҳрам инчунину пойдор.

Асри бисту турктозиҳои он дар ёдҳост,
Монда андар ёди ман аз он замон бедодҳост.

Аз худиҳо нолам ин дам ман, на аз бегонаҳо,
Асли худ карданд бас инкор чун девонаҳо,

Аз барои ҷоҳ тифли миллати дигар шуданд,
Миллати худро зи ҷонӣ хасм ҳам бадтар шуданд…

Тоҷикистонам, диёри поку бино мардумам,
Буд як тан поку бино Нусратулло Махсумам,

Чун ба дасти гургҳо шуд пора-пора мулки мо,
Ӯ ба нанги тоҷикӣ бархост зидди гургҳо.

Талху шӯр ашки алам дар чашму хашм андар гулӯ,
Пораҳои мулки хунолуди худ бистонд ӯ.

Гуфт: аз каф гар Самарқанду Бухоро рафтааст,
Тоҷиконро кай фари дерини Доро рафтааст?

Дар Ватан бунён Самарқанду Бухоро мекунем,
Мулку миллатро зи нав манзури дунё мекунем!

Ҷон ба каф, дил пуршарар хидмат ба миллат кард ӯ,
Мулкро берун аз он хориву зиллат кард ӯ.

Гарчи насли гургҳо бинмуд охир пораш,
Миллаташ барҷой монду пурзиё истораш.

**Ширинш о Шотемур**

Назар кард ӯ чу бар боми Ватан аз Боми Дунёяш,
Дилаш ларзид аз оғоз бар фарҷоми дунёяш,
Ватанро дид – набвад ҷуз алам инъоми дунёяш,
Дару деворҳо бишкаста аз айёми дунёяш
Ва миллатро – ҷаҳон ноком андар коми дунёяш,
Гарон хобонда ӯро маҳди нооромии дунёяш.

Агарчӣ буд Ширинш о, на ширин буд коми ӯ,
Фақат дар зиндагии талх ширин буд номи ӯ
Ва ширин ҳамчу номаш буд лафзи ӯ, каломи ӯ,
Ки ширин карда гуфтанро забони поки моми ӯ;
Чу ширин кардани фардои миллат шуд мароми ӯ,
Бишуд фардои ширин ҳамчу умри бардавоми ӯ.

Бигуфто бо алам: бархез, эй халқи азизи ман,
Барои ин Ватан бистез, эй халқи азизи ман,
Ба гургу бо шағол овез, эй халқи азизи ман,
Шикан ин ҷоми заҳромез, эй халқи азизи ман,
Шавад то кишварат гулбез, эй халқи азизи ман,
Ба роҳаш хуни дил мерез, эй халқи азизи ман!

Зи ҷон бигзашту андар ҷону дилҳо ёди ҷонаш монд,
Шаҳиди роҳи миллат гашт Рустам, достонаш монд,
Ғуруру нанги миллат ҳамчу файзи ормонаш монд,
Бухороҳои армон дар диёри зарфишонаш монд,
Забонаш монд барҷо, мардуми ширинзабонаш монд,
Дару боми Ватан обод чун Боми Ҷаҳонаш монд!

## ҚАСИДАИ РОҒУН

### Дуруди мардум

Дуруд, эй кӯҳсори сарбаафлок, -
Эй мазҳари обҳои пок!
Дуруд, эй олиҳаи об, -
Аноҳитои рӯшантар аз Офтоб!

Мо ҳамагонем миннатдори шумо
Ва аз ҷон шукргузори шумо,
Ки оби покатон,
Чун равонбахшо хун
Мекунад зӯри моро афзун
Ва бо беназир покии афлокӣ
Талқин мекунад бар мо покӣ!

Суҷуд ба Аҳуро!
Суҷуд ба олиҳаи об – Аноҳито!
Суҷуд ба обҳо –
Ба ин неъмати бебаҳо!
Суҷуд ба ин кӯҳҳо,
Ки пур аз чашмаи сафоянд!
Суҷуд ба ин чашмаҳо,
Ки нурбахши ҳар чашми биноянд!
Суҷуд ба ин обҳо,
Ки обрӯбахши моянд!

Ба ин диёри малакут –
Ба ин кӯҳсори пурсукут,
Ба ин гӯё силсиларӯд
Суҷуд!
Суҷуд!
Суҷуд!

### Дуруди Аноҳито

Дуруд, эй мардум, -
Эй дар замин нусхаи анҷум!
Фиристодем ба шумо обҳо,
Ки бошед аз шумори шодобҳо!
То бибахшад оби равон бар равонатон зӯр
Ва биафзояд нураш бар чашмонатон нур!
То сари сабзатон бибахшад сарсабз киштаҳоятон
Ва дармонгиёҳаш бибахшад давоятон!
То аз ҷилои заррин донаҳои гардум
Бидурахшад чашмонатон мисли анҷум!

Инак,
Аз шумост ин обҳо!
Бихонед ҳар ҷӯяашро чун сатри обдори китобҳо!
То раҳнамо бошад шуморо ҷониби покӣ,
То дарёбед

Аз ҳар ҷӯяи чун як тора нури офтобаш
Беғашии афлокӣ!

Фузун бод оби рӯду ҷӯятон!
Фузунтар аз он – обрӯятон!

***

Ин ҳама обе, ки рӯду наҳру ҷӯи тоҷиканд,
Чун ба ҳам оянд, Баҳри Обрӯи Тоҷиканд!

То ба кай бо оҳу бо афсӯс бояд сохтан? –
З-оби кишвар баҳру уқёнус бояд сохтан!

Сохтан то чанд бо ин сардрӯёни дурӯ? –
Дар шино бояд шудан дар оби гарми обрӯ!

Як назар кун, тоҷико, инак, ба оби хештан,
Андар он бин чеҳраи чун офтоби хештан!

Андар он бикшода чашмони кушодатро бибин,
Кам мабин, ин чашмтангони зиёдатро бибин!

Обрӯ ҳам гар ба ҷо монад, бигандад бегумон,
Дар шино бояд шудан, рафтан ба паҳнои ҷаҳон!

Обҳоро пуштурӯ бояд кушудан баъд аз ин,
Обҳоро обрӯ бояд намудан баъд аз ин.

Бешитоб омӯхтан бояд шитоби обҳо,
Сатрҳои гарму пурнури китоби обҳо.

Баҳрҳоят ҷумла баҳри зӯр боду баҳри нур,
Чашмаҳо бодо фаровон, чашми бад з-ин баҳр дур!

Ҷовидон бодо равон сад рӯд оби рӯшанат,
Ончунон бодо равон низ оби чашми душманат!

Зар шавад ҳар қатра обат, зар шавад ҳар зарра хок,
Зар бувад ҷону дили покат, аё эй халқи пок!

Миллати нуронии ман, миллати нурофарин,
Эй дилат бо офтоби гарму нуронӣ қарин,

Нахли нур андар ҷаҳони тирадил парвардаӣ,
Даҳрро бо нури ақлат гарму рӯшан кардаӣ.

Ҳар китобат кони нуре андар ин дунё бувад,
Кони нури дигарат санъат бувад, хунё бувад.

Нур меборад зи ҳар коху манорат, миллатам,
Аз ғуруру нангу аз номусу орат, миллатам.

То ки хуршеди дилат дар сина бошад нурбор,

Манзилат, эй кони нору нур, бошад нурбор.

Бо ҳама ин нуру гармӣ лоиқи дунё туӣ,
Ёвари арзандаи Хуршеди беҳамто туӣ.

Ёвари Хуршедиву хуршедҳое дар замин
Сохтӣ ту бо ниёзи тинати нурофарин.

Норакат – он иқтибоси нору нури офтоб
Чашми рӯшан бошадат, ҳам гармии дил беҳисоб.

Сангтӯда – қиссаи хушномии буду набуд
Нури чашму нури уммеди туро афзун намуд.

Баҳри фардо бо накӯ уммедҳои дигаре
Сохтан бояд кунун хуршедҳои дигаре.

Инак, аз роҳи умедат файзи гуногун расид,
Нурбахшои ду чашми орзӯ – Роғун расид.

Боғи ту Роғун, дили бедоғи ту Роғун бувад,
Ҷониби сарбаста дунё роғи ту Роғун бувад.

Фикри нуронӣ бикун, андешаи Роғун бикун,
Баҳри подории Роғун ҳиммататро ғун бикун.

Нури чашматро равон бар хонаи дилҳо бисоз,
Риштаи ҷонро давоми сими ноқилҳо бисоз,

Такяи ҳар симчӯби нурбардӯшат бишав,
Сарбаланди кӯҳи сангу дашти гулпӯшат бишав.

Дар миёни тангчашмонӣ, нигоҳатро кушо,
Пеши дарёро бибанду пеши роҳатро кушо!

Оби Роғун кай бувад гил? – оби дилпарвар бувад,
Қисмати кишвар бувад, обугили кишвар бувад!

Қатра-қатра ҳамчу ганҷ он ҷамъ гардад, ҷони ман,
Босафо ҳар қатрааш сад шамъ гардад, ҷони ман.

Ҷамъ қандили азиме мешаванд ин шамъҳо,
Хоки покат мешавад пур азситора чун само,

Ҳар куҷое бингарӣ дигар, пур аз нур аст, нур,
Ҷумла роҳатро ба роҳи Каҳкашон пайваст нур.

Зулматат раҳгум занад, чун мулк нуронӣ шавад,
Душманат ҷонӣ намонад, дӯстат ҷонӣ шавад.

Нур ақлу нур бахту нур хуш иқболи туст,
Нур боли туст, эй ҷон, асли истиқлоли туст.

Бо шукӯҳи дилписанди пеш бар худ такя кун,

Ҳамчу кӯҳи сарбаланди хеш бар худ такя кун.

Бо ту зӯри маънавӣ боду ғурури паҳлавӣ,
Бо ту ақли маснавӣ бодову нури мавлавӣ.

Гар шавад кӯҳе туро монеи раҳ, барбод бод,
Кӯҳкан фарзандҳоят ҷумла чун Фарҳод бод!

**Қоил зи Роғун**

Кишвар ҳама шуд ҳамгил зи Роғун!
Миллат ҳама шуд ҳамдил зи Роғун!

Бар миллати нур бо ҳиммати нур
Шуд сураи нур нозил зи Роғун!

Шуд чашми хонбин чашми ҷаҳонбин,
Шуд рӯҳи коҳил қобил зи Роғун!

Кай ғайри доғаш созад суроғаш,
Ҳар дил, ки монад ғофил зи Роғун!

Бенур дил ҳам, маъзур дил ҳам
Бар нур гардид моил зи Роғун!

Шуд тира ин тан – бори туву ман
Бар ҷони рӯшан ноил зи Роғун!

Боло шуд аз ӯ дасти ҳама дӯст,
Пои адӯ шуд дар гил зи Роғун!

Бас шамъи рӯшан шуд ҷамъи рӯшан,
Шуд ҷамъи рӯшан маҳфил зи Роғун!

Қоил ба ҳар кас будем аз ин пеш,
Бар хеш гаштем қоил зи Роғун!

**Аз саҳмияи Роғун**

Эй дил, ки шудӣ хушдил аз саҳмияи Роғун,
Бар азми Ватан қоил аз саҳмияи Роғун,

Фардо-т шавад рӯшан, саҳро-т шавад гулшан,
Дунё-т шавад ҳамтан аз саҳмияи Роғун!

Бошад сари болоят, андешаи вилоят,
Пурнурии фардоят аз саҳмияи Роғун!

Дунё ҳунарат донад, бонангу фарат хонад,
Тоҷат ба сарат монад аз саҳмияи Роғун!

Дар давраи сармоя ҳамсоя нашуд соя,
Бархезу биҷӯ воя аз саҳмияи Роғун!

Бошад дили масрурат, кошонаи пурнурат,
Хуш маҳфилу хуш сурат аз саҳмияи Роғун!

Дар мактаби пуратфол шогирд шавад хушбол,
Устод шавад хушҳол аз саҳмияи Роғун!

Сад шӯру мағал гум бод, ғавғои маҳал гум бод,
Тории азал гум бод аз саҳмияи Роғун!

Роғун нафақат роғ аст, сад киштаву сад боғ аст,
Фардои ту бедоғ аст аз саҳмияи Роғун!

Дар рӯшании фардо бо рӯшании дилҳо
Бингар ту ба саҳми мо аз саҳмияи Роғун!

**Фасли нуру нори Роғун мерасад!**

Нури Роғун бо ҳазор омоли нав
Мерасад чун бахту чун иқболи нав,
Чун фурӯзон мешавад бо фоли нав,
Мешавад як рӯзи истиқлоли нав!

Халқи моро рӯи гулгун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

НОБ-и оддӣ нест, сӯзу сози мост,
Баҳри фардои Ватан овози мост,
Як дари бар сӯи ваҳдат бози мост,
Балки нерӯгоҳи миллатсози мост!

Ваҳдати ҳамрӯҳу ҳамхун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

То шавад рӯшан Ватанро анҷуман,
Дашту саҳрояш шавад боғу чаман,
Ҳамватан бо зӯру азми Кӯҳкан
Мекунад бунёд фардои Ватан.

Сад умеди рӯзафзун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

Азми инсонист дар Роғун аён,
Кӯшиши ҷонист дар Роғун аён,
Бахти кайҳонист дар Роғун аён,
Нури раҳмонист дар Роғун аён! –

Ин садо дилҷӯю мавзун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

Эй Ватан, нанги ватандорӣ бибин,
Асли фарҳанги ватандорӣ бибин,
Бар лаб оҳанги ватандорӣ бибин,
Дар бар авранги ватандорӣ бибин.

Нангу номусро, нигар, чун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

НОБ-и Роғун орзӯи миллат аст,
Оби Роғун обрӯи миллат аст,
Боғи Роғун рангубӯи миллат аст,
Нури Роғун нури рӯи миллат аст!

Тоҷикистон сарбагардун мерасад,
Фасли нуру нори Роғун мерасад!

**Шодбошӣ**

Қишлоқаки Чортутро буд анор,
Метофт зи хандаи анор он чу баҳор,
Чун хест баланду рост Абдулло Ёр,
Дар як лаби Чортут рӯид чанор!

Эй Ёр, ту дидори муборак дорӣ,
Пур сина зи нуру нори Норак дорӣ,
Аз меҳру вафову лутфу хушгуфторӣ
Баҳри ҳама хушдилӣ қаторак дорӣ!

Рӯшандиливу тобу табат рӯшанӣ аст,
То субҳдамон вирди шабат рӯшанӣ аст,
Дар бетобӣ ба меҳру маҳ менигарӣ,
Яъне, ки давои дил ҳабат рӯшанӣ аст!

Рӯшандилӣ, офтоби дил ҳаст туро,
Аз ҳарфи вафо китоби дил ҳаст туро,
Рӯшан зи ту манзилу дили ёрон аст,
Гардон чу ба сина НОБ-и дил ҳаст туро!

Дидӣ ба замона кину кардӣ тамкин,
Бар тирадилон нур намудӣ талқин,
Бе шаст ба шаст омадаӣ, сад таҳсин,
Шасти ту ду шаст бод, эй Ёр, омин!

**Кошонаи нур**

Ганҷи дили ту ба кӯҳи Сандуқи ту буд,
Дасти хиради замона сандуқ кушуд,
Аз симу зари ту мулк шуд доротар,
Аз нури ту чашми мулк шуд бинотар.

Норак, Норак, чашми ту - кошонаи нур,
Норак, Норак, чашми бад аз рӯи ту дур!

Норак, Норак, ҷаҳони дигар Норак,
Аз меҳри дилӣ гарму мунаввар, Норак,
Аз нури ту кӯҳу рӯди ту нуронист,
Аз меҳри дилат вуҷуди ту нуронист.

Норак, Норак, чашми ту - кошонаи нур,

Норак, Норак, чашми бад аз рӯи ту дур!

Дар хоки Ватан ту хоку оби дигарӣ,
Дар синаи кишвар офтоби дигарӣ,
Ҷони Ватан аз ту гарму пурнуртар аст,
Рӯз аст шабаш аз туву шомаш саҳар аст.

Норак, Норак, чашми ту - кошонаи нур,
Норак, Норак, чашми бад аз рӯи ту дур!

**Гашт ҷорӣ чашмае…**

Гашт ҷорӣ чашмае аз қалби кӯҳ
Бо тарона, бо тараннум, бо шукӯҳ,

Раҳбараҳ полуд охир, пок шуд,
Акс дар оинааш афлок шуд.

Бо талош аз хору аз хасҳо гузашт,
Раҳбараҳ аз садди нокасҳо гузашт.

Эй басо ҳам раҳбараҳ ҳамроҳ ёфт,
Ҳамраҳони поку дилогоҳ ёфт.

Парчами озодагӣ афрошта,
Бандагиро пушти сар бигзошта,

Таҳбатаҳ дар хеш ҷӯшон оқибат,
Шуд яке рӯди хурӯшон оқибат.

**Ориёи ман**

Дар олами пареш беҳин анҷуман туӣ,
Дар чор фасли хотира боғу чаман туӣ,
Мулки дили ману ватани рӯҳи ман туӣ,
Мероси беназири манӣ аз ниёи ман,
Эй Ориёи ман!

Бар тирагӣ ту рӯшанӣ аз санг додаӣ,
Бар дашту беша нусрати фарҳанг додаӣ,
Бар ҳар диле ту нури фару нанг додаӣ,
Аз ту бувад сафои дили ман, зиёи ман,
Эй Ориёи ман!

Сад раҳ ба сӯи асли дилу ҷон кушудаӣ,
Бо офарандагӣ фари инсон фузудаӣ,
Ризқи фарохи рӯҳу тани ҷумла будаӣ,
Эй файзи обу донаи ман, осиёи ман,
Эй Ориёи ман!

Дар чор фасли даҳр баҳори ту зинда аст,
Афкору кору шеъру шиори ту зинда аст,
Нанги ту ҷовидонаву ори ту зинда аст,
То зиндагист, зиндаӣ, эй Ориёи ман,

Эй Ориёи ман!

## Шиор

Аз некномон
сад қулла дорем,
Бо қуллаҳомон
чун кӯҳсорем,
Ҳар як чу як кон
ганҷи диёрем.

На инпарастем,
на онпарастем,
Якрӯю якдил
имонпарастем,
Раҳмоншиорем,
Яздонпарастем.

Нори дили мост
аз нори некӣ,
Бори дили мост
осори некӣ,
Ёри дили мост
ҳар ёри некӣ.

На инпарастем,
на онпарастем,
Якрӯю якдил
имонпарастем,
Раҳмоншиорем,
Яздонпарастем.

Нуру зиёмон
пиндори нек аст,
Бар каф асомон
гуфтори нек аст,
Қадди расомон
рафтори нек аст.

На инпарастем,
на онпарастем,
Якрӯю якдил
имонпарастем,
Раҳмоншиорем,
Яздонпарастем.

## Қаҳрамони Ваҳдат

Чун халқи холиқи мо ҳар сӯ зи ҳам ҷудо шуд,
Беҷо ба зери гардун барҷои мо зи ҷо шуд,
Ҳарфи муҳаббати ту, ҳарфи зи ваҳдати ту
Бар ҷумла ҷони хаста монандаи даво шуд.

Номи туро нависем, эй қаҳрамони ваҳдат,

Бо оби ноби тилло дар тоқи қасри миллат!*

Номус парчамат шуд, то ёди нанг кардӣ,
Дар роҳи сулҳи миллат бо ҷанг ҷанг кардӣ,
Садҳо гиреҳ кушодӣ, пайваста қалбҳоро,
Бо меҳр сад бағалро холӣ зи санг кардӣ.

Номи туро нависем, эй қаҳрамони ваҳдат,
Бо оби ноби тилло дар тоқи қасри миллат!

Ҳар роҳи ту чу роҳи бахти сафеди халқ аст,
Нерӯгаҳат чу барқи чашми умеди халқ аст,
Чун марди ваҳдатовар ҳастӣ саодатовар,
Ҳар рӯзи неки умрат рӯзи саиди халқ аст.

Номи туро нависем, эй қаҳрамони ваҳдат,
Бо оби ноби тилло дар тоқи қасри миллат!

Сад минбари баландат маъвои роз бодо,
Иқболи халқи хешат умре ниёз бодо,
Кӯтоҳ агар бигӯем, сӯи саодати халқ
Дастат дароз бодо,умрат дароз бодо!

Номи туро нависем, эй қаҳрамони ваҳдат,
Бо оби ноби тилло дар тоқи қасри миллат!

---

**Аз устод Бозор Собир*

**Таронаи Ватан**

Дар ин ҷаҳон моро ту баҳори дил додӣ,
Ба дил зи меҳри ту шукуфад гули шодӣ,
Агар харобӣ ту, набувад дилободӣ,
Туро будан банда бошад асли озодӣ!

Ту ору ормонӣ,
Ту хуштар аз гумонӣ,
Барои мо ҷаҳонӣ, эй Ватан, эй Ватан!

Ватан, Ватан, танҳо туӣ асли дилшодӣ,
Ватан, Ватан, бе ту набувад дилободӣ!

Ба арш агар хайма занем,
Зи файзи ту мову манем,
Дил аз ҷаҳон биканем, аз ту дил наканем!

Ту ору ормонӣ,
Ту хуштар аз гумонӣ,
Ки мо тану ту ҷонӣ, эй Ватан, эй Ватан!

Ватан, Ватан, танҳо туӣ асли дилшодӣ,
Ватан, Ватан, бе ту набувад дилободӣ!

Зи оби чашми ману мо,
Зи хоки ҷисми ману мо,

Зи оташи дилу аз боди оҳи мову манӣ -
Ватанӣ!

Дар ин ҷаҳон моро ту баҳори дил додӣ,
Ба дил зи меҳри ту шукуфад гули шодӣ,
Агар харобӣ ту, набувад дилободӣ,
Туро будан банда бошад асли озодӣ!

Ту ору ормонӣ,
Ту хуштар аз гумонӣ,
Ки мо тану ту ҷонӣ, эй Ватан, эй Ватан!

Ватан, Ватан, танҳо туӣ асли дилшодӣ,
Ватан, Ватан, бе ту набувад дилободӣ!

**Кишвари муқаддас**

Аз бенишон замонҳо ҳамчун нишон расидӣ,
Аз зулмати замонҳо равшанравон расидӣ,
Аз талхии замонҳо ширинзабон расидӣ,
Чун як ҷаҳон ту моро дар ин ҷаҳон расидӣ.

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

Шаҳбози давлати мо, парвози ту баланд аст,
Яктои қисмати мо, азми дилат дучанд аст,
Кӯҳи ту кони ганҷу рӯҳи ту кони панд аст,
Имрӯзи ту дилоро, фардот дилписанд аст!

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

Озодаи замонҳо, озодиат муборак,
Шодии ҷону дилҳо, дилшодиат муборак,
Ширин бувад талошат, фарҳодиат муборак,
Бунёдкори фардо, ободиат муборак!

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

**Нақби нақибат**

Ин нақбро нақибати мо офаридааст,
Бо тешаи матонати мо офаридааст.

Фарҳоди давр ҷӯи вафоро ба кӯҳи вақт
Ёдовари садоқати мо офаридааст.

Аз обрӯи халқ расондаст обуранг,
Аз орзӯю нийяти мо офаридааст.

То ҳамдилон ҳамеша ба ҳам бехалал расанд,
Аз тору пуди ваҳдати мо офаридааст.

Ин нақб роҳи тоза суи худшиносӣ аст,
Онро хирад зи тинати мо офаридааст.

Ин нақб нест, сӯи ҷаҳонаш тавони ақл
Чун равзани саодати мо офаридааст.

Нақбе ба кӯҳ нест, ки чашме ҷаҳоннигар
Дар ҳайкали шаҳомати мо офаридааст.

Он роҳи равзаест, ки гулкор панҷаҳо
Дар мулки ҳамчу ҷаннати мо офаридааст.

Эъҷозро табиати зебописанди мо
Дар сафҳаи табиати мо офаридааст.

Як ёдгори тобаабад дасти рӯзгор
Аз зиндагии қимати мо офаридааст.

Манзилбар он раҳест, ки табъи баланди халқ
Чун шоҳсатри ҳикмати мо офаридааст.

Нақбест ин, ки давлати раҳбину раҳкушо
Дар роҳи бахту давлати мо офаридааст.

Нақбе пур аз сафо чу нигоҳе пур аз вафо
Аз гавҳари шарофати мо офаридааст.

Аз байн бурда иллати ин роҳи бастаро,
Роҳе ба рӯҳи миллати мо офаридааст.

Нақбест ин, ки пайкараи қадри халқро
Аз санги нангу қудрати мо офаридааст!

**Мавҷи Варзоб**

Аз ҷоми умри ҷовид хаммор мавҷи Варзоб,
Сармаст мешитобад ҳушёр мавҷи Варзоб.

Ҳар кӯҳааш чу кӯҳест, авҷофари шукӯҳест,
Ганҷи равона дорад куҳсормавҷи Варзоб.

Зераш бибину авҷаш, хуш печутоби фавҷаш, -
Як ҷилва ҳам надорад такрор мавҷи Варзоб.

То бекарони водӣ, то ҷовидони шодӣ
Дар авҷи хеш дорад гулзор мавҷи Варзоб.

Чун сӯи авҷ роҳӣ, як умр авҷхоҳӣ
Дар синаҳо бимонад осор мавҷи Варзоб.

Чун шеър ҷовидон аст, чун ишқ бехазон аст,
Бо шоир асту ошиқ ҳамкор мавҷи Варзоб.

Саркаш чу шоиронаш, сархуш чу ошиқонаш,
Дорад аз ин ду хислат бисёр мавҷи Варзоб.

Дар сабқати равонаш афтод ҷумла аз по,
Аммо нарафта аз даст подор мавҷи Варзоб.

Хобида пурхумораш сад маст дар канораш,
Дар синаҳои мастон бедор мавҷи Варзоб.

Ҳар нозарури моро, мавҷи ғурури моро
Ҳамвора менамояд ҳамвор мавҷи Варзоб.

Чун рамзи сарбаландӣ дар авҷи худ кашида
Сарпастии ҷаҳонро бар дор мавҷи Варзоб.

Эй кош монад ин сон ҳамсоғари дилу ҷон,
Аз мастии сари мо саршор мавҷи Варзоб!

**Шаҳпояи гардун**

Раҳаш то манзилу дил зинароҳ аст,
Раҳе то хонаи хуршеду моҳ аст,
Парад чашмаш, давояш барги коҳ аст,
Гиёҳаш раҳбараҳ дармонгиёҳ аст.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба нангу ному ори Тоҷикистон
Ниҳода ҳайкале мавзун Бадахшон!

Ба ҳар сӯ бингарӣ, кӯҳ асту кӯҳе,
Гурӯҳи нанг ё нанги гурӯҳе,
Шукӯҳи кӯҳ ё кӯҳи шукӯҳе,
Шукӯҳаш ҳифз дар киштии Нӯҳе.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Намояд бо шукӯҳу кӯҳаш осон
Ҳама пурдидаро мафтун Бадахшон!

Бувад ҳарчанд кони лаъли дилҷӯ,
Писандад бештар лаъли сухангӯ,
Сухан ин ҷост волотар зи луълӯ,
Наво онро барад то авҷи минӯ.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба созу роз бар тори дилу ҷон
Басо форам занад нохун Бадахшон!

Варо хунё ба хуну хун ба хунёст,
Навояш куҳнатар аз куҳнадунёст,
Агарчӣ заҳматаш аз қулла болост,
Тарабхоҳу тарабзебу тарабзост.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Зи нангу ном зери чархи гардон
Бувад бо чеҳраи гулгун Бадахшон!

Вафову меҳри арзонист ин ҷо,
Сафову сидқи раҳмонист ин ҷо,
Шукӯҳи кӯҳи Сомонист ин ҷо,
Бухорои бадахшонист ин ҷо!

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба кохи нанги миллат монда аз ҷон
Зи ҳар шаҳқулла шаҳустун Бадахшон!

Бувад ҳар қулла як ҳамтои тоҷик,
Қавӣ як пайкари барҷои тоҷик,
Нигаҳ кун бар сари болои тоҷик:
Баланд аст аз фалак дунёи тоҷик!

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба кӯҳи нангу ному шавкату шон
Бибахшад қуллаҳо афзун Бадахшон!

**Душанбе**

Ҳафтаам бо номи ту сар мешавад,
Моҳам аз меҳрат мунаввар мешавад,
Чор фасли сол ҳастам ҳамбарат,
Саргузашти ман гузашта аз сарат.
Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Раҳ ба раҳ чун ёри роҳи ман бувад,
Ҳар дарахтат такягоҳи ман бувад,
Ҳар чароғат ахтари бахти ман аст,
Ҳар харак дар боғи ту тахти ман аст.
Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Ҳам дили ман, ҳам дилорои манӣ,
Тахти Сомону Бухорои манӣ,
Ному кому шири дар қанди манӣ,
Рӯҳи Айниву Самарқанди манӣ.
Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Эй Душанбе, эй сари ҳар ҳафтаам,
Бо ту меояд умеди рафтаам,
Моҳу солам бо ту афзун мешавад,
Зарра-зарра асли ман ғун мешавад.
Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,

Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Ҳафт рӯзи ҳафтаам саршори туст,
Солу моҳи рафтаам саршори туст,
Бошад эй кош аз ту пур ояндаам,
Бо ту бошам ҳамнафас, то зиндаам.
Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

## Шаҳри уммед

Аз канорат ҳар саҳар чун бигзарам,
Маҳви рӯят, сӯят афзун бингарам,
Ҷони ман болад, дили ман пар занад,
Рӯҳи ман бар авҷи покат пар занад.

Эй Душанбе, шаҳри уммеди дилам,
Мазҳари диди дилам, иди дилам!

Мешиносам ҳар гулу хори туро,
Назду дуру ёру ағёри туро,
Дар дили ман реша дорад ҳар гулат,
Бо лаби ман месарояд булбулат.

Эй Душанбе, шаҳри уммеди дилам,
Мазҳари диди дилам, иди дилам!

Бо ту чун ман нест дорои дигар,
Зеби фардоиву фардои дигар,
Бо ту монад зинда номи халқи ман,
Эй Самарқанду Бухорои дигар!

Эй Душанбе, шаҳри уммеди дилам,
Мазҳари диди дилам, иди дилам!

## Ҷаҳони тоҷикон

Диёри чун баҳор –
Диёри чун баҳор бехазони тоҷикон,
Баҳори беғубор –
Баҳори беғубору ҷовидони тоҷикон,
Диле кушоду пок –
Диле кушоду пок чун макони тоҷикон,
Ҳамин бувад,
Ҳамин бувад, дило, ҳамин ҷаҳони тоҷикон!

Алайҳи ҳар хазон,
Алайҳи ношукуфтан аст ҳар қиёми ту,
Шукуфтани ҳама,
Шукуфтани ҳама ҷаҳон бувад мароми ту,
Низом ёфт,
Низом ёфт зиндагонӣ аз низоми ту,
Ба лавҳи даҳр,
Ба лавҳи даҳр дарҷ гаштааст номи ту.

Зи ғунчаи умед,
Зи ғунчаи умеди туст даҳр гулфишон,
Аз офтоби рӯ,
Аз офтоби рӯи туст гармии ҷаҳон,
Ҳамеша монд,
Ҳамеша монд дар ҷаҳон зи ҳимматат нишон
Баҳори сабз,
Баҳори сабзи бехазон, баҳори ҷовидон.

Ҷаҳон, аё Ватан,
Зи ғунчаи умеди туст гулфишон,
Аз офтоб,
Аз офтоби меҳри туст гармии ҷаҳон,
Ту нестӣ як обу гил,
Туӣ дилу баҳори дил,
Баҳори умри тоҷикон туӣ,
Ба даҳри ҷовидона ҷовидон туӣ!

**Суруди сол**

Таронаҳо сурудаем зи шавқи дил, зи шӯри дил,
Ба ҷумла роз гуфтаем зи оҳи дил, зи сури дил,
Бимон, чу набз ҷо шавад суруди мо ба ҳар диле,
Бимон, ки ҳар диле расад зи савти мо ба манзиле!

Зи ишқи мо суруди мо ба ҳар куҷо сафо барад,
Паёми дил, паёми ҷон ба ҳар диле зи мо барад,
Ба дарди дил, ба дарди ҷон таронаҳо даво шаванд,
Ба ҷони кас наво шаванд, ба чашми кас зиё шаванд.

Таронаҳо садо кунанд, зи бахти мо садо кунанд,
Ба ҳар диле хаёли хуш, умеди тоза ҷо кунанд,
Таронаҳо садо диҳанд зи ҷони ту, зи ҷони ман,
Зи ҳар яке расад ба гӯш таронаи дили Ватан.

**Баҳори Ватан**

Расида бо гули қатор
Баҳори тозаат, диёр,
Баҳори хуррамат, Ватан,
Сафои ҷони мову ман!

Зи хоки поки гулниҳод
Гули умед руста бод,
Бирӯяд аз чаҳор сӯ
Гули сафеди орзӯ!

Ба боғ бод гулфишон
Гули ҳаёти бехазон,
Ба шохаҳои ҳар дарахт
Нишаста бод мурғи бахт!

Ту дидаӣ ҳазорҳо

Ба зиндагӣ баҳорҳо,
Ҳазор сад ҳазор бод,
Ҳама накӯ баҳор бод!

Сано ба азми боғбон,
Ки бо ту монда ҷон ба ҷон,
Раҳи хазон буридааст,
Баҳорат офаридааст!

Баҳори тозарӯ бимон,
Ҷаҳони орзӯ бимон,
Шукуфта бод ҳар рухат
Зи рӯзгори фаррухат!

Баланд бод рӯҳи ту
Чу қуллаҳои кӯҳи ту,
Баландиҳои рӯҳи ту
Фузун кунад шукӯҳи ту!

**Бодинаврӯзсувор**

Нафаси гарми баҳорӣ, суманак,
Муждаи сабза биёрӣ, суманак,
Бӯи эҳё бирасонӣ ба димоғ,
Бодинаврӯзсуворӣ, суманак!

Суманак, боз биё, соф чу оина биё,
Хушдилу тоза чу ҳаммаҳфили дерина биё,
Сурхии лолаи тар бар рухи сабзина биё,
Дилкушо чун нафасу чун ҳаваси сина биё!

Суманак, худ суманӣ ту,
Бӯи боғу чаманӣ ту,
Серии мову манӣ ту,
Чашми сери Ватанӣ ту!

Суманак, роҳати ҷонӣ,
Шодии пиру ҷавонӣ,
Азалӣ рамзи аёнӣ,
Абадӣ сабз бимонӣ!

Нашавӣ, эй суманак, гум,
Ки туӣ шодии мардум,
Аз ту сад хӯша табассум,
Хонаҳо пур-пури гандум!

Бизанӣ ҷӯш ту гоҳе, дили мо ҷӯш занад,
Аз дили пиру ҷавон созу наво ҷӯш занад,
Шавқ дар ҷӯш бувад, гар суманак дар ҷӯш аст,
То саҳар савти хуши базми тараб дар гӯш аст!

Суманак, бӯи хуши наврӯзӣ,
Маҳфили содаи меҳрафрӯзӣ,
Оташи поки сабақомӯзӣ,

Гумзаданҳои дили дилсӯзӣ!

Суманак дар ҷӯш, мо дар ҷӯшем,
Суманак сабзаву мо гулпӯшем,
Суманак гандуму гандумгунем,
Хирмани ин Ватанем, афзунем!

Ту биҷӯшиву шавад ҷӯши ҳавас ҳосили мо,
Пури гандум бишавад аз рухи ту манзили мо,
Нав шавад аз рухи ту шодии ин мулки куҳан,
Ишқи дилдор биҷӯшад ба дилу ишқи Ватан!

Чун суман рустаиву гулшани моӣ, суманак,
Зеби ҳар хонаву хон, хирмани моӣ, суманак,
Гармии маҳфили мо, гулхани моӣ, суманак,
Шуълаи чашму дили рӯшани моӣ, суманак!

Суманак, аз суманат рӯҳи равон сабз шуда,
Ҳаваси сабз шудан дар дилу ҷон сабз шуда,
Давр сарсабз расидасту замон сабз шуда,
Сабз дар сабз ҳама рӯи ҷаҳон сабз шуда!

Лаби дегат – лаби гӯё,
Гӯшааш – гӯшаи дунё,
Сӯи ту гӯши дили мо,
Туӣ ҳамҷӯши дили мо!

Фасли гулпӯш ту дорӣ,
Дили пурҷӯш ту дорӣ,
Сари сабзӣ, чу баҳорӣ,
Рӯи сурхӣ, рухи ёрӣ!

Суманак, боз ту бо муждаи дерина биё,
Сурхии лолаи тар бар рухи сабзина биё,
Боз барбод бидеҳ шеваи ғамхӯрданро,
Бибар аз дил ғами нашкуфтану пажмурданро!

**Гулу сабзаву борон**

Баҳорону баҳорон –
Гулу сабзаву борон,
Сари сабзу дили шод
Насиби туву ман бод.

Бикушо чашму чаман бин,
Суманак бину суман бин,
Зи гулу майсаи гандум
Бинигар шодии мардум.

Баҳорону баҳорон –
Гулу сабзаву борон,
Сари сабзу дили шод
Насиби туву ман бод.

Шавад аз файзи баҳорон
Пури гандум ҳамаро хон,
Шавад аз нон рухи гулгун,
Кулчаву кулчарух афзун.

Баҳорону баҳорон –
Гулу сабзаву борон,
Сари сабзу дили шод
Насиби туву ман бод.

Ба гулу сабза назар кун,
Зи ғаму ғусса гузар кун,
Бисаро ҳамраҳи булбул,
Бикунад ҷону дилат гул.

Баҳорону баҳорон –
Гулу сабзаву борон,
Сари сабзу дили шод
Насиби туву ман бод.

**Куртачакан**

Эй куртачакан, куртачакан, куртачакан,
Чун муждаи фасли гул биё ҷониби ман,
Дар куртаи ту карда ватан лолаву гул,
Дар дидаи ман бикун ту, эй лола, ватан.

Аё куртачакан,
Нисорат дили ман!

Эй куртачакан, ба доманат гул дорӣ,
Дар гӯши дилам чаҳ-чаҳи булбул дорӣ,
Дорӣ ҳамаву беҳ зи ҳама дил дорӣ,
Моро ба дилу ба дида манзил дорӣ.

Гули боғи дилам,
Ба боғам ту биё!
Машав доғи дилам,
Суроғам ту биё!

Эй куртаи ту ба сурати авҷи фалак,
Эй омада аз авҷи фалак мисли малак!
Аё моҳи само,
Бибин сӯи замин,
Биё ҳамчу зиё,
Ба чашмам бинишин!

Эй куртаи ту ба сурати фасли баҳор,
Дар мулки дилам фақат туӣ асли баҳор!
Бишкуфтарухӣ чунону бишкуфтадилӣ,
Танҳо туӣ ин баҳор аз насли баҳор!

Рухат гул бувадо,
Канорат чу чаман,
Бибин умри садо,

Аё куртачакан!

Эй куртачакан, рӯяки ту гул воре,
Рӯи ту гул асту доманат гулзоре.
Дар боғи ту афтода ману булбули зор,
Ман васли ту мехоҳаму ӯ васли баҳор!

**Баҳорӣ**

*Ба беҳтарин хонандаи ин шеър - Ибодулло*

Сар ба сар яхистонам, зери офтобам кун,
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Боди сарди дунё кард инчунин парешонам,
Овар аз дигар ҷамъам, гулбасар китобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

То шавад дилам дарё, раҳ барад ба ҳар маъво,
Ҷӯ ба ҷӯ маро бикшо, ҷӯи даршитобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Хастагии роҳам бин, роҳро гувоҳам бин,
Як ҷаҳон гуноҳам бин, ҷониби савобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Чун зи киштаи бебар нарм аз сарам бигзар,
Гар нарӯям аз дигар, мурдадил ҳисобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Ин манам туро ошиқ, ишқи сабзро лоиқ,
Аҳли сидқро содиқ, инак, интихобам кун!
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

**Нишона**

Зи қисмат чу давлат дар ин хуш замона
Ҳамин обу хок аст бар мо нишона.

Бигирем дар ҷон навин ин ҳақиқат,
Бимонем барҷо куҳан он фасона.

Чи кишт аст ин ҷо - бирӯяд гулу хор,
Худоро, биҳишт аст ин ошёна.

Ҳуморо раҳо кун ту бо лофу Қофаш,
Ҳумое нав офар аз ин обу дона.

Зи обаш - туро обрӯ баҳру дарё,
Зи хокаш шавад остон осмона.

Сухан гарм овар, ки дилҳо шавад гарм,
Занад ҳамчу оташ забонат забона.

Вафоро, сафоро дар ин мулки воло
Карона мабодо, мабодо карона!

**Зинда доремаш…**

То ки Яздон чархро гарданда дошт,
Дошт ҳар халқе забон, оянда дошт;
Халқи моро худ забон арзанда дошт,
Тобу таб бахшидашу тобанда дошт,
Болу пар бахшидашу боланда дошт,
Зебу фар бахшидашу зебанда дошт;
Доимаш аз ганҷи дил оганда дошт,
Дошт озоду ба маънӣ банда дошт.

Дӯстро шаҳди забон пурханда дошт,
Хасмро теғи забон афканда дошт,
Хушдилонро фарруху фархунда дошт,
Баддилонро гандаву шарманда дошт;
Ин забон моро чунин поянда дошт,
Зинда доремаш, ки моро зинда дошт!

**Деҳа**

Сабдазорӣ –
Чун нигоре
Соябоне бар сарат дар ҳар кучо як сабда* дорӣ.

Сабдаҳоят чун сабадҳост
В-ин сабадҳо,
Бемуҳобо,
Ошёни мурғакони хушпару хушболи дилҳоянд!
Лек аз наздик ҳар гоҳе бибинӣ,
Села-села
Дар сабадҳои ту доим кӯдакони содаат –
Он мурғакони хушпару хушболи ту ҷоянд!

Нест боке ҳам туро аз заҳри гармоҳои беҳад,
Чунки дар ҳар сабдаи худ
Подзаҳри соя дорӣ як сабад!

___________

** Сада, сабада.*

**Тоҷикӣ**

Мекунам таклиф оламро ба чойи тоҷикӣ
Зери овои хуши танбӯру нойи тоҷикӣ!

Мурғи савти тоҷикиро то фалакҳо сар диҳед,

То биафшонем шодон дасту пойи тоҷикӣ!

Зери ин гардуни гардон кош тоҷик ҷовидон
Базморой кунад бо ҳӯйу ҳойи тоҷикӣ!

Андар ин дунёи савдо аз ту хоҳем, эй Худо,
Ҳеҷ гаҳ надҳад садо афсӯсу войи тоҷикӣ!

Кош як доро шавад, дорандаи дунё шавад,
Ҳар куҷо тоҷик шавад бемисл бойи тоҷикӣ!

Тоҷбарсар боду сарболо ба дунё доимо,
То ба гардун сар кашад коху саройи тоҷикӣ!

Меҳмоно, ту ғами ноҷои ҷо ин ҷо махӯр,
Баҳри ҳамдил дар дилу ҷон аст ҷойи тоҷикӣ!

Интихоботи ҷаҳонро, дӯстон, даъват кунед,
То барои ҳамдилӣ бидҳем ройи тоҷикӣ!

**Парафшон парчами мо зинда бодо!**

Нишони кишвари паҳновари мост,
Умеди халқи таърихофари мост,
Ба дунёи парафшонӣ пари мост,
Ба авҷи фатҳу нусратҳо сари мост.

Парафшон парчами мо зинда бодо,
Ба авҷи бахти мо поянда бодо!

Ба ҳар ҷое, ки боло мешавад он,
Сари болотари мо мешавад он,
Чу бо се ранги зебо мешавад он,
Бари рангинкамон ҷо мешавад он!

Парафшон парчами мо зинда бодо,
Ба авҷи бахти мо поянда бодо!

Бувад он рамзи истиқлоли тоҷик,
Раҳи парвози тоҷик, боли тоҷик,
Дар он чун фолу чун омоли тоҷик
Дурахшад ахтари иқболи тоҷик!

Парафшон парчами мо зинда бодо,
Ба авҷи бахти мо поянда бодо!

Раҳи испеду рӯсурхӣ аз он аст,
Аз он сарсабзии мо ҷовидон аст,
Ба авҷи зиндагӣ то парфишон аст,
Баҳори умри тоҷик бехазон аст!

Парафшон парчами мо зинда бодо,
Ба авҷи бахти мо поянда бодо!

## СУХАНИ ГАРМ

### Наврӯзи Данғара

Наврӯз мерасад зи гулафшони Данғара,
Гулзори ваҳдат аст гулистони Данғара.

Гулҳои чеҳраҳо гули Наврӯзи миллат аст,
Наврӯзтинатон – ҳама меҳмони Данғара.

Аз шодӣ ашк мечакад аз чашми чашмаҳо,
Рахшад ба гӯшҳо дури борони Данғара.

Сарсабзу сарбаланд бувад кӯҳу дашти ӯ,
Бошад сари баланд Бадахшони Данғара.

Эй дашти дилвасеъ, бибин бо дили васеъ
Нангу ғурури Восеъи Хатлони Данғара!

Темурмалик ба паҳлӯи Восеъ расида шод
Аз Суғд, аз гузаштаи пуршони Данғара.

Бо чашми дил бибин, ки бувад як ҳисори нанг,
Бодо бапо Ҳисори ҳисорони Данғара!

Дилро ба ҳар канори Ватан васл медиҳад
Сад риштаи тилоии Раштони Данғара.

Зар мефишонад аз лабу дил бар сари Ватан,
Заррин шавад Ватан зи Зарафшони Данғара.

Аз баҳри рӯшанист ҳама роғ равзане,
Рӯшандил аст мулк зи Роғони Данғара.

Саҳрои Вахши мост агар махзани сахо,
Инак, расида навбати Вахшони Данғара.

Ёрони бонамак, ҳама аз дер будаем
Мадюни обу нону каҳу дони Данғара.

Осуда бод ҷону дилат, эй куҳандиёр,
Ҷону дили ту гашта дилу ҷони Данғара.

Чун нури чашми дил ту ба ҳар чашми дил бибин
Дар минбари ҷаҳон рухи хандони Данғара.

«Шаҳнома» оваред, ки гӯяд ҳакимвор
Аз нангу ори Рустами Дастони Данғара.

Наврӯз бод доиму Наврӯзгоҳ бод
Дар чор фасл давраву даврони Данғара!

### Ин мулоқоти поки наврӯзӣ…

Ин мулоқот, эй мулоқӣ, нест
Гул задан бар кулоҳу тоқӣ!
Нест
Ҷониби ҷашнгоҳ рафтан ҳам,
Ҳамчу ҳангомахоҳ рафтан ҳам!

Ин мулоқот кори сангин аст,
Кори як марди заҳматоин аст,
К-аз диёраш зиёиён хоҳад,
Аҳли дил хоҳад, аҳли ҷон хоҳад,
Аз ғаму дарди халқи мо гӯяд,
Аз дилу ҷону ҳалқи мо гӯяд.

Мо вале будаем дар суҳбат
Ончунон пурдилу ба он вусъат?!
Войи мову шумо!
На он сонем,
Войи дигар, агар намедонем!
Мо кам аз хешу беш камзарфем,
Хешхоҳем сахту пурҳарфем,
Ҳарфамон ҳамчу завқамон пир аст,
Ҳамчу нури чароғи тасвир аст –
Кай аз он гарм мешавад як дил?
Ҳайфи он шамъ,
Ҳайфи он маҳфил…

Лек гарм аст, гарм кафҳомон,
Ё ки дар каф бувад ҳадафҳомон?!
Дилзанӣ ку?
Ба кафзанӣ хубем,
Бо кафи сахти хеш мекӯбем
Ҷумла андешаи мулоимро,
Завқро, фикрҳои солимро.

Ман чи гӯям зи ҳоли оқилҳо? –
Бар тарозуст дидаи дилҳо…
Камдилон лек пур ҳамегӯянд,
Дурбинанд,
Дур ҳамеҷӯянд:
«Ман намехостам сухан гӯям,
Бояд аммо ду-се даҳан гӯям…»
Ғайри ҳазён дар он суханҳо нест,
Манъи ақл аст,
Ҳеҷ маъно нест,
Ҳарфи бемағзи беҳад аст фақат,
Зишту бадрӯ хушомад аст фақат.
Бо чунин сатҳи пасту ҳиммати паст
Меравад фитрати баланд аз даст!
Ё раб, аз он ҳама хазафпора,
Мешавад маҳфилу ҳадаф пора!

Сарвар аз ибтикор мегӯяд,
Роҳу тадбири кор меҷӯяд,
Мо дар ин раҳ магар на бо ӯем,

К-аз ғами асли худ намегӯем?
Инчунин гар хамӯш биншинем,
Дар тарақҳо чу муш биншинем,
Ё ки гӯему беҳадаф гӯем,
Зар ниҳон монаду хазаф гӯем,
Розҷӯро ба чашми кам бинем,
Ростгӯро чу муттаҳам бинем,
Мо чи ёрони Сарвари мулкем? –
Ёри нодони Сарвари мулкем!

Гар зиёиӣ, эй дили сода,
Бо раҳи дил бирав наафтода,
Бо раҳи тозаву ба расми куҳун
Дар худат маҳви бесаводӣ кун!
Бигзар аз рӯзгори олимсоз,
Дар худат мактабу муаллим соз!
Дуртар аз вазорати фарҳанг
Дар худат кун иморати фарҳанг!

Ин мулоқоти поки наврӯзӣ
Расми дилсозӣ асту дилсӯзӣ,
На куҳанҳарфиву куҳангӯист,
Ҷои аз дарди дил сухангӯист.
Марди дунёст Сарвари кишвар,
Гӯш надҳад ба кӯчагӣ дигар!

Хидмати аҳли дил на кафкӯбист,
Хидмати аҳли дил хазафрӯбист,
Шеъру афкору санъати хуб аст,
Бар дилу рӯҳ хидмати хуб аст!

Ҳаст эй бас баланд ин минбар –
Минбари Халқ, минбари Сарвар,
Нест майдони худнамоиҳо,
Касфурӯшиву худбаҳоиҳо,
Маҳфилаш саҳнаи тамаллуқ нест,
Сарвари мулк бетааллуқ нест,
Ӯ тааллуқ ба ростӣ дорад,
Ростиро каҷӣ намефорад!

### Рӯзи интихоб

Омад аз нав боз рӯзи интихоб,
Дод бар ҳар сина сӯзи интихоб.
Дид бояд нек фоли мулкро,
Пурсаодат ҳафт соли мулкро.
Ҳафт соли тоза набвад ҳафт сол,
Бошад он ҳафтод соли бемисол,
Интихоби он касе пас воҷиб аст,
К-ӯ ба дунё халқи худро соҳиб аст!
Он ки ӯ афканд аз по ҷангро,
Кард охир танг ҳоли тангро,
Он ки бо ҷон буд пайвасти диёр,
Хест бар по, гашт ҳамдасти диёр,

Лаҳзаи мушкил, накарда мову ман,
Дарси мардӣ дод бар аҳли Ватан,
Хешро зад байни обу оташаш,
Сохт соҳибсарҳадаш, шуд Орашаш!

З-он ҳама мушкил магар осон гузашт? –
Борҳо аз худ гузашт, аз ҷон гузашт!
Халқро аз асли халқ огоҳ кард,
Халқро раҳ доду соҳиброҳ кард,
Бо дили дарёву бо рӯи кушод
Роҳу расми неки пулсозӣ ниҳод,
Кард афзун меҳру ёриро зи нав,
Хислати бунёдкориро зи нав,
Ақлро омехт бо қалбу гудохт,
Сохт давлат аз дигар, ҳам халқ сохт!

Инак, омад боз рӯзи интихоб –
Рӯзи фарқи тозаи об аз сароб,
Пеши рӯ омад фаровон номзад,
З-он миён фарде мабодо номбад,
Лек номи неки як тан дигар аст,
Офтоб аст ӯву боқӣ ахтар аст!

Бингар он симои миллат гаштаро,
Рамзи подории давлат гаштаро,
Тоҷикона рӯнакӯю дилнакӯст,
Гарму рӯшан хонаҳои дил аз ӯст!

Аз миён бархез, аё эй далқдор,
Ӯ Ватандор асту ҳам ӯ халқдор!
Ӯст раҳбар, раҳзане даркор нест,
Ӯст сарвар, ҳоҷати сарбор нест!
Дар ҳама минбар баланду сарфароз
Ӯ забони мост – поку дилнавоз!
Олам аз ин тоҷдори ному нанг
Тоҷикистонро шиносад бедиранг!

То ки бошад боз ҳам халқ инчунин –
Сар ба авҷи қисмату по бар замин,
Сӯи бахти хеш бошад раҳкушо,
Ҳар раҳе бошад барояш раҳнамо,
Чашми бахташ то шавад пурнуртар,
Дасти азмаш то шавад пурзӯртар,
Пур варо арзанда фарзандон шавад,
Ҳар нафар Эмомалӣ Раҳмон шавад,
Бо тамоми ҳастиам имрӯз ман
Медиҳам овоз бо номи Ватан,
Субҳдам, бӯсида рӯи Офтоб,
Мекунам рамзи Ватанро интихоб!

**27.10.13**

### Наврӯзи ҷаҳон омад

Гулбоди вазон омад,

Гул ғунчадаҳон омад,
Булбул ба забон омад,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Тири ба камонаш бин,
Раъди бафиғонаш бин,
Фотеҳ ба ҷаҳонаш бин,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Шаб гарму мунаввар шуд,
Чашмаш ҳама ахтар шуд,
Бо рӯз баробар шуд,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Раҳҷӯ шуда ҳар ҷӯе,
Хушбӯ шуда ҳар сӯе,
Хушрӯ шуда ҳар рӯе,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Бин дилбариаш афзун,
Нурофариаш афзун,
Шуд муштариаш афзун –
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Дунё ҳама хушгил шуд,
Хушгил ҳама хушдил шуд,
Хушдил ҳама маҳфил шуд,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Аз сар ғами сармо рафт,
Аз дил ғами дунё рафт,
Бемеҳрии дилҳо рафт,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Дилбурда - ҳама ошиқ,
Дилдода - ҳама содиқ,
Дилро ҳама шуд лоиқ,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

Осоиши ҷон - аз ӯ,
Ороиши хон - аз ӯ,
Шуд ҷумла ҷаҳон аз ӯ,
Наврӯзи ҷаҳон омад!

**Баҳорон табрик!**

Имшаби бедорӣ
Ҷӯи дар хеш хамӯш
Кард ногоҳ хурӯш,
Ҳамчу як роҳрави роҳкушо
Шуд равон бо тарабу созу наво,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ними шаб,

Шуда бо дидаи рӯшан бедор,
Чун туву ман бедор,
Кӯл аз маҳбаси ях ёфт раҳо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Моҳи нав –
Он гули зардаки афлок шукуфт,
Бо ҳиҷоби сияҳи абр «худоҳофиз» гуфт,
Нозанин
пас ба замин
карда нигоҳ,
Дид дар оинаи кӯл дилоро худро,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Субҳдам
Омад аз дур парастуи шинос
Боз бар лонаи дерин ба сипос,
Бол афшонда гуворо чу ҳумо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Баъд аз ин
Муғча нагунҷид ба пӯст,
Гуфт: «Берун некӯст!»
Ғунча хандидаву гуфт:
«Рост гуфтӣ, эй дӯст!»
Ёфт раҳ бӯи раҳидан ба фазо,
Кард булбул ба қафас низ наво,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Хӯҷаи Хизри саҳар
Ҷелаки сабзи баҳораш дар бар,
Саллаи сабзи баҳораш бар сар,
Селаи турнаи хушбол чу тасбеҳ ба даст,
Рӯшанипарвару анворпараст,
Дастаи нури сабоҳаш чу асо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ин саҳар
Файзи фалак рехт, ки рехт,
Ашки шодии малак рехт, ки рехт,
Балки омад ба замин нури Худо
Қад-қади риштаи борон зи само,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Хама шаб
Ҷӯй садо карду садо,
Кӯли дилҷӯй садо карду садо,
Моҳи афлок садо карду садо,
Рӯшану пок садо карду садо,
Пурнаво лона садо карду садо,
Мурғаку дона садо карду садо,
Ғунча болида садо карду садо,
Булбулаш дида садо карду садо,
Риштаи нур садо карду садо,

Бо лаби ҳур садо карду садо,
Хизри тадбир садо карду садо,
Балки тақдир садо карду садо…

Гашта саршор аз анбӯҳи садо,
Дили ман шуд, бахудо, кӯҳи садо,
Бо садоҳои баҳорон ба шумо
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

**Наврӯз ҷаҳонӣ шуд**

Эй чашма, биҷӯ роҳе, айёми равонӣ шуд,
Эй рӯд, дигар даври дархешнамонӣ шуд,
Эй олами пир, аз нав даврони ҷавонӣ шуд,
Эй тозаҷаҳони дил, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Сабзид дили саҳро, сабзид дили кас ҳам,
Хори дили мо гул кард, сарсабз бишуд хас ҳам,
Олам ҳама шуд дилҷӯ, одам ҳама дилрас ҳам,
Эй тозаҷаҳони дил, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Аз нури чароғи дил ҳар чашм дурахшон аст,
Аз ҷӯшу хурӯши дил ҳар чашма хурӯшон аст,
Аз боғу баҳори дил ҳар гӯша гулафшон аст,
Эй тозаҷаҳони дил, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Дар гӯши дил аст имрӯз акси сухани Наврӯз,
Ёрони куҳан ҷамъанд дар анҷумани Наврӯз,
Гардид ҷаҳон имрӯз аз ҷон Ватани Наврӯз,
Эй тозаҷаҳони дил, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Ҳар коҳиши дил имрӯз як дилбари ҷонӣ шуд,
Сад ишқи ниҳон аз дил ворасту аёнӣ шуд,
Бо ишқ ҳама ҷовид дар олами фонӣ шуд,
Эй тозаҷаҳони дил, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

**Паёми наврӯзӣ**

Сӯз аст ҳама рӯзу шабон рӯзии дил,
Ишқ аст чароғи оламафрӯзии дил,
Аз олами тоза баҳри ёрони куҳан
Меҳр аст фақат паёми наврӯзии дил.

Эй дилафрӯз, нишин,
Ёри дилсӯз бибин,
Алами куҳна магӯ,
Гули Наврӯз бичин.

Эй сӯз, бирав, хаёли дилсӯз омад,
Эй субҳ, бидам, ишқи дилафрӯз омад,
Бар ҳарфи лабони ғунчаҳо гӯш бидеҳ:
Эй ёри куҳан, биё, ки Наврӯз омад!

Эй дилафрӯз, нишин,

Ёри дилсӯз бибин,
Алами кухна магӯ,
Гули Наврӯз бичин.

Фасли гулу ёсуман муборак бошад,
Дилҷамъии анҷуман муборак бошад,
Ҳар рӯзи ҷаҳони кухна Наврӯзи ту бод,
Наврӯзи ту, ҷони ман, муборак бошад.

Эй дилафрӯз, нишин,
Ёри дилсӯз бибин,
Алами кухна магӯ,
Гули Наврӯз бичин.

Бе ту бувадам рӯз, вале рӯзӣ не,
Сад сӯзи дилам бошаду дилсӯзе не,
Эй пайки баҳори дили ман, бе рӯят
Сад рӯзи навам ояду Наврӯзе не.

Эй дилафрӯз, нишин,
Ёри дилсӯз бибин,
Алами кухна магӯ,
Гули Наврӯз бичин.

Наврӯзии ин хоки куҳан бошад кош,
Сарсабзии ин боғу чаман бошад кош,
Ҳар кӯза, ки аз хоки Ватан месозем,
Пайваста пур аз оби Ватан бошад кош!

Эй дилафрӯз, нишин,
Ёри дилсӯз бибин,
Алами кухна магӯ,
Гули Наврӯз бичин.

**Наврӯзгоҳи маънавӣ**

*Дар ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ*

Халқи мо бо фазлу бо илму адаб
Соҳиби афкори ноб аст аз қадим,
Бо накӯ пайғамбари роҳи ҳақаш
Мардуми соҳибкитоб аст аз қадим.

Аввалин пайғамбари соҳибкитоб
Покҷону покдил Зардушти мост,
То кунун пиндору кирдори накӯ
Дар раҳи ҳақ пуштбону пушти мост.

Халқи мо дар зулмати асру замон
Шамъи илму маърифат афрӯхта,
Доим аз ганҷинаи умри азиз
Ганҷи илму маърифат андӯхта.

Ҳар ки пайванд аст бо ин марзу бум,

Ҷовидона ҳаст пайванди китоб,
Дар дили ҳар тоҷике барҷо бувад
Ҳайкали бе мислу монанди китоб.

Муҳташам бунёди кохе инчунин
Бар китоб асли муҳаббат будааст,
Рамзи пайванди китобу халқи мо,
Чун давоми Кохи Миллат будааст.

Ин бино чун чашми бинои дил аст,
Балки аз хишти муҳаббатҳои мост,
Дурбинӣ асту дурандешӣ аст,
Пояи арзандаи фардои мост.

Пур бувад ин кох аз некӯ китоб,
Бояд аз хонанда онро пур кунем,
Чун садаф метобад он пеши назар,
Боядаш пургавҳару пурдур кунем.

Бояд он бошад барои ақли мо
Ҳамчу як парвозгоҳи бегазанд,
То ба авҷи донишу номусу нанг
Бол бикшоем аз ин кохи баланд!

Навбаҳори бехазон бошад китоб,
Балки ҷовидона Наврӯзи дил аст,
Ақлу дилро гарму рӯшан мекунад,
Оташи поки дилафрӯзи дил аст.

Эй басо дилташнаи дониш кунун
Ин маконро пур кунад бо тобу таб,
Боғи меҳр аст он, зи меҳри боғбон
Бишкуфад эй бас гули илму адаб!

Хуш ба Наврӯз аст нав-нав армуғон,
Хуш ба Наврӯз аст, эй ёрон, навӣ,
Зеби Наврӯзи ҷаҳонимон бувад
Ин накӯ Наврӯзгоҳи маънавӣ!

Аз фарози кохи бемисли замон
Ин бувад савганд моро дар ҷавоб:
Умри мо пайванд бошад ҷовидон
Бо Ватан, бо ақлу дониш, бо китоб!

Офарин илҳомбахшашро зи ҷон,
Бар ҳама бунёдкораш офарин,
Меҳри мо бояд, ки бошад бар китоб
Лоиқи бемисл кохе инчунин!

**Дунёи нур**

Бо Вахши нурбахшат дарёи нур ҳастӣ,
Бо кохи пурдурахшат дунёи нур ҳастӣ.

Эй ҷои нур, Норак, дунёи нур, Норак,
Бар чор сӯ равонӣ бо нури дил, муборак!

Бо ту зиёдтар шуд маънои рӯшноӣ,
Бо ту кушодтар шуд маъвои рӯшноӣ.

Эй ҷои нур, Норак, дунёи нур, Норак,
Бар чор сӯ равонӣ бо нури дил, муборак!

Нону намакшиносӣ, кони намак ту дорӣ,
Дар меҳр босипосӣ, меҳри фалак ту дорӣ.

Эй ҷои нур, Норак, дунёи нур, Норак,
Бар чор сӯ равонӣ бо нури дил, муборак!

Бодо тараб зиёдат, дунёи дил кушодат,
Дар дида нур бодат, дар сина нор бодат!

Эй ҷои нур, Норак, дунёи нур, Норак,
Бар чор сӯ равонӣ бо нури дил, муборак!

**Гулнабера**

Пайванди фарзанди манӣ,
Дилбанди садчанди манӣ,
Аз ҷони ширин хуштарӣ,
Шаҳди манӣ, қанди манӣ!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

Дилёбу дилбар чун ту нест,
Бар ҷон қаринтар чун ту нест,
Дар авҷи умрам мурғи бахт
Хушболу хушпар чун ту нест!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

Ҳарфат чу дар гӯши ман аст,
Дунё фаромӯши ман аст,
Оӣ дар оғӯшам ба ноз,
Бахтам дар оғӯши ман аст!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

Эй тахти дил, тоҷи сарам,

Аз беғамӣ ёдоварам,
Бо бовар ой сӯи ман,
Бар бахт ояд боварам!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

Бо ту ҷаҳонам зинда аст,
Рӯҳу равонам зинда аст,
Эй хушкалом, эй хушзабон,
Бо ту забонам зинда аст!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

Бо зиндагӣ ҳампо шавӣ,
Созандаи фардо шавӣ,
Бо сад набера, мисли ман
Хушбахти ин дунё шавӣ!

Эй гулнабера, ҷони ман,
Эй наҷми ман, кайҳони ман,
Болои чашмам ҷои туст,
Эй бахти бепоёни ман!

### Рубоиҳои наврӯзӣ

Эй сӯз, бирав, ки ёри дилсӯз омад,
Эй моҳ, бирав, ки он шабафрӯз омад,
Эй бахт, биё, ки омад он бахти ҷавон,
Эй ишқи куҳан, биё, ки Наврӯз омад!

Дилбохтаям, ишқи туям фирӯз аст,
Дилсӯхтаям, меҳри туям дилсӯз аст,
Ман бе ту чи кухнарӯзам, эй ёри куҳан,
Рӯзе, ки бибинамат зи нав, Наврӯз аст!

Эй боиси нокомиву пирӯзии ман,
Эй мӯҷиби дилсозиву дилсӯзии ман,
Эй тӯшаи шодию ғамат рӯзии ман,
Эй лолаи рухсори ту наврӯзии ман!

Шуд дар сари кори ишқ кори дили ман,
Хоҳони гули рӯи ту хори дили ман,
Гӯянд: баҳор нест як гул, аммо
Шуд як гули рӯи ту баҳори дили ман!

### Мавҷу авҷи суруд

Мавҷи суруди мо то ҳар макон равад,

Авҷи суруди мо то осмон равад,
То гӯши ҳамдилон аз мо барад дуруд,
Бар аҳли дил бувад пайғоми мо суруд.

Бошад суруди мо овози зиндагӣ,
Ҳамрози зиндагӣ, парвози зиндагӣ!

Буду набуди мо меҳри Ватан бувад,
Боли суруди мо меҳри Ватан бувад,
Ин бол мебарад моро ба авҷҳо,
Аз ишқи зиндагӣ дил мекунад садо.

Бошад суруди мо овози зиндагӣ,
Ҳамрози зиндагӣ, парвози зиндагӣ!

То аллагӯ касе бо лафзи тоҷикист,
То рӯд ҷориву то шеъри Рӯдакист,
Ҳамболи зиндагӣ бошад суруди мо,
Пайғомҳо диҳад аз деру зуди мо.

Бошад суруди мо овози зиндагӣ,
Ҳамрози зиндагӣ, парвози зиндагӣ!

Бодо, суруди мо пурбортар шавад,
Бо ҷони ҳамдилон то ёртар шавад,
Дар гӯши ҳар диле бодо ватан кунад,
Аз меҳру аз вафо сад анҷуман кунад!

Бошад суруди мо овози зиндагӣ,
Ҳамрози зиндагӣ, парвози зиндагӣ!

## Дар базми дӯст

Донаҳоят самар шаванд, эй дӯст,
Писаронат падар шаванд, эй дӯст.

Дар бари аҳли дил мақом кунанд,
То абад кори нангу ном кунанд.

Шамъ бошанд, шамъи ҳамдилҳо,
Нур бошанду ҳусни маҳфилҳо.

Ҳамдами меҳру маҳ шаванд ҳама,
Шаҳписарҳот шаҳ шаванд ҳама!

## Таманно

Ишқпарвар дил бихоҳам баҳратон,
Дилкушо манзил бихоҳам баҳратон,
Бовафову босафо фарзандҳо
Оқилу қобил бихоҳам баҳратон,
Ҳар чи мехоҳед аз боғи ҳаёт,
Ҷумларо ҳосил бихоҳам баҳратон,
Лек, ёрон, пеш аз ин баҳри шумо

Дар дили пурмеҳр дорам як дуо:
Хонатон ҳаргиз тиҳӣ аз нон мабод,
Ҷонатон бе шуълаи имон мабод!

***

Узри беохир барои сода ин ташбеҳ
(Сода ташбеҳе чунин аз васфаки бемояи хуш беҳ!):
Дида - сармасту хумор,
Сина – саршори баҳор,
Аз баландӣ сӯи пастӣ меравад Варзоби нотакрор…

Одамӣ дарёдил аст, аммо на дарёст,
Рафтанашро маънӣ аз поин ба болост…
Аз чу дарё рафтанаш, ё Раб, нигаҳ дор!

## Иқрор

Гарчи мо ҳам олимони содиқем,
Гарчи мо ҳам шоирони ошиқем,
Лек мебояд шудан мардона иқрор:
Пеши Лоиқ мо ҳама нолоиқем,
Пеши Бозорем мо як майдабозор!
Лоиқи Бозори шеъру шоирӣ мо нестем,
Низ дар бозори Лоиқ зеби савдо нестем!

## Фанни Ватан

На, эй азиз, зи нав дар Ватан ватан кардӣ,
Ватан чу нур ту дар чашми мову ман кардӣ.

Ту ҳам зи аҳли амал ҳастиву Ватан обод
Зи хиштҳои тилои тилосухан кардӣ.

Куҳансарои суханро ҷилои нав додӣ,
Бинои тоза зи обу гили куҳан кардӣ.

Хасаш касе шуду хораш гули хаёл туро,
Зиҳӣ, ки аз хасу хори Ватан чаман кардӣ.

Самои хотират аз вижавожа анҷум дошт,
Зи ҳарфи ноби пуранвор анҷуман кардӣ.

Ту тан ба заҳмати ҷонкоҳи шоирӣ додӣ,
Барои шеър зи ҷон ҷанги танбатан кардӣ.

Ғизот – мағзи сухан, шеъри обдор – обат,
Малаксухан шудиву тарки мовуман кардӣ.

Ҳазор ҷӯи пур аз шири шеъри ту ҷорист,
Сад аҳсанат, ки равон кори Кӯҳкан кардӣ.

Зи фанди нокасу кас дигарат чи бок бувад,
Ки фанди шеъри Ватанро тамом фан кардӣ.

***

Хуш он шеъре,
Ки бошад инъикоси қудрату азму мароми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бошад иқтибоси вазну тамкину қиёми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки дорад ҷӯр назми зиндагиро бо низоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бо ҳар сатри тӯлонӣ чу таъриху чу умри шоирӣ кӯтаҳ
Биафзояд ба умри бардавоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки гаҳ дар оташи девону гаҳ даврон бисӯзад,
Пухта созад лек хоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бо тиру туфанги нуқтаҳову нуктаҳои хеш
Зи хасми халқ гирад интиқоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки ҳарфаш заҳрсон бошад ба коми хасм,
Бигардад шаҳди ноб аммо ба коми халқ.

Хуш он шеъре,
Ки худ шаҳ бошаду табъаш вазир, аммо
Биёбад хештанро ходими халқу ғуломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки ҳар ҳарфаш дурахшад
Чун нигини тоза дар ангуштарини нангу номи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки реши халқро марҳам намояд бо забони халқ
Ва дарди халқро дармон бисозад бо каломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бар субҳи фараҳзо,
Шомҳои пурзиё,
Сӯи таманно,
Сад ҳазорон рӯзи фардо,
Ҷониби аҳли вафо
Бошад саломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки вақти хонданаш
Бо фахр бархезад тамоми халқ!

**Ман кистам?**

Ман кистам, агар шарафи хеш нестам,
Дар ҳар тарафкашӣ тарафи хеш нестам?

Ман кистам, агар ба чунин даври бедилӣ
Дил нестам ҳама, ба кафи хеш нестам?

Ман кистам, ба разми замину замон агар
Ҳар лаҳза аз дигар ба сафи хеш нестам?

Ман кистам, миёни алавбозҳои даҳр
Огоҳ агар зи нору хафи хеш нестам?

Ман Қобили камонаму ман Ҳобили камин,
Ҷуз тири хешу ҷуз ҳадафи хеш нестам.

На ғолибам ба давру на мағлуб дар замон,
Дар ҷанги хеш ҷуз талафи хеш нестам.

Умре дарун-дарун аламу шодии худам,
Ҷуз сӯзи нойу бонги дафи хеш нестам.

Худхорамончунон ки ба даҳри чу марғзор
Ҷуз гови хешу ҷуз алафи хеш нестам.

Он содахат китоби вафову муҳаббатам,
Гум гаштаам дигар, ба рафи хеш нестам.

Гаҳ-гоҳ дурам аз худу аз асли худ агар,
Он гавҳарам, ки дар садафи хеш нестам.

Ман Саййидои завқи баландам, ки ин замон
Дар ёди носалаф Насафи хеш нестам…

***

Ҷавҳару асли наслу зотам ман!
Коиноте ба коинотам ман!

Сели тӯфону мавҷу гирдобам,
Шуртаву соҳилу наҷотам ман!

Мору тимору анҷару заҳрам,
Асалам, шаккарам, наботам ман!

Муҷриму банда, абду маҳкумам,
Қозии ҷумлаи қузотам ман!

Эй асирони нохушии ҳаёт,
Хуш хатам, муждаи баротам ман!

Бесубот аст умр агар, бодо,
Собитам, сабтаму суботам ман!

Аз азал то абад бувад умрам,
Фориғ аз зодаму вафотам ман!

Дили дарёи ман надорад ҳад,
Вахшаму Обаму Фуротам ман!

Ин Бухоро ҳамон Бухоро нест,
Ман ҳамонам, ҳамон Худотам ман!

Шоири субҳу ровии шомам,
Коғазу хомаву давотам ман!

Фарқи умри ману ту, донӣ, чист? –
Барҳаётӣ ту, зарҳаётам ман!

Чун кунам ман, ки осиёст ҷаҳон?
Чун кунад дил, ки Дон-Кихотам ман!

**Сухани гарм биёред!**

Сард аст ҳаво, як сухани гарм биёред!
Бар мазраи дил як сумани гарм биёред!

Ин сохтани сард ба сармо бигузоред!
Бо гармии дил сӯхтани гарм биёред!

Бар чеҳраи сарде гули уммед расонед!
Гармии нафас аз чамани гарм биёред!

Бо сарддилӣ сарди ҳаворо мафизоед!
Як гармдилӣ баҳри тани гарм биёред!

Аз тирагии сардии дилҳо бигурезед!
Бар маҳфили шамъ анҷумани гарм биёред!

Сардии Ватанро ба дили гарм магиред!
Сад гармии дил бар Ватани гарм биёред!

Эй гармдилон, то гузарад сардии айём,
Ҳезум ҳамагон аз сухани гарм биёред!

***

Зоғ,
Ҳатто сафед ҳам бошад,
Баски як умр пушти мурдор аст,
Кай чаманзод ё чамандор аст?

Оқи аҳли Ватан, ватандоро,
Доимо андаруни нохунак –

Дар ғаразҳои худ «Ватандор» аст.

### Рози осиёббони пир

Осиёби пири аҷдодии ман,
Шоҳиди шодиву ношодии ман,
Ҳамчу чархи қисматам гардидаӣ,
Гушнагиву сериамро дидаӣ.

Гашт сокит ҳар гаҳе оҳанги ту,
Дар сари ман гашт гардон санги ту.
Ҳар гаҳе коҳид донат аз қазо,
Орд кардӣ устухонҳои маро.

Обу донат буд обу дони ман,
Санги гардонат – сари гардони ман,
Гоҳи беобии ту ман гаштам об,
Ашки ман шуд донаат, эй осиёб.

Аз сари ту оби сад дарё гузашт,
Аз сари ман оби ин дунё гузашт,
Гард монд аз бурду аз оварди ту,
Дар сари ман монд охир гарди ту.

### Гавҳар

Дарё надошт он ҳама гавҳар, ки дошт дил,
Онро ҳама ба соҳили дилҳо гузошт дил.

Дилро гумошт ҳамдами некӯ дар ин ҷаҳон,
Бингар, азизи дил, ки чи некӯ гумошт дил!

Ҷуз моҳи рӯи маҳрухе аз шоми худ нахост,
Ҷуз офтоби гармии рӯе зи чошт дил.

Онро, ки чашми сар натавонист диданаш,
Бо чашми хеш дид аёну нигошт дил.

Садҳо алам зи ҷавру ҷафоро нагун ниҳод,
Он як алам зи меҳру вафо барфарошт дил.

Аз дони меҳри ҳамнафасон хирманаш пур аст,
Яъне, ҳамон дуруд зи кишташ, ки кошт дил.

### Манам Одина Ҳошим…

Манам Одина Ҳошим – ҳофизи уммедҳои халқ,
Шабони тирадил ҳам гуфтам аз хуршедҳои халқ.

Ба шоми тор рӯшандил ман аз субҳи сафо гуфтам,
Таҳаммул сад ҷафо бинмуда, аз меҳру вафо гуфтам.

Муроди ман насиҳат буд, як дунёи сиҳҳат буд,
Хушово ҳар сурудам достоне аз муҳаббат буд.

Ҳамеша будаам дар хидмати Модар-Ватан бар по,
Зи Ҳақ гуфтам сухан, то Халқ бошад ҷовидон барҷо.

Чи хуш будам – садоям мӯниси ҳар хонадон гардид,
Сурудам чун азизе ҳамдами пиру ҷавон гардид.

Ба халқи хештан мерос агар на симу зар мондам,
Зи симу зар гаронтар – симу зарҳои ҳунар мондам!

Ҳамин буд, эй азизон, аз ҷаҳони дил муроди ман,
Бувад то завқи воло, зинда хоҳад монд ёди ман!

Бувад то ин ҷаҳон, баҳри шумо мехонам, эй мардум,
Манам Одина Ҳошим, бо шумо мемонам, эй мардум!

**Рӯзи Одина**

Оҳангу садои ӯ, ки аз сина бувад,
То боми калом беҳтарин зина бувад!
Азбас ба азони ӯ намоз овардем,
Моро ҳама рӯз рӯзи Одина бувад!

**Ҳарфи камол**

***Ба ёди Камол Айнӣ***

Дидем дар рухи ӯ айни ҷамоли Айнӣ,
Сӯи камоли айнӣ боланда боли Айнӣ.

Ҷони шарифи Айнӣ бар айни хеш кӯчид,
Реҳлат накарда Айнӣ бо иртиҳоли Айнӣ.

Аз чун хазина ёдаш, аз ҷустани зиёдаш
Пайдо намуд посух чандин саволи Айнӣ.

Аз сангсор афрохт ӯ ҳайкали Ҳилолӣ,
Рахшанда бадр гардид охир ҳилоли Айнӣ.

Айнитабор мегуфт ҳар тоҷики амалро,
Олӣ хитоби ӯ буд:
«Олист оли Айнӣ!

Аз як ҷаҳон Бухоро ғун кард ҷумла моро,
Бин, то куҷо фузун шуд омолу моли Айнӣ!»

Бозору Лоиқ аз ӯ «Айнинасаб» лақаб ёфт,
Мегуфт:
«Бод афзун шоир мисоли Айнӣ!»

Айнии айни халқаш пардохт дайни халқаш,
Зад ҷӯш байни халқаш айни зулоли Айнӣ!

Заҳматқарини айнӣ буду дароз мекард

Умри азизи худро бо ин хисоли Айнӣ.

Аз ҷилди хобу хур ҳам мерафт гоҳ берун,
Бошад таҳи сари мо то ҷилди фоли Айнӣ.

Ҳарфи камоли Айнӣ як умр метавон гуфт,
Ин мухтасар мушаххас шуд бар Камоли Айнӣ.

## Оҳанги абад

*Ба рӯҳи поки оҳангсози бузург Талаб Саттор*

Бо чунон меҳру садоқат ба замин,
Бо чунон меҳру садоқат ба замон
Гуфта будам, ки намемирӣ ту
Чун навоҳои хушу беғаши ҷон.

Бенаво буд дили содаи ман,
Бо навои ту баногаҳ болид,
Дар навои хуши дилпарвари ту
Дил навои ҳаваси худро дид.

Рафт бо сози ту носозии ҷон,
Рафт бо сози ту носозии дил,
Бо ту бебок ҳамовоз шудан
Буд оғози ҳамовозии дил.

Мунтазир буд дили ман ҳар дам
Дилқарин пайки туву занги туро,
Мунтазир буд ҳамин сон доим
Шеъри раҳҷӯи ман оҳанги туро.

Мерасидӣ туву аз файзи фараҳ
Дили ман зӯри дучандон меёфт,
Ончунон шеъри ман аз оҳангат
Ҳамдаму ҳамдилу ҳамҷон меёфт.

Шеърам омехтаи савти хушат
Сӯи гӯши дилу ҷонҳо мерафт,
Ҳамраҳи савти ҷаҳонгаштаи ту
Шеъри ман ҳам ба ҷаҳонҳо мерафт.

Лек…
Аз расми азал оҳу фиғон! –
Абад оҳанги туро аз раҳ зад,
Монда бо дарди абад шеъри маро,
Кард оҳанги ту оҳанги абад.

Эй саропои ту оҳангу наво,
Эй ҳар оҳанги ту оҳанги вафо,
Талаби созу наво будӣ ту,
Нест бе ту талаби созу наво…

Аз чи бар шеъри умеди дили мо

Ногаҳ оҳанги набудан бастӣ?
Худ ба оҳанги абад пайвастӣ,
Дили моро абадӣ бишкастӣ...

Рафтиву монд садоят дар ҷон,
Рафтиву монд навоят дар дил,
Эй хуш он гил, ки бирӯяд ҳама дам
Гули оҳангу наво аз он гил.

Дар сари сахти ман, инак, -
Сари роҳ
Шеърам оҳанги туро мунтазир аст,
Ки зи безавқии даврон эмин
Ба навоҳои хушат ҷо бишавад,
То ки бо ҳамраҳу ёри ҳамабин
Роҳҷӯи раҳи фардо бишавад.

Баъди оҳанги ҳазороҳангат
Дарди оҳанги сурудам дигар аст;
Баъди борони навоҳои хушат
Шеърам аз ашки дилу дида тар аст;
Ҳамчунон гӯши дилам занги туро,
Савти ногуфтаву оҳанги туро
Шеъри андар дили ман мурдаи ман –
Шеъри ногуфтаи ман мунтазир аст.

**Ғазали «Дарё»**

*Ба устоди ҳунар Сайидқул Билол*

Чу ҳастӣ бо ҳама дарёдили дунё қарин, «Дарё»,
Миёни ин ҳама дарё ту ҳастӣ беҳтарин «Дарё»!

Ба ин нармӣ ба роҳат сангро ҳам нарм месозӣ,
Ба ин покӣ ҳамеоӣ ту аз чархи барин, «Дарё»!

Чу Омӯӣ ту бо амвоҷи поки нуқрагун ҷорӣ
Ва монанди Зарафшон бо садоҳои зарин, «Дарё»!

Ба дилҳо кардаӣ гардон басо Роғону Норакро,
Ту ҳам камтар наӣ аз Вахш, эй нурофарин «Дарё»!

Раҳораҳ бахри худ бигзоштӣ арзанда ҳайкалҳо,
Аё эй ҷовидона хорагин, эй мармарин «Дарё»!

Бигӯяд боди сар-сар: бодсон аз пеши ӯ магзар,
Надорад дар ниҳоди хеш боди сар-сар ин «Дарё»!

Бигӯяд дил, ки садҳо кишта зору хушк меафсурд,
Ба маҷрои дилу ҷонҳо намебудӣ гар ин «Дарё»!

Ҳазоронро намудӣ волаи овою овозат,
Ҳазорон офарин, «Дарё», ҳазорон офарин, «Дарё»!

**Боғбон**

*Барои устоди хор Холаҳмади Маҷид*

Боғбоно!
Сад гули созу наво парвардаӣ ту,
Сад гули созу наворо
То дили гулпарварон овардаӣ ту,
Сад гули созу наворо
Бо талоши боғбонӣ
Ҷамъуҷӯрӣ додаиву пешкаш бар боғи дилҳо кардаӣ ту…

Ҷузъҳоят кош бо ҳам бошаду як боғи кул бошад!

Боғбоно!
Пеши чашмат мазраъи адвор бишкуфта,
Қад-қади ҳар ҷӯяи адвори ту эй бас гули овои нотакрор бишкуфта,
Аз гули овои рангин
Дар замин аҳли самоигаштаи толор бишкуфта,
Дар фазо синҷу раву болор бишкуфта.
Ин аҷаб бошад,
Вале дар саҳни гулҳо сеҳри дил бингар:
Зи меҳрат хор бишкуфта…

Хор набвад хори ту, як боғи гул бошад!

**Меъроҷи ман**

*Барои академик Ғиёсиддин Меъроҷ*

Рӯди кӯҳиям, ки шодобӣ бувад меъроҷи ман,
Мерасад бар домани ҳар ташналаб амвоҷи ман.

Миннати кас бори дӯшам набваду хоҳад дилам,
К-андар ин дунё набошад низ кас муҳтоҷи ман.

Рӯи ман аз офтоби дил ҳамеша рӯшан аст,
Бошад аз ин рӯ дили ҳар бофаре вартоҷи ман.

Мешавад қурбони фарҳангу фари ман оламе,
То бувад ин тирҳо, беҳад бувад омоҷи ман.

Аз касу нокас басо тороҷ дидам дар ҷаҳон,
Умрҳо ҳикмат рабудам, ин бувад тороҷи ман.

Рӯҳволоям ману дилзинда умре дар ҷаҳон,
То бувад фар тоҷи ман, фарҳангофар тоҷи ман.

Меҳри гарми халқ бошад давлати пояндаам,
Нури чашму дил бувад бар меҳри мардум боҷи ман.

Дил ба «Қонун» бошаду сар бар «Ғиёс»-ам рӯзу шаб,
Тахтшинҳоям бибин, эй тоҷу тахти оҷи ман.

Ҳар шабу рӯзам бувад рӯзу шаби меъроҷи дил,
Пар кашидан то ба авҷи ҳар диле - меъроҷи ман.

**Қасди ману ту**

*Бароӣ Акбар Абдулло*

Қасди ману ту бошад Мо сохтан зи манҳо,
Дил кофтан зи гилҳо, ҷон ёфтан зи танҳо;

Қасди ману ту бошад дар даҳри зардрӯӣ
Дидан зи барги сабзе сарсабзии чаманҳо.

Дар даҳри куҳна умре ҷустем маънии нав,
Шуд кори қисмати мо нав кардани куҳанҳо.

Дур аз амал чи гӯӣ моро ту, эй амалдор? –
Беш аз басо амалҳост моро амалсуханҳо!

Дилсӯзу аз Ватан дур соҳибватан зиёд аст,
Кам нест дар Ватан ҳам бесӯз беватанҳо!*

Эй муддаӣ, чи гӯем аз сӯзи хеш бесуд? –
Дудӣ туву чи донӣ бедуд сӯхтанҳо!

Мардему қисмати мо бо фахру сарбаландӣ
Будаст сар ниҳодан умре ба пои занҳо!

Дилдори мушкмӯе моро кам аз Хутан нест,
Хандон лаби ақиқе беш аст аз яманҳо!

Дилро баҳои дил деҳ, ҷонро баҳои ҷоне,
Ин аст, эй дилу ҷон, аз худ бурун шуданҳо!

Ҳар ҷо, ки акбаре ҳаст, бо назму бо низом аст,
Акбар низоми дунёст яъне зи ҷаҳди манҳо!
-------------------------------------------------

**Мастон Шералӣ:*
*Беватан нест гарибе, ки кунад ёди Ватан,*
*Дарватанбудаи бе ёди Ватан беватан аст!*

**Ман донаму туву дил…**

*Ба Соҳибназар Раҳмонӣ*

Дар чашми дил чи намҳост, ман донаму туву дил.
Дар ҷони дил чи ғамҳост, ман донаму туву дил.

Моро ба дил чи беш аст, дил донаду ману ту,
Моро ба дил чи камҳост, ман донаму туву дил.

Аз току беди маҷнун ташбеҳи дил аён кун, -
Дунёи печу хамҳост, ман донаму туву дил.

Бингар, ки дил чи кам шуд - вобастаи шикам шуд,

Рамҳо аз ин варамҳост, ман донаму туву дил.

То рӯй бар қалам кард, худро қалам-қалам кард,
Ҳарфаш аз ин қаламҳост, ман донаму туву дил.

Ҳарчанд метапад хуш, чун баҳр мелапад хуш,
Зероби бас аламҳост, ман донаму туву дил.

Аз ин ҳама ману ту, аз он ҳама туву ман
Бар дил чи сон ситамҳост, ман донаму туву дил.

Моро зи дил чи коҳиш, ҷуз дил касе надонад,
Моро ба дил чи замҳост, ман донаму туву дил.

Зарби зиёдааш бин, овои содааш бин,
Дилро чи зеру бамҳост, ман донаму туву дил.

Оғоз хуш дилам буд, гул буд, хушгилам буд,
Анҷом «во дилам»-ҳост, ман донаму туву дил…

**Нангчашма**

*Барои Ҳамроҳ Усмон*

Сангчашма –
Рустоқе дар миёни кӯҳсор,
Пур бувад ному мароми ту
зи обу
обрӯю
обшор.

Пур зи дил ҳастиву гулпӯш,
Меҳри дил дорӣ дар оғӯш.

Дар нигоҳи ҷумлаи дилнарму дилсангат
Ҷовидон гар аз буни ҳар санг чашма мезанад ҷӯш,
Аз дили ҳар зодаи боному бонангат
Нангчашма мезанад ҷӯш!

**Тазмини шабнам**

*Посух ба Давлат Сафар*

Аз дӯшбори умр ба кас дам намезанам,
Ман бори хеш бар сари олам намезанам.

Бошад сари баланд дар ин боғ бори ман,
Ҷуз зери бори пирии худ хам намезанам.

Дар хаймаи фалак ба амонат нишастаам,
Мехи тамаъ ба тораки торам намезанам.

Ман Одамам, биҳишт ба ҳурон ниҳодаам!
Фаҳмидаӣ, чаро дари Ҳотам намезанам?

Чок аст то кунун дили гандум аз он алам,
Бо доғи куҳна таъна ба Одам намезанам.

Дунё чарогаҳ асту чарогӯ, аё Масеҳ,
Дигар даҳан ба қиссаи Марям намезанам.

Чун меравад ба бод дамодам дами ҳаёт,
Кай гуфтаам, ки бода дамодам намезанам?

Таъна ба майнахора задан нест кори ман,
Ин бас, ки худ аз ин заданӣ кам намезанам!

Барги каҳ аст оламу чашмам намепарад,
Хоб аст оламу мижа барҳам намезанам.

Тазмини шабнам аст ба мижгон сиришки ман,
Ин нам ба ҷуз ба шишаи шабнам намезанам.

## Мурод

Аз ишқи бутон сӯхтани сина мурод аст,
Ин буткадаро оташи дерина мурод аст.

Гармии дилат аз ду ҷаҳон матлаб агар шуд,
Ҳезум маталаб, сӯхтани кина мурод аст!

Меҳмонии оина ҳадаф нест бутонро,
Афрӯхтани хонаи оина мурод аст.

Қасди дили афлокназар боми гиле нест,
То боми диле сохтани зина мурод аст!

Аз мор натарсему зи тимор натарсем,
Ганҷи диламон аз дили ганҷина мурод аст!

Дилро ҳадаф аз сурхӣ агар сурхии рӯест,
Аз сабзии дунё рухи сабзина мурод аст.

## Нур

*Барои Нурулло Исобойи суратгир*

Мо, ки дар дунё
акаллан лаҳзае дар чашми ӯ будем,
Дар баҳои заҳматаш
як лаҳза аз худ бештар
поку накӯ будем,
Содиқан хоҳем
бар ин чашм агар манзур бошем,
Лоиқи ин чашм бояд –
Нур бошем!

***

Аҳсан ба ту, эй дил, ки ба як ранг намудӣ!
Хун гаштаву лаъл аз ҳамаи санг намудӣ!

Сар додаву тоҷи шараф аз даст надодӣ,
Подории худро ҳама авранг намудӣ!

Саҳрои хаёлот кушодӣ зи ту омӯхт,
Кай ҷои касе ғайри худат танг намудӣ?

Аз он фару ҳанге, ки ба мерос гирифтӣ,
Фарҳанг намудӣ, раҳи фарҳанг намудӣ.

Умре нафаси гарм дамидӣ ба найи даҳр,
Аз ҳар нафаси зиндагӣ оҳанг намудӣ!

Ҳаргиз зи сари ҳирс ба дунё назадӣ чанг,
Аз бори қаноат қади худ чанг намудӣ!

Сӯи ҳама рафтиву дари сулҳ кушудӣ,
Ҷангидӣ агар, ҷанг ту бо ҷанг намудӣ!

Садрангии дунёву касон дида фаровон,
Аҳсан ба ту, эй дил, ки ба як ранг намудӣ!

***

Дилу ҷон гар батаҳорат бошад,
Ҳама ҷо ҷои ибодат бошад!

Ғами ҷон нест муҳаббат, эй ҷон,
Ғами ҷонона муҳаббат бошад!

Гаҳ-гаҳ, эй мурдапарастон, бахудо,
Зинда ҳам баҳри зиёрат бошад!

Коргар коргару деҳқон аст,
На вазиру на вазорат бошад!

Шоирӣ минбару унвонҳо нест,
Шоирӣ муҳри маҳорат бошад!

**Чи бувад?**

Риши то банди нофатон чи бувад?
Аз фаши салла лофатон чи бувад?

Берун аз лом-алиф чу раҳтон нест,
Даъвии лому кофатон чи бувад?

Инак, он оби лойу моҳиатон,
Ҳарф аз инсофи софатон чи бувад?

Муштатон - пур зи ганҷи кӯҳи Ватан,
Ҳасрати кӯҳи Қофатон чи бувад?

Чун ҳадафтон биҳишти ин дунёст,
Шаф-шафи қиссабофатон чи бувад?

Гар хилофат дар орзӯтон нест,
Бо сиёсат хилофатон чи бувад?

Ҳаст девори мулк ваҳдати халқ,
Андар он ин шикофатон чи бувад?

Хидмати халқ бод мазҳабатон,
Дур аз ӯ эътикофатон чи бувад?

Гирди худ ин қадар чи мегардед? –
Хештанро тавофатон чи бувад?!

### Тафсири ман

Кай ҷаҳонгирӣ ҳамин чандин макон бигрифтан аст,
Дар ҷаҳон худро ҷаҳон кардан ҷаҳон бигрифтан аст!

Чист боло рафтан андар ин ҷаҳони сарнишеб,
Худ ба боло рафтану дасти касон бигрифтан аст!

Ишқ сад тафсир дорад, лек дар тафсири ман
Қасди пириро аз ин умри ҷавон бигрифтан аст!

Худ нишондорӣ нишон мондан дар ин дунё бувад,
На барои рӯи дил умре нишон бигрифтан аст!

Кандани ҷон бахри номи нек ҳам кон кандан аст,
Дил гирифтан аз тамаъ ҳам ганҷи кон бигрифтан аст!

Ҳамзабонӣ бо забон кардан давои дил бувад,
Низ пеши тезии теғи забон бигрифтан аст!

Ҳамзамонӣ нест будан бори дӯши ин замон,
Бори худро аз сари дӯши замон бигрифтан аст!

Ҳақталошӣ хурдани захри яқини умру низ
Даст аз шаҳду шакарҳои гумон бигрифтан аст!

Раҳ кушодан дар замину кардан онро нурбор
Нусхаҳо аз асли Роҳи Каҳкашон бигрифтан аст!

Сар ба авҷи осмон бурдан ватандорӣ бувад,
Кай валекин пой аз ин остон бигрифтан аст?!

### Ҳушдор

Эй чашма,
Дар ҳабси рӯшани зулолии худ бимонӣ, беҳ,
Дар банди сафеди ҳалолии худ бимонӣ, беҳ;

Агар рӯд бишавӣ,
Раҳ ба раҳ
Дар покии худ намепоӣ,
Меолоӣ…

Худ наолоӣ,
Меолояндат,
Аз ҷарёни пурмонеаи покӣ
Мерабояндат!

**Чӣ мегӯям?!**

Ҳангоми
ногаҳон чашм аз ҷаҳон пӯшиданат
набудам, модар;
Вақте ки
саломи фариштаи аҷалро лаббайк гуфтӣ,
ҳузур надоштам, падар;
Лаҳзаҳое, ки ту барои ҷон ҷон мекандӣ,
ман дур аз ту барои нон ҷон мекандам, бародар;
Соати аз ин дунё хориҷ шуданат дар хориҷа будам, хоҳар…
Дидорҳо ба қиёмат монд,
эй азизоне, ки борҳо дар зиндагӣ
қиёматро бароятон қоим карда будам!
Агар дар он маҳшаргоҳ ба ҳам биёему бипурседам, ки:
«Мо ҳама ҳарфҳои туро –
аз нахустин «папа»-ву «мама»-ҳоят
то шеъру таронаҳоят –
ёд дорем,
ту як вопасин сухани моро ёд дорӣ?»,
Чӣ мегӯям?!

**Хаткашон**

Хаткашон, хаткашони ёду хаёл,
Эй расули басо навиду паём,
Бинамат боз ҳам ба китф анбон,
Куҳна анбони ту пур аз пайғом.

Ҳар саҳар бо қади хамида зи бор
Меҳрро ту баланд мекардӣ,
Бо ҳазорон навиди нуронӣ
Субҳро дилписанд мекардӣ.

Мерасидиву дарди раҳдурӣ
Пеши ту бенишону раҳгум буд.
Чашмаки бози ҳар даре, бахудо,
Дар раҳат чашми чори мардум буд.

Сода сандуқи пуст* пеши назар
Буд сандуқи ганҷи афсона:
Гоҳ пур аз навиди рӯи ҷаҳон,
Гоҳ пур аз паёми ҷонона…

Хаткашони хаёлу ёд, акнун
Пеши интернет пирӣ ту,
Пеши эмайлу эсэмэс маро
Кай дигар ёру дастгирӣ ту?!

Мекунам ёд ҳар дамат ман лек,
Ҳамзамоно, туро чу рамзи замон,
Меравӣ дар хаёлам, обилаҳо
Дар кафи пою дар сари китфон.

Он ҷавонӣ, ки интизорат буд,
Зери бори ғаму алам бишкаст,
Сабзу тар барги номаҳо афсурд,
Сода сандуқи пуст ҳам бишкаст.

Дили аз дард носабурамро
Кай дигар он қарору ором аст?
Хаткашон, дар хаёлӣ анбонат
Аз ҷавонии ман чи пайғом аст?

___________
*қуттии почта*

**Шаш қитъа**

I

Осиё!
Бар сари сахти ту умре буд гардун осиё,
Даврат омад, баҳри худ гардон бимон чун осиё!

II

Африқо!
Гоҳ бар тахтат сапеду гоҳ бар тахтат сиё,
Лек яксон аст дар чашми замон бахтат сиё!

III

Аврупо!
Нимаи ту – масти базму атру упо,
Нимаи ту – бенасибу бесарупо…

IV

Амрико!
Доллар туро обод кард,
Лек дунёро ҳама барбод кард!

V

Австралиё!
Набошад ҳеҷ ҳоле ҳамчу ҳоли ту хароб:
Байни обӣ ҷовидону ҷовидон муҳтоҷи об!

VI

Гарчи бишкаст оқибат инсон яхи хомӯшиатро,
Менабинад дидае гулпӯшиатро…
Бенаво Антарктидо,
З-ин алам қалби яхат сад тарқ дидо!

**Пул**

Як шаҳр менозад ба боғ,
Як шаҳр менозад ба гул…
Ин шаҳри дарёдил вале
Умрест менозад ба пул.

Баъд аз Внези* бостон,
Баъд аз куҳан Ленингрод
Он аст манзури ҷаҳон
Бо шуҳра пулҳои зиёд.

86 пул раҳкушост
Аз соҳилаш то соҳилаш.
86 пул раҳнамост
Аз ҳар дилаш то ҳар дилаш.

Врослав

---

**Венетсия*

**Рӯзнома**

Номардиҳои номардонро,
Бедардиҳои бедардонро,
Хиёнатҳои хоинонро,
Ҳамоқатҳои пуркинонро,
Фосиқиҳои маҳбубонро,
Нолоиқиҳои матлубонро… -
Ҳамаро навиштӣ,
Пурғавғо,
Пурсавдо,
Бе пардаву бе ҳаё навиштӣ.

Аммо
Ишқ набуд имрӯз оё,
Ки нанвиштӣ?
Меҳр набуд имрӯз оё,
Ки нанвиштӣ?
Дилдорӣ набуд имрӯз оё,
Ки нанвиштӣ?
Ғамхорӣ набуд имрӯз оё,
Ки нанвиштӣ?
Гӯшаи равшане набуд магар,
Ки нанвиштӣ?
Сӯи умед равзане набуд магар,
Ки нанвиштӣ?

Агар аз инҳо менавиштӣ,
Ҷои номардӣ
Ҷои бедардӣ,
Ҷои хоинӣ,
Ҷои пуркинӣ,
Ҷои бемеҳрӣ,
Ҷои бадқаҳрӣ,
Ҷои беғамӣ,
Ҷои дилкамӣ…
Тангтар мешуд
Ва фазои зиндагӣ – кушодтар.

Чаро нанвиштӣ аз инҳо, эй беназар?
Чаро нанвиштӣ аз инҳо,
Эй бехудо?!

***

Бар лаб расид дард агар, ох мешавад,
Дар дил, ки монд, як дили сӯрох мешавад.

Гар кохро нажанд кунӣ, хоки рӯи роҳ,
Гар хокро баланд кунӣ, кох мешавад.

Ҳарчихурӣ табиати мардум шавад агар,
Ҳарчикунӣ саодати таббох мешавад.

Дунёи обу дона чи ҷӯӣ ба санглох,
Чизе, ки издиҳом шавад, лох мешавад.

Густохро ба хайкада раҳ нест бегумон,
Аҳли арақ ба майкада густох мешавад.

Дунёву дил фарох бувад, лек кай «фарох»
Бо иқтизои вазни ту «фаррох» мешавад?!

Дум мешавад, бирӯяд агар думликониат,
Беақлиат бисабзад агар, шох мешавад…

**Китоби бетаҳрир**

Зиндагӣ бас китоби хонданӣ аст…

Ҷумла онро башавқ мехонем,
Рӯи дил, рӯи дида мемонем,
Маҳви бемисл нақлу тасвираш…

Оҷиз аз баррасиву таҳрираш.

**Аз ҳама дил ба ҳама дил**

Гуфт Бозор ба андӯҳи фузун
Ҳасрати марги Ҳабибуллоро,
Ончунон гуфт, ки меафзояд

Ҳар дам аз нав алами дилҳоро:

«Хабари рӯи ҷаҳон ҳар соат
Гирд гардад ба сарам чун гирдоб,
Лек аз он рӯзе Ҳабибулло нест,
Ман надорам хабаре аз Кӯлоб»…

Оре, ӯ буд, ки аз ҳар гӯша
Доимо муждаву пайғоме дошт,
Оре, ӯ буд, ки баҳри ҳама кас
Дар дили беғашаш инъоме дошт.

Оре, ӯ буд, ки бо рӯи кушод
Боз мекард дари дилҳоро,
Рухи бикшодаи ӯ гӯё буд
Дари бикшода ба рӯи дунё…

Лаҳзае сабр!
Чаро буд, ки ҳаст
Зинда дар чеҳраи фарзандонаш,
Дар вуҷуди писаронаш нигаред
Дили бикшода, рухи хандонаш.

Хабари рӯи ҷаҳон меоранд
Писарон бар ҳама манзил чун ӯ,
Мерасонанд паёми дилу ҷон
Аз ҳама дил ба ҳама дил чун ӯ.

Оре, оре, бувад ӯ баҳри ҳама
Зинда дар чеҳраи ҳар шаҳписараш.
Рӯбарӯи ману мо меболад
Бо хабарҳои хушу шеъри тараш.

## Мусофирмардикор

Аз уфуқ то бар уфуқ
Рӯйдоде
Ё ки бедоде
Мекунад ҳар дам дилашро зиқ.

Абраке чун нома метобад,
Лек, чун мехоҳадаш бар каф бигирад,
Мешавад дар дидааш борону осоре аз он дигар намеёбад.

Суҳбати ёрон
Барояш нури умед аст,
Шодии дидорашон - аз сад ғизо афзун,
Интизорӣ лек
Саддаста дилашро мекунад хун.

Раҳнамунаш
Роҳҳои зери ин шаҳри азим аст,
Ҳамраҳонаш
Сад нажоду сад забони тозаэҷоду қадим аст.

Бенасиб аз хуш ҳавои боғ,
Мебарад аз боғ партови дигарҳоро;
Баҳри рӯди бозгашти хеш
Меканад ҷӯи умеди хешро
Дар кӯҳу дашти сарнавишти хеш.

Нозҳои хоҷааш бадрӯ-ст,
Лек меъёри бақои ӯст.
Бори қисмат мебарад ӯи мусофир –
Бори ду сар рӯи дӯшаш,
Ду забон андар даҳонаш,
Бори ду ҳосил ба нахли ормонаш.

Сар бувад шабҳо ба рӯи хишт ӯро,
Дур мебошад раҳаш то манзиле,
К-он ҷо
Рӯи ҷогаҳ интизорӣ мекашад
Нармиву гармии як болишт ӯро.

Шаб ба ҳасрат мешавад бедор:
Ҷои ду сар боз рӯи хиштболишташ бувад як сар;
Ҷои ашке рӯи болишташ аён,
Аммо
Ҳамчу халқи ӯ бувад хушк
Ҷои як ашки ғаму шодии дигар…

**Ҳотам**

Бо яке чун рӯбарӯ гаштам,
Додамаш гармии рӯи содаамро;
Дигареро омадам з-он пас дучор,
Ҳадяаш кардам дили бикшодаамро;

Ҳатман андар рӯи ин дунё
Бо касе ман будаам ҳампо,
Бо касе – ҳамто;
Қисмату бахшам ба ҳар ҳамдаст танҳо зӯри дастон буд,
Ҳадяам бар ҳамназарҳо нури чашмон буд.

Сад қасам бо нони гандум,
Шодам аз ташрифатон бар олами софи дилам,
эй пок мардум!
Шодам, инак,
Чун дари лутфи диламро ман ба ҳар рӯе кушудам,
Бо касе белутф мисли бе дилак қулфи дари риндон набудам:
Аз вуҷудам ҳар кадоме лоақал бурдаст як зарра –
Ё умеде,
Ё сафое,
Ё фараҳ.

Қатра-қатра-қатра ҳарфи зиндагӣ гаштам ман охир,
Зарра-зарра-зарра сарфи зиндагӣ гаштам ман охир.

Боз ҳам сӯям биёед ин замон, эй дӯстони ҷонудилравшан,
Бахшу қисмат мекунам бо ҷумла, ҳар чизе, ки дорам ман
(Чун нишона баҳри санги гӯр хоҳам монд
Танҳо ном)
В-андар анҷом
Мепазирам маргро, он вопасин меҳмони худро,
Дода бар ӯ охирин дороии худ –
ин тани беҷони худро.

***

Ҷӯй
Аз дилсардӣ
Буд як афсурда,
Буд ях тобуташ,
Худ – ба мисли мурда.

Лек сеҳри назари ишқ бибинед,
Ки чун маҷнунбед
Мӯи худ кард ба рӯяш афшон,
Об гардид аз эҳсосу бишуд боз равон.

**Чашмаи кӯр**

Манам он чашмаи ноб,
Ки дар ин бераҳа бо пои аташ
Эй басо ташна ба сӯям омад;
Ҷумла бо оби равонбахшоям
Ташнагӣ бишкаста,
Аз дигар боз чароғи дилу чашмон афрӯхт,
Лек як лаҳза дилаш
Бар дили чашма насӯхт,
Чашм бар чашмаи раҳбаста надӯхт;
Бо навин зӯру тавон
Бо раҳи хеш бишуд ҷумла равон,
Норавон монда маро…

Аз чунин бенамакии обам
Рафта дар хеш фурӯ, раҳгуму безӯр шудам,
Гиря карда шабу рӯз,
Охир аз обию шодобии худ дур шудам,
Чашмаи кӯр шудам…

**Хайрбодӣ бо чанористон**

Хайрбод, эй чанорҳои куҳан,
Эй бапо ҷоннисорҳои куҳан.

Қисмат аз мо буридатон, афсӯс,
Эй дареғо зи корҳои куҳан.

Бо шумо рафт рози сарсабзӣ,
Ҳайфатон, роздорҳои куҳан.

Ҳасрато, ин баҳор нашкуфтед,

Овах аз хор-хорҳои куҳан.

Кӯч бастанд сорҳо ба алам
Аз сари шохсорҳои куҳан.

Бо шумо ҷовидона рафт аз боғ
Сояи баргу борҳои куҳан.

Ном мондеду бенишон рафтед
Чун басо ёдгорҳои куҳан.

Тӯбатӯ сӯхтан насиби шумо
Нашуд, эй пойдорҳои куҳан.

Уфтодед сабзтан аз по
Мисли он бемадорҳои куҳан.

Соябон баъд аз ин кӣ хоҳад буд
Ҷоятон, эй қаторҳои куҳан?

Кай қароре қарор бахшояд
Ба дили беқарорҳои куҳан?..

Бо шумо, барнахоста, афтод
Ҳайкали шаҳрдорҳои куҳан.

Набуридед риштаи ёрӣ,
То буридан, зи ёрҳои куҳан.

Побапои ҳама равон будед
Эй басо дар баҳорҳои куҳан –

Дар ҳама ид ҳамсафи мардум
Ҳамчу хешу таборҳои куҳан –

Ёд бодо ба дасти сабзи шумо
Лолагун он шиорҳои куҳан…

Ошиқонро фақат шумо будед
Ёри гаштугузорҳои куҳан.

Сояҳотон ба раҳ чу қолӣ буд,
Ёд бод он нигорҳои куҳан.

Беғалат бурдаед ёронро
То дари гулъузорҳои куҳан…

Сояи бахт буд сояатон
Бар сари ҷумла ёрҳои куҳан.

Дар таҳи ёди сояҳои шумо
Монда он чашмчорҳои куҳан.

Соати меҳру моҳатон гардон

Баҳри он интизорҳои куҳан...

Сабзҷонед агарчи боз аз нав
Дар дили ҳамдиёрҳои куҳан,

Бар сари мо фақат бимонад ёд
Дигар аз соясорҳои куҳан.

Аксатон монда дар нигоҳи пуроб
Ҳамчунон дар наворҳои куҳан.

Ёдатон сояи сари мо бод,
Соябон эй чанорҳои куҳан…

**Бе дил**

Ҳама дардам, ҳама дардам,
Ҳама танҳо, ҳама фардам,
Бо ҳама сӯз, ки дорам,
Дили зорам, дили сардам.

Сӯи дил роҳ набурдам,
Ғами дил ҳеҷ нахӯрдам,
Алами дил нашумурдам,
Бо дили зор чи кардам!

Ғами ман ҳарфу сухан буд,
На ғами дил, ғами фан буд,
Ҷумла номардии ман буд
Он ҳама бо дили мардам.

Киштие буд хуҷаста,
Ба гили умр нишаста,
Оқибат монд шикаста…
Бо дили зор чи кардам?

Буда бе ҳамдамии дил
Зиндагӣ мурдани мушкил,
Дур аз ӯ коҳаму коҳил,
Балки барбод чу гардам!

Қисмат, эй ёри дилогоҳ,
Хоҳам аз ту раҳи дилхоҳ:
Сӯи он раҳзани ҳамроҳ
Бикунӣ роҳнавардам.

**Бепоён**

Аз адл ман одилтарам,
Аз ақл ман оқилтарам;
Бедилтар аз ҳар ошиқам,
Аз синаҳо пурдилтарам;
Ноқистарам ман аз ҳилол,
Аз бадр ман комилтарам;

Аз шохаҳо ворастатар,
Аз реша побаргилтарам.

Аз ғунчаҳо нашкуфтатар,
Аз бодҳо ошуфтатар;
Ифшотар аз ҳарфи лабам,
Аз рози дил бинҳуфтатар;
Умре сухан гуфтам, вале
Аз гуфтаам ногуфтатар;
Бедортар шабҳо зи моҳ,
Аз офтобам хуфтатар.

Якто манам, афзун манам,
Бедил манам, дилхун манам;
То осмонҳо сарфароз,
Дар остон ворун манам;
Ақли ҳама лайлу наҳор,
Бо Лайлие Маҷнун манам;
Сарриштаи қонун манам,
Саргаштаи қонун манам.

Хунҳо зи ман хунё шуда,
Дунҳо зи ман дунё шуда,
Хушкидадарёи дилам
Оғози сад дарё шуда;
Беҷои ин дунё ҳама
Дар дидаи ман ҷо шуда;
Ҳар ҷо, ки паст афтодаам,
Пастӣ зи ман боло шуда.

Шодобтар аз рӯдҳо,
Бахшандатар аз ҷӯдҳо,
Саркаштар аз ҳар шуълаам,
Печидатар аз дудҳо;
Бо будҳо будам ҳаме,
Нобуд бо нобудҳо;
Муслимтар аз Иброҳимам,
Кофартар аз Намрӯдҳо.

...................................
...................................

### Шабу саҳар

Чу диламро ба хеш назар шуд,
Дили зорам зи хеш бадар шуд:
Дили субҳам чи тез шабон гашт,
Шаби мӯям чи зуд саҳар шуд!

### Сиёҳу сафед

Мӯи сафедро
Битвон ба зӯри ранги сияҳ нопадид кард.
Аммо дили сиёҳро

Бо рӯду баҳри шир,
Бо сад ҳазор субҳи сафо
Менатавонӣ сафед кард.

## Хомасӯзан

Баҳри дил пероҳани таб дӯхтам;
Ман бар ин пероҳани дилхоҳи дил
Дона-дона тугмаи ҳаб дӯхтам.

Шаб яке аз рӯзани рӯзам расид,
Аз пайи таб сӯзани сӯзам расид;
Меҳрро бо моҳу кавкаб дӯхтам.

Роҳро дидам, ки аз бероҳ буд,
Рӯзро дидам, ки бо бегоҳ буд;
Пораe бар рӯзам аз шаб дӯхтам.

Мансабам – бо ман, ман – аз мансаб ҷудо;
Вожаи гарми насабро доимо
Ман ба рӯи ҳарфи мансаб дӯхтам.

Раҳ набурдам сӯи бунбасти талаб;
Карда кӯтаҳ аз танам дасти талаб,
Ман ба ҷояш дасти матлаб дӯхтам.

Ман набудам гарчи як қолабшикан,
Ташналаб андар биёбони сухан
Ман лаби сад чоҳи қолаб дӯхтам.

Бо сухан хӯ кард агар лабҳои ман,
Фаррухӣ, дидам, ки набвад дар сухан,
Хомасӯзан сохтам, лаб дӯхтам…

***

Эй хома,
Аё роҳрави шебу фароз,
Роҳи ту дарозу рӯҳи ту шаҳраҳи роз,
Мулки дилу ҷон гирифтӣ, аҳсан, аҳсан,
Пайдову ниҳон гирифтӣ, аҳсан, аҳсан,
Якрӯя ҳама рӯи ҷаҳонро гаштӣ,
Якпоя ҷаҳон гирифтӣ, аҳсан, аҳсан!

## Самти сабзи ишора

Навҷавонӣ гузоракобӣ рафт,
Ёркобиву ёракобӣ* рафт.

Дид хуш-хуш гузори умру ҳазин
Пайи умри дуборакобӣ рафт.

Буд кай найдарав тақозояш –
Тифлии найсуворакобӣ рафт.

Зулфи зарди ҷувориаш дар даст,
Гушнаи нон заѓоракобӣ рафт.

Бори ори китобҳош ба дӯш,
Дар ба дар боз иҷоракобӣ рафт.

Аз пайи хушназорае хуш-хуш
Рафт аз худ, назоракобӣ рафт.

Рафта буд пора-пора аз паси ёр,
Хешро пора-поракобӣ рафт.

Об шуд аз ишорае, шорид,
Самти сабзи ишоракобӣ рафт.

Бо хаёли ситорарухсоре
Рӯзу шаб истиоракобӣ рафт.

Дар дили шаб, асои хома ба каф,
Вожаҷӯӣ, ибоaccess рафт.

Тунд якчанд чораҷӯӣ кард,
Ончунон низ чоракобӣ рафт.

Орзӯяш ситорадорӣ буд,
То фалакҳо ситоракобӣ рафт.

Дар худу оламе намегунҷид,
Олами беканоракобӣ рафт…

---

** ёра – ёро, қудрат; тоқат; ҷуръат. Шамсиддини Шоҳин мефармояд:*
*Парвардаи нозро чи ёра,*
*Паҳлӯ фиканад ба хору хора.*

**Ғамбару бахтовари ман**

Бахтам – рухи дилҷӯи ту, ман бахтиёрам, модарам,
Тахтам – сари зонуи ту, ман шаҳриёрам, модарам.

Ҷон модарам,
Ҷон модарам,
Эй ғамбару бахтоварам,
Розу ниёзат дар дилам,
Дасти дуоят бар сарам.

Аз аллаи пурсӯзи ту оғоз шуд сози дилам,
Дасти дуои ту бувад шаҳболи парвози дилам.
Бошад сафои субҳи ман аз чеҳраи нурониат,
Авҷи умедам додаӣ бо тинати кайҳониат.

Ҷон модарам,
Ҷон модарам,
Эй ғамбару бахтоварам,

Розу ниёзат дар дилам,
Дасти дуоят бар сарам.

Мислат набошад дар ҷаҳон ҳамрӯҳи ман, ҳамроҳи ман,
Аз дарди ман, аз сӯзи ман, аз рози ман огоҳи ман.
Бедорбахтии ман аз бедорхобиҳои туст,
Дар некбахтиҳои ман холӣ ҳамеша ҷои туст.

Ҷон модарам,
Ҷон модарам,
Эй ғамбару бахтоварам,
Розу ниёзат дар дилам,
Дасти дуоят бар сарам.

### Ҳалолат шири модар…

**Ба меъмори Истиқлолияти давлату миллат**

Раҳондӣ аз ҳалокат ҷисму ҷони Тоҷикистонро,
Ба паҳнои ҷаҳон бурдӣ ҷаҳони Тоҷикистонро,
Ниёзу рози миллатро ба минбарҳо баровардӣ,
Кушодӣ дар ҳама минбар забони Тоҷикистонро.

Ҳалолат шири модар, қадри модарро ту медонӣ,
Ба ин сон меҳрубонӣ меҳри хоҳарро ту медонӣ,
Дилат саршори ишқу ишқи ту саршори дил бошад,
Ба ин ишқу ба ин дил ишқи дилбарро ту медонӣ.

Ту бо модар қасам хӯрдӣ, қасамро поктар кардӣ,
Ба шафқат хоҳаронро раставу бебоктар кардӣ,
Вафоро бар диёру ёр то ҳар ҷону дил бурдӣ,
Заминӣ ишқро волотару афлоктар кардӣ.

Ба дилбандӣ ту фарзанди тамоми модарон гаштӣ,
Бародарвор пайванду шафиқи хоҳарон гаштӣ,
Зи сар то по дили покиву барҳақ рамзи дилдорӣ
Ба ҷамъи хушдили дилдодагону дилбарон гаштӣ.

Биарзад, гар садоқатро садоқат аз ту омӯзад,
Сафобахшо муҳаббатро муҳаббат аз ту омӯзад,
Саодат доштан аз бахту аз иқболи мардумро
Дар ин дунёи бемеҳрӣ саодат аз ту омӯзад.

Касеро нестӣ ноёр, аё эй ёри Истиқлол,
Бувад дасту дилат пайваста андар кори Истиқлол,
Ба ҳар ҷо мондаӣ аз хештан осори Истиқлол,
Муборак Кохи Истиқлол, эй меъмори Истиқлол!

### Модар

Аё модар,
Аё эй чашмаи поку мунаввар,
Аз канорат мо чу дарёҳо равон гаштем;
Ҷаҳон гаштем,

Дар роҳи ҷаҳонгардӣ ҷаҳон гаштем;
Ҳазорон рӯду дарё дида,
дур аз чашмаи меҳри ту аммо
ташнакоми ҷовидон гаштем!

Аё модар,
Аё эй шамси ховар,
Мо ба пеши меҳри поку бекаронат зарраҳо ҳастем,
Агарчӣ гоҳ-гаҳ бехеш гарми иддао ҳастем,
Бақои мо ҳамин бошад,
Ки дар оғӯши пурнури ту ҷо ҳастем,
Ҷаҳондору ҷаҳонгири ту аз як каф дуо ҳастем!

Аё модар,
Агар як дам
зи ёдат дур
андар кунҷи гарми хеш
бо шахси ту бедардем,
Агар як дам
сари таъзим бар хони туву
бар хонаву
бар нони гарми ту наовардем,
Агар як дам
сари таъзим бар гармии дил,
бар ҷони гарми ту наовардем,
Агар сад оташу сад оташин бошем,
Агар сад ахтари чархи барин бошем,
Дар ин дахр рӯсардем,
дилсардем,
ҷонсардем!

Аё модар,
Ба наздат гоҳ агарчӣ бодиему тундтар аз бод,
Насими сабзи меҳрат ёд бодо, ёд,
Ки хоҳад рафт моро
Ҷисми бодӣ,
Ҷони бодӣ
Бе насими меҳри ту барбод!

Аё модар,
Аё дар баҳри қисмат шуртабоди мо,
Аё эй бодбони киштии бахту муроди мо,
Аё шири сафедат шаҳдбахши комҳои мо,
Танӯри гарми меҳрат пухтасози хомҳои мо,
Аё эй оташи созандаи сӯзон ниҳоди мо,
Ҷавоби шири покат бод умри покзоди мо
Ва подоши умеду ормонат –
дар талоши будан одам –
ёрии мо,
ваҳдати мо,
иттиҳоди мо!

Аё модар,
Ту оби мо,

гили мой,
Сафои маҳфили мой,
Бақои манзили мой,
Набошӣ ту агар,
Ҳастии мо берун зи обу гил нахоҳад шуд,
Гилу оби азал дар ҳастии мо ҳеҷ ҷону дил нахоҳад шуд!

Аё модар,
Туӣ он кӯҳи побарҷо,
Ки аз акси садоят мешавад огоҳ дунё
аз хушии мо,
фироқи мо;
Туӣ баъд аз Худо,
баъд аз Ватан
Яктои мо,
дунёи мо,
дар меҳр тоқи мо!

**Нестам як сухан…**

Камтарин бастаи каломам ман,
Хуш аз он бо хушии номам ман.

Гарчи кӯчидаам зи худ ба сухан,
Нестам як сухан, маромам ман.

Тифли сарсабзи боғи ин Ватанам,
Пухта аз меваҳои хомам ман.

Гармии манзил аст хуршедам,
Сабзаи руста рӯи бомам ман.

Хӯрдаам нону оши халқ зиёд,
То ҷаҳон ҳаст, аҳли вомам ман.

Баргузиданд гоҳ хосам агар,
Турфа хосӣ, ки хоси омам ман.

Пухтаҳоро чу дидам – афтоданд,
Шукр гуфтам ба худ, ки хомам ман.

Сахт аз издиҳом метарсам,
Гарчи як тан аз издиҳомам ман.

Дар раҳи меҳру шеър аз ман хеҷ
Бенизомӣ маҷӯ,
Низомам ман!

**Таронаи мактабиён**

Мактаб чу гулхан асту сабақҳо забонааш,
Гармии ҷону дил – сабақи ҷовидонааш.
Болида меравем ба паҳнои орзӯ
Дилгарму шердил ҳама аз ошёнааш.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Аз ҷаҳду аз талош бувад тору пуди мо,
Аз дониш аст тӯшараҳи деру зуди мо,
Аз ҷилдҳои кофтану ёфтан бувад
Садҳо китобхона ниҳон дар вуҷуди мо.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Ҳар субҳдам равон чу ба ин роҳ мешавем,
Аз роҳу расми зиндаги огоҳ мешавем,
Бо роҳи дониш аз дилу ҷон пеш меравем,
То пайравони пешаи дилхоҳ мешавем.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Ҳолост бори дӯш агар як китобдон,
Фардост ному нанги Ватан бори дӯшамон,
Аз ин сабаб ба рӯи замин пои мо қавист,
Дорем аз ин сабаб ҳамагон сар ба осмон.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

**Зинаи бахт**

Сӯи ту мекунем ҳар субҳдам шитоб,
Моем нурхоҳ, ҳасти ту офтоб,
Қад мекашем мо монанди навниҳол
Андар канори ту, эй боғи бемисол!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Боши ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳасти ту кони панд,
Чун бахти халқи мо мони ту бегазанд!

Таърихи халқамон бар мо баён куни,
Бар ҷисми мулкамон моро чу ҷон куни,
Бар мо сабақ диҳи аз кимиёи бахт,
Монанди зинаи то авҷҳои бахт!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,

Боши ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳасти ту кони панд,
Чун бахти халқи мо мони ту бегазанд!

Мо кони маънием аз файзи шарҳи ту,
Мо бешумораем аз ҷамъу тарҳи ту,
Аз ту гирифтаем тобу таби ҳаёт,
Аз ту расидаем бар матлаби ҳаёт.

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Боши ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳасти ту кони панд,
Чун бахти халқи мо мони ту бегазанд!

Чун нури ҷовидон дар рӯзгори мо
Бигзор, хуш бувад омӯзгори мо!
Эй фахри мо, шавем бар авҷи эътибор,
Гар лаҳзае кун ибо мо ту ифтихор!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Боши ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳасти ту кони панд,
Чун бахти халқи мо мони ту бегазанд!

**Ватан**

Набошад ин Ватан фақат
Сарои ту, сарои ман,
Ватан бувад дар ин ҷаҳон
Бақои ту, бақои ман!

Замини ӯст такягоҳ,
Самои ӯст сарпаноҳ,
Ду чашми ӯст меҳру моҳ
Барои ту, барои ман!

Аз ӯст номат арҷманд,
Каломат аст дилписанд,
Аз ӯст ҳар куҷо баланд
Садои ту, садои ман!

Туро аз ӯст зебу фар,
Маро аз ӯст болу пар,
Кушод аз ӯст ин қадар
Фазои ту, фазои ман!

Баланд ҷумла сар аз ӯст,
Баландии назар аз ӯст,
Баланд ин қадар аз ӯст
Баҳои ту, баҳои ман!

Ба дасти ҳар дилогаҳаш
Тилост ҳар пари каҳаш,
Чу қолӣ аст пайраҳаш

Ба пои ту, ба пои ман!

Кушод хони ӯ шавад,
Зиёд нони ӯ шавад,
Нигоҳбони ӯ шавад
Худои ту, Худои ман!

Ба ганҷи ҷон, ба ранҷи тан
Аз ӯ кунем як чаман,
Касе намекунад Ватан
Ба ҷои ту, ба ҷои ман!

## КАФТАРГУЛИ НОМА

### Расми дастонсоз

*Ба дӯсти шоирам Ҳодӣ Сайидии Киёсарӣ,*
*ки барои огози ин газал мадюни мисраи зебои ӯям.*

То нафас боқист, ишқи зулҷалолӣ, зинда бошӣ,
Чорасоз, эй душмани бечораролӣ, зинда бошӣ.

Бегумон, ҳар синну солеро ғамеву ҳасрате ҳаст,
Ошиқӣ, эй давраи бесиннусолӣ, зинда бошӣ.

Бе ту ин ҷоми тилоӣ чист, эй ишқи тилоӣ?
Эй хумори ишқу он ҷоми сафолӣ, зинда бошӣ!

Бо қади хам мекунам, эй ёри дил, з-ин пас дуоят:
Дар дилу ҷон бо қади сабзи ниҳолӣ зинда бошӣ.

Эй замони ҳамраҳи он ҳофизи ишқи дили ман
Ҷустан аз девони Ҳофиз некфолӣ, зинда бошӣ.

Хоби беҳабро намебинам дигар дар хоби хуш ҳам,
Дар хаёл, эй хоби бедимедролӣ, зинда бошӣ.

Ҳар гаҳ афтодам, ба по бархостам бо ҳиммати ту,
Эй дил, эй хасми ҳама афтодаҳолӣ, зинда бошӣ.

Эй дурахши қимати зар, эй самои қадри парвоз –
Расми дастонсози симурғиву золӣ, зинда бошӣ.

Дар дили ман чун ду қутби Тоҷикистони азизед,
Эй ҷанубӣ, зинда бошӣ, эй шимолӣ, зинда бошӣ.

Эй чанори сабз, ҳар баргат бувад чун баргаи шеър,
Дар хиёбони зи шоирҳо хаёлӣ, зинда бошӣ.

Эй қади пайваста пеши пастии дунё баландам, -
Эй хитобам сӯи дунёи саволӣ, зинда бошӣ!

***03.03.09. Теҳрон***

### Меравад зан…

Зан, ки ранҷид, меравад як рӯз*,
Зан, ки ранҷид, меравад ҳатман,
Нест суде дигар зи баҳсу талош,
Нест суде дигар зи мову зи ман.

Меравад зан ба мисли рӯди равон
(Чун раҳи об ҷонфизо раҳи ӯст),
Хушкмағзест гар аз ӯ ғофил,
Ташнаҷоне хумору огаҳи ӯст.

Меравад зан ба мисли боди баҳор,
Мебарад накҳати гулу райҳон,
Бедимоғе агар набӯидаш,
Хушдимоғе бигирадаш дар ҷон.

Меравад зан ба мисли овое,
Ин чи овост, олами роз аст,
Гар ба гӯши каре накард асар,
Гӯши завқе барои ӯ боз аст.

Меравад зан чу моҳ, чун хуршед –
Меравад ноаён зи мову зи ман,
Мешавад тира манзиле бе ӯ,
Мешавад манзиле аз ӯ рӯшан.

Меравад зан чу нури чашм, ки мард
Ҳамчу чашм асту зан бувад нураш,
Чашм агар қадри нур нашносад,
Чашми сар не,
Бигӯ чаҳи кӯраш!

Меравад зан чу ашк аз дида,
Дурри ашкаш зи кӯҳи чеҳра чакон,
Ин ҳама ашк нест –
Ҳар қатра
Санги нанг аст бар сари мардон!

Меравад зан,
Зи ашки боронаш
Боли бишкастааш шикастатар аст,
Эй ки парвози бахт мехоҳӣ,
Мурғи бахт ӯст!
Гарчи муштипар аст…

Меравад зан…
Нигоҳ кун, эй мард –
Меравад бахт, меравад иқбол!
Меравад зан…
Равад ба ҳар ҷое,
Мекунандаш чу бахт истиқбол…

---

** Илҳом аз шоири маъруфи рус Сергей Орлов.*

Гулҳои Ватан ба нозу бо роз шукуфт,
Кафтаргули нома вақти парвоз шукуфт,
Ғайр аз гули дидори ту, эй дури қарин,
Дар боғи нигоҳи ман ҳама боз шукуфт.

**Мактуби дил**

Ёри дили ман будиву маҳбуби дили ман,
Бе рӯи ту бадрӯзам, аё хуби дили ман.

Аз боғи вафо бигзару ҳар барги хазонро
Бо гиря бихон боз чу мактуби дили ман.

Сар бар сари ин сина бинеҳ аз сари ёрӣ,
Ёрона тасаввур бикун ошӯби дили ман.

Ё раб, чи гарон аст хазонрези муҳаббат,
Бас ҷабр бувад бар сари ҷорӯби дили ман!

Сад мансабу мансуб раҳо шуд ба раҳи умр,
Ишқ аст ҳамон мансабу мансуби дили ман.

Кас ҷуз дили ноогаҳи ман дар ҳама дунё
Огаҳ нашуд аз матлабу матлуби дили ман.

Мулло нашуд ин хирси дил, эй войи ману дил,
Ҳарчанд басо хӯрд адабчӯби дили ман.

Бас бӯи алам монд зи пероҳани ёдат,
Юсуф чи ҷафо кард ба Яъқуби дили ман!

Аз чанги ту, эй ишқи ман, эй тифлаки бесар,
Ҳаргиз нараҳад, то накафад, тӯби дили ман!

Бинмудан аз ин беш ҷафоҳо натавонӣ,
Эй ишқ, ту бо саркаши маслуби дили ман!

Охир ту маро мекушӣ, аммо ба қиёмат
Сар мекашӣ аз оташи саркӯби дили ман!

**$24^{00}$**

дилам имрӯз
на дар банди ту аст,
на зи банди ту раҳо;

ҷонам имрӯз
на ороми ту аст,
на бароят шайдо;

рӯҳам имрӯз, аҷаб,
бастапои ту наяст,
раставоят ҳам нест;

сарам имрӯз
дар оғӯшат не
ва ба поят ҳам нест.

…соати бистучаҳор аст расо,
ки на аз имрӯз аст,
на ҳанӯз аз фардо.

**Дар хонаи оинаи дил**

Соли куҳанам пур аз биёву рави туст,
Аз соли навам умед бахти нави туст,
Оғози тамоми субҳи нуронии ман
Дар хонаи оинаи дил партави туст.

**Сояҳо**

Ҳамчу дар он рӯзҳои беғубор,
Аз канори ҳам валекин барканор
Сояҳомон боз паҳлӯи ҳаманд,
Баъд аз ин ду сояи дарду ғаманд.

Бо аламҳо аз дили мо бигзарад:
Худ чи кардем аз қазо мову ту бад?..
Лек бесуд аст дигар чанду чун,
Хун шавад дилҳо аз ин андӯҳ, хун.

Аз ҳаёти рафтаи зебо алам,
Сояҳо дигар намеояд баҳам.
Медиҳад аз он замон пайғомамон
Сояҳои боҳами дилдодагон.

Нест моро чашми бетоб, эй азиз,
Ғайри кӯли холӣ аз об, эй азиз,
Чор кӯли хушк ҷовидон дигар
Тар бувад з-ин баъд аз хуни ҷигар.

**Шабнома**

Тирезаҳо ҳама баставу торик анд
Чун чеҳраҳои гирифтаи бенур.
Танҳо тирезаи туст кушодаву рӯшан
Чун рӯи бозу нурониат, эй ҳур.

**Сад роҳи як моҳ**

Сад шукри ин роҳи фароз –
Сӯи манат овард боз;
Сад шукри ин роҳи нишеб –
Бар ман расондат бефиреб;

Сад шукри роҳи раҳнамо –
Сӯи манат шуд раҳкушо;

Сад шукри роҳи беғубор –
Додат ба ман, эй шаҳсувор;

Сад шукри роҳи обугил –
Бахшид бар ман ҷону дил;
Сад шукри ин роҳи ҳаёт –
Бар ман расондат чун нишот;

Сад шукри роҳи чуну чанд –
Додат ба ман, эй дилписанд;
Сад шукри роҳи доругир –
Додат ба ман, эй ишқи дер;

Сад шукри роҳи созу сӯз –
К-аз рӯи ту шуд роҳи рӯз;
Сад шукри роҳи дури дур,
Аз ройи ту шуд роҳи нур;

Сад шукри роҳи осмон –
Шуд роҳ то ин остон;
Сад шукри роҳи оҳанӣ –
Ин лаҳза дилнарми манӣ;

Сад шукри роҳи ону ин, –
Шуд роҳи бо ҷонам қарин;
Сад шукри ин роҳи умед, –
Роҳе, ки то манзил расид;

Омад аҷаб раҳ сӯи ман
Бо ёри чун маҳ сӯи ман,
Гӯям сари раҳ: шукри моҳ!
Гӯям бари маҳ: шукри роҳ!

**Турсунзодавор**

То дилам аз шуълаи рухсори ту рӯшан шуда,
Дар нигоҳам рӯи олам бехазон гулшан шуда,
Чашми рахшонат ба сӯи бахти ман равзан шуда,
Хуш ба ҳоли ман, ки як олам насиби ман шуда.

Роҳи дил манзил надорад, гар набошад ишқи ту,
Рӯди дил соҳил надорад, гар набошад ишқи ту,
Нахли дил ҳосил надорад, гар набошад ишқи ту,
Дил ғурури дил надорад, гар набошад ишқи ту.

Гар набошад ишқи ту, нуру сафои хона нест,
Он муҳити дилнавозу дилкушои хона нест,
Бӯи меҳру бӯи ёрӣ дар фазои хона нест,
Аз тило бошад сутунаш ҳам, бақои хона нест.

Маъние омад аён аз ишқи ту, эй ишқзод:
Зиндагиро инчунин арзанда маъно ишқ дод,
Ҷону дилҳоро кунад ишқ авҷхоҳу ишқ род,
Дини дилҳо ишқ бод, оини дунё ишқ бод.

То биёбам гармии дил дар баҳори ишқи ту,
То вуҷудам пур шавад аз баргу бори ишқи ту,
Мегурезам дилхумору ҷонхумори ишқи ту
Аз канори ин ҷаҳон то беканори ишқи ту!

**Талху ширин**

Аз ҷаҳон моро ҳамин оин бас аст,
Ҷоми талху дилбари ширин бас аст!

**Сӯи ту**

Маҳро дидам, ки тоза чун рӯи ту буд,
Гулро дидам, ки соф ҳамбӯи ту буд,
Рӯ сӯи ту доштам, ба ҳар ҷо рафтам,
Аз рафтани ҳар сӯ ҳавасам сӯи ту буд.

**Гурез**

Нигоҳат бошад аз чашмам гурезон –
Бувад акси кӣ дар чашми ту пинҳон?!

**Сарви ёд**

Рафтиву ба ёди сарви қаддат мондам,
Бас ашк ба пои сарви ёд афшондам,
Бо ёди ту зери резабoрони алам
Дар боғи хаёл сарвҳо биншондам.

**Ишқи нав**

Аё нохонда ишқ, эй ёри хонда,
Ки бахтат рӯ ба рӯи ман нишонда,
Чу ҷон меҳоҳамат дар тан, валекин
Барои ишқи нав ҷонам намонда.

**Чӣ мекардам?**

Ту 29-уми февралӣ,
Ки дар чор сол як бор меоӣ…
Шукр мегӯям ин рӯзро,
Чӣ мекардам,
Агар 32-юми март мешудӣ?!

**Оина**

Омаду шиновар шуд чун ба оби оина,
Ҳамчу оби рӯд афзуд изтироби оина.

Ҳар хироми дилҷӯяш, печутоби чун мӯяш
Шуд азоби оина, печутоби оина.

Шуд зибаски оина пур зи ҳусни шодобаш,

Оби шавқ ҷорӣ шуд аз сароби оина.

Рӯи гул намоён кард, бӯи гул фаровон кард,
Арғувонии дигар шуд гулоби оина.

Гашт оламе рӯшан аз булӯри андомаш,
Эй мумаййизон, бинед интихоби оина!

Шоми тори оина аз рухаш саҳар гардид,
Омад аз дигар берун офтоби оина.

Аз ҷамолаш оина ҳусни бемасал дарёфт,
Аз лабаш асал дарёфт оби ноби оина.

Он замон ба оина чашми ҳар ки меафтод,
Масти ҷовидон мешуд аз шароби оина.

Як хитоби зебо шуд сӯи пастии дунё
Қомати баланди ӯ дар китоби оина.

Баъд пушти абри хоб рафту хуфт он маҳтоб,
То саҳар аз ӯ саршор монд хоби оина.

**Бо ту**

Ту ҳурӣ…
Низ мекӯшам,
Ки бошам ончунон як покҷон, эй гул,
Ки бо ҳам оқибат як кунҷи ҷаннатро барафрӯзем.

Агар кардӣ гуноҳе,
Мекунам ман беш аз он, эй гул,
Ки дар савдои он дунё ба ҳам бошем,
Дар дӯзах баҳам сӯзем…

***

Қурбони ишва карданату ноз карданат!
Дилро кашон-кашон зи паси хеш бурданат!

Ин дил, ки фарқи фанду фани зиндагӣ накард,
Қурбони фандҳои фиребои пурфанат!

Ҷонро ба ҷон расонда ғами тан надоданат!
Дилро хурад ғами ғами дилро нахурданат!

Хуш он даме, ки ҷо шавад охир дили туям,
Эй ҷои ҷовидона аз аввал дили манат!

Ҳосил маро зи аслу зи қалби ҷаҳон бувад
Дилбар тани чу симу дили ҳамчу оҳанат!

Рӯида нест қад-қади роҳи ту нозбӯ,
Нозест – чак-чакон ба раҳ аз нозбӯ танат!

Дил хост бегунаҳ бикашад пар ба осмон,
Бозаш кашид сӯи замин чашми раҳзанат!

Дилбандӣ ончунон, ки дилам хоҳад аз Худо:
Ҳаргиз набинад, эй тани дилсӯз, дилканат!

То шуд ба гардани ту маро дасти орзӯ,
Хун шуд дилам зи дасти ту, хунаш ба гарданат!

**Ду афтодан**

Зи ҳар афтодани чашмат ба он маҳ,
Дило, беҳтар, ки худ аз Маҳ биафтӣ!

**Анҷом**

То гашт пур зи меҳрат,
эй моҳ, манзили ман,
То моҳтоби рӯят
афрӯхт маҳфили ман,
Анҷом ҳам биёбад
афсонаи дили ман,
Ишқат бурун биёрад
садҳо гул аз гили ман!

***

Бувад чашми дилам рӯшан зи чашми пурзиёи ту,
Битобад ахтари бахтам зи ишқи чун самои ту.

Дари чашму диламро боз кардӣ ҷониби дунё,
Ба ҳар дар мекунам ман шукри ишқи даркушои ту.

Агар бошӣ, надонам ман, дилу ҷон дар куҷо бошад,
Набошӣ, дар вуҷудам ҷону дил бошад ба ҷои ту.

Шавад рӯзи дилам оғоз, кунад мурғи дилам парвоз
Зи рӯи нурполоят – зи субҳи пурсафои ту.

Дар ин дунё агар бошад маро арзанда колое,
Дилам бошад ва он бошад барои ту, фидои ту.

Барои тифли ишқи мо аз ин беҳ нест меросам –
Диламро дар кафат монам, сарамро пеши пои ту!

**Дубайтиҳо**

Ба сӯи ту садо дорам, гули ман,
Наоӣ гар ту, нодорам, гули ман,
Ҳама дунё насиби дигарон бод,
Маро кофӣ – туро дорам, гули ман.

Баро, бе ту барори қисматам нест,

Биё, бе ту насиби нусратам нест,
Ба тахти бахту давлат ҳам нишинам,
Набошӣ гар ту, бахту давлатам нест.

Туӣ ҷонам, туӣ ороми ҷонам,
Туӣ вирди дилам, вирди забонам,
Тавонам чанд ҳатто бе ҳаво буд,
Даме бе ту валекин кай тавонам?

Дилам чун лолаҳои боғ доғат,
Бибинам лолаи бедоғи боғат,
Ба худ оям, ки аз сар рафта умрам,
Чу умри рафта бинмоям суроғат.

Чу ман дар боғи ишқат хор набвад,
Миёни чорсӯ ночор набвад,
Ба сӯят мешитобидам зи ҳар сӯ,
Дареғо, бахти ман подор набвад!

Набошад дар кутуби даҳр розат,
Нагунҷад ҷуз ба қалби танг нозат,
Чи сон битвонам андар умри кӯтаҳ
Бигӯям қиссаи мӯи дарозат?!

Муҳаббат - гарму сарди синаи ман,
Сурури ман, ғами деринаи ман,
Маро бишносаду бишносам ӯро,
Бувад оини ман, оинаи ман.

Ба қисмат чанду чун кардан намеша,
Фалакро вожгун кардан намеша,
Илоҷе нест бахти сарнагунро –
Қазоро сарнагун кардан намеша!

Сафои ҷону дил дорад муҳаббат,
Бақои обу гил дорад муҳаббат,
Азизон, аз баҳоронаш напурсед,
Зимистон боғи гул дорад муҳаббат!

**Ту маро ёри Худо намудӣ…**

Ман як афгор будам,
Зору бемор будам,
Туям аз дард раҳо намудӣ,
Ба дилам роҳи раҳо намудӣ.

Аз баҳорон ғофил,
Дар хазон пой ба гил
Будаам, туям бапо намудӣ,
Ба баҳорам ошно намудӣ.

Байни гулзори ҷаҳон
Будаам хори ҷаҳон
Бо гулам ту ҳамнаво намудӣ,

Булбули боғи вафо намудӣ.

Бехуде будаму бас,
Ғофил аз нокасу кас,
Ту маро ёри Худо намудӣ,
Ахтари авҷи само намудӣ…

**Намеоӣ**

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»*
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Ту хушандому ман, ки хушназарам,
Бастаи рӯи туст чашми сарам,
Ба ғамам ошноиву ба барам
Ҳамчу дилошно намеоӣ.

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Дили озода пойбанди ту шуд,
Комширини фанди қанди ту шуд,
Чи табибӣ, ки дардманди ту шуд,
Ту барои даво намеоӣ!

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Дар раҳи нанг шуд дилам бе ту,
Аз ҷафо санг шуд дилам бе ту,
Бе ҳаво танг шуд дилам бе ту,
Ба дилам чун ҳаво намеоӣ.

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Зиндагонӣ барои ишқи дил аст,
Хонаи босафои ишқи дил аст,
Ҳастии ман сарои ишқи дил аст,
Ҷониби ин сaро намеоӣ.

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Сӯи овои туст ҳуши дилам,
Бошад овои ту сурӯши дилам,
Аз чӣ, эй ёр, сӯи гӯши дилам
Ҳамчу як хуш садо намеоӣ?

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Гули ман, хори ман аз ин бошад,
Ҳама озори ман аз ин бошад,
Ғами бисёри ман аз ин бошад,
Ки шудӣ камнамо, намеоӣ…

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

---

* Байти халқ.

**Ҷӯёи ҷон**

Ёри куҳан будӣ,
Дар чашми ман будӣ,
Чун хун маро дар дил,
Чун ҷон ба тан будӣ.

Рафтӣ, равонам рафт,
Тан монду ҷонам рафт,
Монд ин ҷаҳон, аммо
Нури ҷаҳонам рафт.

Ман мондаму дил монд,
Дунёи мушкил монд,
Гулбоғи дил хушкид,
Як олами гил монд.

Бе ту чи сонам ман? –
Бе ҷон равонам ман,
Як ҷисми беҷонам,
Ҷӯёи ҷонам ман!

**Оинаи садпора**

Дилам оинаи садпора бувад
Ва ба ҳар пораи он
Акси он дилбари дилхора бувад.

**Рубоиҳо**

Чун дар раҳи умр чашми дил бикшодем,
Бархостадил ба чоҳи ишқ афтодем,

Оҳи дилу ашки чашми мо бину бидон:
Чашму дили худ ба боду борон додем.

То дар раҳи ишқи содаат афтидем,
Болида гаҳе зи хешу гаҳ нолидем,
Аз дидаву нодида чи гӯем, ки мо
Дар чашми ту асли хештанро дидем!

Коҳидани мо зи ишқ афзудани мост,
Андар талабаш давидан осудани мост,
Фориғ зи хаёли ӯ набудан нафасе
Дар буду набуди зиндагӣ будани мост.

Бедардиву ҷумла дардамон бахшидӣ,
Рӯгармиву оҳи сардамон бахшидӣ,
Ҳайратзадаем мо зи таззоди ҷаҳон:
Рӯсурхиву ранги зардамон бахшидӣ!

Якчанд ки дар суроғи дил раҳ бурдем,
Аз ранҷи фузун ба доғи дил раҳ бурдем,
Он рафтани мо раҳравии сода набуд,
Аз рӯи гуле ба боғи дил раҳ бурдем!

Чашми дилам аз рӯи ту рӯшан бошад,
Ҷону дилам аз бӯи ту гулшан бошад,
Дар рӯи ҷаҳон фақат туӣ шодии ман,
Аз ман биравӣ, ғаму дили ман бошад!

Ҷононаи ман, рафта шудӣ масковӣ,
Гуфтӣ, ки «ба хови худ маро меёвӣ!»
Ноёби дилам, ба хов чунат ёбам,
Бе ту чу насиби ман бувад беховӣ?!

Маскав, Маскав, шаҳри зимистону баҳор,
Рӯзу шабат омехта бо атри нигор,
Дилдори ту кам буд, ки бераҳмона
Дилдори маро низ гирифтӣ ба канор?!

***

Дар тирамоҳи умр баҳори дилам туӣ,
Эй беқарордил, қарори дилам туӣ.

Номардумӣ тамом ба мардум гузоштӣ,
Мардум шудӣ, ба дидаи чори дилам туӣ.

Дар тираҷониам гули нури дилам туӣ,
Дар сардҷониам гули нори дилам туӣ.

Ҷавлон задӣ ба дашти дилам, эй ғизолчашм,
Сайёди дил туиву шикори дилам туӣ.

Беҳтар, ки аз ҳазор нагӯӣ ба пеши ман,
Эй беш аз ҳазор, ҳазори дилам туӣ!

## Ҳароратсанҷ

Хушиву ранҷи ман ҳастӣ, гули ман.
Саропо ганҷи ман ҳастӣ, гули ман.
Табу тоби маро беҳтар ту донӣ,
Ҳароратсанҷи ман ҳастӣ, гули ман!

## Дилпайванд

Ту меҳмони манӣ имшаб,
Дилу ҷони манӣ имшаб,
Манам кайҳоннаварди ишқ,
Ту кайҳони манӣ имшаб.

Бувад чашмам пур аз рӯят,
Бувад ҷонам пур аз бӯят,
Ҷаҳон они дигарҳо бод,
Ки ту они манӣ имшаб.

Ҷаҳони ман туӣ, эй нур,
Биҳишти ман туӣ, эй ҳур,
Ба мисли гавҳарак, эй ҷон,
Ба чашмони манӣ имшаб.

Зи чашмонат диҳӣ обам,
Ба гирдобат диҳӣ тобам,
Дилам даври ту мегардад,
Ки тӯфони манӣ имшаб.

Туӣ он дарди ҷонкоҳам,
Ки дармонаш намехоҳам,
Фидои дарди ширинат,
Ки дармони манӣ имшаб.

Туӣ овои ҷони ман,
Навобахшои ҷони ман,
Сукути ҷовидон будам,
Ту афғони манӣ имшаб.

Туӣ рӯшантар аз субҳам,
Туӣ дунёи беқубҳам,
Туӣ моҳи пур аз меҳрам,
Дурахшони манӣ имшаб.

Туӣ Ширин, туӣ Лайло,
Туӣ якто, туӣ танҳо,
Вале бо ишқи беҳамто
Фаровони манӣ имшаб.

Наӣ пайванди ҷони ман,
Туӣ садчанди ҷони ман!
Аё эй ҳамтани ширин,
Ту дар ҷони манӣ имшаб!

***

Мӯи ту, ки додаи Худо мебошад,
Як лутфи Худо барои мо мебошад,
Яъне, ки дили шикастаи ошиқро
Беҳтар зи ҳазор мӯмиё мебошад!

***

Додӣ ту тоҷу тахтам, эй ишқи содаи ман,
Бурдӣ ба авҷи бахтам, эй ишқи содаи ман.

Ҳамрози рӯзи некам, эй дилфурӯзи некам,
Ҳамдарди рӯзи сахтам, эй ишқи содаи ман.

Эй шеваи ту некӯ, эй меваи ту дилҷӯ,
Дар боғи дил дарахтам, эй ишқи содаи ман.

Дил буд бодмарде, шуд аз ту родмарде,
Заррин шуд аз ту рахтам, эй ишқи содаи ман.

Дунёи шӯр кардӣ, маъвои нур кардӣ
Аз ин дили карахтам, эй ишқи содаи ман.

**Дар боғ**

Рухи бечин, баҳоронат хуҷаста!
Дили бекин, баҳоронат хуҷаста!
Гулу гулчин фаровон аст ҳар сол,
Гули гулчин, баҳоронат хуҷаста!

**Бо борон**

Борони тор-тор,
Эй пуртарона ёр,
Ашки маро бибар,
Ёри маро биёр.

Он дилфурӯзи дил
Оё зи сӯзи дил
Ашке фишондааст
Бар тирарӯзи дил?

Бе ӯ бибин ғамам,
Дунёи барҳамам,
Аз осмони ёд
Борони нам-намам.

Ашки ту рӯшан аст,
Пурдарду бефан аст,
Гӯё сиришки дил
Аз дидаи ман аст.

Эй бениёз ёр,
Эй кони роз ёр,
Ояд ба роҳи ишқ
Баргашта боз ёр?

Эй парда пеши рӯ,
Бепардатар бигӯ:
Дар пардаи ту ҳаст
Торе зи ашки ӯ?..

Борони ҳамнафас,
Эй ёри дастрас,
Бе ҳампари дилам
Ҳастӣ туям қафас.

Эй ҳамнавои ман,
Гирйӣ барои ман,
Ашкам ба пои ту,
Ашкат ба пои ман…

### Содадил

Ёри дил, эй содадил,
Ман ба худат дода дил,
То ба абад инчунин
Хоҳамат озодадил.

Ёри дилогоҳи ман,
Нури саҳаргоҳи ман,
Бо ту гарон меҳри ман,
Бо ту сабук оҳи ман.

Рӯи ту – рӯи умед,
Бахти ту бодо сафед,
Чун ману ту дилқарин
Кас нашуниду надид!

Меҳри ту шуд чун зиё
Дар дилу дар дида ҷо,
Меҳру муҳаббат мабод
Аз ману аз ту ҷудо!

Ёри дил, эй содадил,
Ман ба худат дода дил,
То ба абад инчунин
Хоҳамат озодадил,
Ёри дил, эй содадил…

### Чорёр

Ин Ману Ишқу Орзӯву Умед
Чор тан ёри бовафо ҳастем,
Ҳамдами ҳам ба ҳар куҷо ҳастем.

Меҳрро то уфуқ гуселонем,
Моҳро шамъи рози худ хонем,
То саҳар дар қаламрави тақдир
Боз Ман, Ишқ, Орзӯ, Уммед –
Чор тан ёри бовафо монем.

### Ҳукм

Агар сад оби ҳайвон хӯрда бошӣ,
Агар ишқат набошад, мурда бошӣ!

### Ҷаҳолат

Ту – танҳо,
Ман – танҳо,
Намедонем аммо,
Ки ду танҳо ба ҳам биёяд,
Ҷуфт мешавад…
Намедонем, дареғо…

***

Чи уммеди навӣ аз хонаи пурнури шоир,
Агар зери чароғи зарқу барқи ӯ
Ҳамон шамъи ҳазоронсола месӯзад,
Ҳамон парвонаи дерина мечархад?

***

Меравам бо оби ҷӯи хештан
То ба рӯди обрӯи хештан.

Мекунам таъмирҳо, тағйирҳо
Даҳрро дар орзӯи хештан.

Дӯст медорам ба даҳри пурсадо
Бо дили худ гуфтугӯи хештан.

Нестам масти сабӯи ҳеҷ кас,
Бар сари дӯшам сабӯи хештан.

Ғайри чашми хеш дар оинае
Ман надидам асли рӯи хештан.

Дар набарди хеш бо хеш эй басо
Буд дастам дар гулӯи хештан.

Ҷустани маънӣ маро дар ин ҷаҳон
Бошад асли ҷустуҷӯи хештан.

Карда боғи шеъри тар умри маро
Масти ранги хешу бӯи хештан.

Шеъргуфтанҳои ман, эй дил, набуд
Ҷуз садо кардан ба сӯи хештан.

**Умри барқ**

Навпайи роҳи куҳан будем мо,
Бастагони ин расан будем мо.

Бо ҳазорон кас гаҳе танҳову зор*,
Гоҳ танҳо анҷуман будем мо.

Ноҳақӣ ҳар ҷо, ки шуд овобаланд,
Аз алам фарёдзан будем мо.

Дар раҳи умри абад гоҳеву гоҳ
Дар ғами гӯру кафан будем мо.

Бехабар аз умри барқи навбаҳор,
Раъдсон ғулғулфикан будем мо.

Сар ба авҷи ишқи зебо доштем,
Марди сар бар пои зан будем мо.

Ошиқи рӯи ҷаҳону пеш аз он
Ошиқи рӯи сухан будем мо.

Баҳри ҳарфеву ҳиҷое то саҳар
Гарми баҳси мову ман будем мо.

То бимонад сатри ширине зи мо,
Ҷонкан чун Кӯҳкан будем мо.

Ошиқона ёдамон кун, эй Ватан,
Шоири ишқи Ватан будем мо.

---

** Устод Рӯдакӣ: «Бо сад ҳазор кас ту танҳоӣ…»*

## ГАРДИ БОРОН

**Идомаи тарона**

*Ин хона қашанг аст, вале хонаи ман нест…*
***Хусрави Фаршедвард***

Ҳарчанд фароҳам бикунад зиндагӣ имкон,
Дар ҳар дару кӯ нест маро зиндагӣ осон;
Сад шаҳри азим аст, вале нест Душанбе,
Сад кӯҳи баланд аст, вале нест Бадахшон.

**Сайқали дунё**

Шабҳо чароғон мешавӣ,
Пурнуру тобон мешавӣ,
Эй осмони бахти мо,
Як ахтаристон мешавӣ.

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Ҳар субҳдам бо офтоб
Болида мехезӣ зи хоб,
Хоки ҳама кӯи ту зар,
Оби ҳама ҷӯят гулоб.

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Шуд хонаи дил ҷои ту,
Дар гӯши дил овои ту,
Бо ҷону дил бошад қарин
Кӯҳи туву дарёи ту.

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Шоми сафедат пурзиё,
Субҳи умедат пурсафо,
Набвад баҳоят ғайри дил,
Эй дилкушо, эй дилрабо.

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Рӯди ту бодо хуш равон,
Боди ту бодо хуш вазон,
Ҳар фасли ту бодо баҳор,
Бодо баҳорат бехазон!

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Бошӣ барои мо ту хуш,
Аз рӯи ин дунё ту хуш,
Дунёст моро бе ту ҳеҷ,
Дунёст моро бо ту хуш!

Рӯи ту аз рӯи ҷаҳон беҳ,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон беҳ,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

**Хуросонӣ**

Ин ҷаҳон ҳамчу осиёб бувад,
Медиҳад тоб ҷисму ҷонатро,
Мекунад ҷорӣ оби чашматро,
Мекунад гард устухонатро.

Донааш донаҳои ашки ту аст,
Сари сахти ту санги он бошад.
Гарди пирӣ ба сар туро резон
Аз шитобу диранги он бошад.

**Дунё**

Ёд аз он гардҳо, ки мард шуданд,
Вой аз он мардҳо, ки гард шуданд.

**Дар силсилазилзилаи Эрон**

Аё Эрон, ту он мардӣ, ки қисмат
Бидорад доимо дар пушти зинат.
Барои тахту бахти хеш умре
На дурӣ аз камону аз каминат.
Қарин бо мардуми пурдил ба дунё
Бимонад мардуми бо дил қаринат.
Бувад чун осмон дар сарфарозӣ
Замини пурдили мардофаринат.
Дили мо низ чун як пораи туст,
Биларзад, ҳар гаҳе ларзад заминат…

**17.04.13**

**Хокистар**

Дидам, ки гузашт умр чун доди ҷарас,
Хокистари гулхан аст дар пешаму бас.

**Нарх**

Дило, дар давраи бозоргонӣ
Шарофат аз шару офат надонӣ:
Зи гардун қадри одам бар замин зад,
Вале нархи замин шуд осмонӣ.

**Наву куҳна**

Ҷоҳи наву мансаби нават бод зиёд,
Одамгарии куҳан фаромӯш мабод!

**Тасаллӣ**

Аз худу девонагии худ мабош, эй дил, хиҷил,

Ин ҳама девонагӣ як рӯз девон мешавад!

**Хайёмӣ**

Дар фасли баҳор шод мебояд буд,
Бо рӯю дили кушод мебояд буд,
Бо хории хеш низ бояд гул кард,
Яъне, ки зи худ зиёд мебояд буд!

**Ҳилолӣ**

Бероҳа бод он роҳ,
Ки роҳи раҳоии туро баст!
Реги биёбони нафрат бод он санг,
Ки сари азизи туро шикаст!

**1 июн**

Аё эй тифлакони шоду хушҳол,
Худо бидҳад шуморо болу иқбол,
Пур аз ҷашни шумо бодо ҳама моҳ,
Пур аз сури шумо бодо ҳама сол!

**Оила**

Гоҳе
(Барои огоҳӣ
Ё манъи кори дилхоҳе…)
Ман якеро дӯст намедорам,
Ӯ – дигарро,
Савум – чаҳорумиро…
Чи душвор аст ба модарам –
Бояд ҳамаро дӯст бидорад!

**Дуо**

Машав, эй дӯст, пир то мурдан,
03-ро нагир то мурдан,
Бод пурнур явмату лайлат,
Баъди 80 пир шав, майлат!

**Сухан**

Сухане – чун кафтар:
мерасонад пайғом;
Сухане – чун кафтор:
мушти пар мекунад он кафтарро.

**Харгӯш**

Бидонам хуб ман ин чандучунӣ:
Камон бананд дар фикри фузунӣ.
Ба зоҳир ҳар як ором аст чун шер,
Чу харгӯшест, меларзад дарунӣ.

### Асли ҳол

Дили одам ганҷ аст…
Печутоби ҳама он ҳиллаву найрангаш
Ҳамчу морест яқин бар сари он ганҷ.

Ин бувад асли ҳама доғу ҳама ранҷ.

### Ба духтари оташнишон

Эй духтари оташнишон,
Дар ҷони ман оташ фишон,
Як умр хомӯшам макун,
Аммо фаромӯшам макун!

### Ба дӯсти сементкор

Ғамин ғам аз ғами ғамхории туст,
Хиҷолат кор аз пуркории туст,
Дилат - абрешимӣ, аммо аҷиб аст,
Сементӣ меҳру аҳду ёрии туст!

### Дуои ақди никоҳ

Хонаи бахтро кунанд имрӯз
Ин арӯсу шаҳи накӯ обод,
Қаҳрамоноча бод ин келин,
Қаҳрамонота бод ин домод!

### Дар хабарнома

Шодии ҷаҳон бар саратон ҷош шавад!
Чизе, ки бихоҳад дилатон, кош шавад!
Фарзанди шумо ҳам ба арӯсӣ бирасад,
Ин оши наҳор бар шумо ош шавад!

### Дуои хатнасур

Бачаи мо, ҷони мо,
Кабки парафшони мо,
Базми мардӣ сар кардак,
Илоҳо, шавад мардак!

### 4х25

Бинем, дили бе ғаму ранҷат бинем,
Аз меҳру вафо ба сина ганҷат бинем,
Сад шукр, нахустбиступанҷат дидем,
Эй кош чаҳор биступанҷат бинем!

### Чи суде?

Наӣ ошиқ, агар содиқ набошӣ,

Наӣ шоир, агар ошиқ набошӣ.
Чи суде – рӯзу шаб Лоиқ бигӯӣ,
Агар бар асли худ лоиқ набошӣ?!

**Соядаст**

Худо дар ному андомат навиштаст,
Ту Ҳурӣ, ҳар куҷо бошӣ, биҳишт аст!

**Ситоразор**

Осмон ситоразор аст?
Милён ситора дорад?
Хубтар бибин, эй ситораи ҳусн,
Бо милён чашми ҳавас
Туро назора дорад!

**Ду талаб**

Аз шумо дорад дил
Ду талаб бо таъҷил:
Дастгирӣ накунед,
Пешпоӣ надиҳед!

**Тавба**

Тавба кардам, ки дигар май нахурам,
Нашканам ҳеҷ дигар тавбаи пеш,
Лек май хурдаву сармаст шуда,
Бехабар мондаам аз тавбаи хеш.

Шиша шоҳид (, ки чу ӯ ботинсоф
Нест дар олами инсоф):
Қасд бишкастани ин тавба набуд,
Азал ин қасд намуд!

Набуд ин, оре, ҷурми мани маст,
Варна худ аз сари инсоф бигӯед: чи сон
Ман ба хок афтодам, нашкастам,
Тавба бар хок наафтоду шикаст?!

Дар сари тавбаи хешам дилреш,
Диҳадам тавбаи дигар ташвиш…

**Басту кушод**

Диҳадат носеҳ агар аз зарари мино панд,
Даҳани шиша кушову даҳани ӯро банд!

**Телевизор**

Аҳли хирад аст, лек пуртамкинтар,
Асли тараб аст, лек пуртаҳсинтар,
Меҳмон бувад он, валек болошинтар,

Оина бувад, валек дунёбинтар.

### Малах

Малах ҳам чашмро бастан тавонад,
Миёни кишт бишкастан тавонад!
Ҳисобатро ту бо се хатм кардӣ,
Малах з-ин беш ҳам ҷастан тавонад!

### Дуздӣ

Чу аз дуздӣ ҳисоби давра шуд гум,
Алам шуд дар лабон дуздӣ табассум!
Чунон маъруф шуд дуздӣ ба даврон,
Ки соли хеш медузданд мардум!

### Баҳору хазон

Дар ғами зар зард гардад чун
Чеҳраат, эй ганҷро дар банд,
Баргҳои сабзи долларҳот
Навбаҳоратро намеоранд!

### Шоҳу гадо

Дард, агар шоҳи дардҳо бошад,
Доимаш лутф бо гадо бошад!
Дард, агар аз азал гадо бошад,
Сӯи шоҳаш раҳ аз куҷо бошад?

### Вобаста

Касе вобаста дар дунё чу дил нест,
Чу ин бедасту бепо побагил нест.
Ҳама суде, ки ҳаст, аз ину он аст,
Ягон суде ба дунё мустақил нест!

### Сару по

Сифати сар зи по маҳоҳ, аммо
Пои бесар бувад сари бепо!

### Асои кӯр

Чун асои кӯр аст шоир –
Ба об ҳам мезанандашу ба оташ ҳам,
Ба сад хушу нохуш ҳам…
Вале роҳашонро бо он ёфта мераванд.

### Дар 75-солагии айнитинатон

75 чӯб, ки Айнӣ ба пушт хӯрд,
То рӯзи ҳашр рамзи яқини разолат аст!
75-солагии ҷумла пайраваш

75 чӯб ба пушти ҷаҳолат аст!

**Асо**

Гар хаёли худат туро бошад,
Дар хаёли ту ҳам Худо бошад.
Фикри афтоданат биафтонад,
Фикри н-афтоданат асо бошад.

**Парвоз**

Дигарон мепаранд бар гардун?!
Ранги мо низ мепарад афзун!!

**Пархош**

Ёрон, агар пархош дар тифлӣ
Лоқайдӣ асту бегуноҳист,
Ҷанҷолу ханҷолу шикоят
Дар мӯсафедӣ рӯсиёҳист!

**Почашму чашмпо**

Пои чашм
Баҳри рафта дидан аст,
Чашми по –
Барои дида рафтан.

**Дар пештоқи НОБ-ҳо**

Пеши рӯди нафсро сарбанд бинмудем,
Пеши нури дидаро даҳчанд бикшудем,
То ки НОБ-и дил бимонад доимо гардон,
Ҷамъ кардем об дар чашмон…

**Гуму пайдо**

Чу ганҷем мо, баҳри мардумем,
Вале, то наёбандамон, гумем!

**Аҷаб толор…**

Аҷаб толор, аҷаб ҷои ҷулус аст,
Заданҳои дилат чун бонги кӯс аст;
Басо пастон, ки ин ҷо сарбаланданд,
Басо бар по, ки ин ҷо пойбӯс аст.

**Ба «Гӯрғӯлӣ»-саро**

Бо лаҳни хоси ҳикматризоӣ
Бас қисса кардӣ хубу баҷоӣ,
Бар Гӯрзодат гаштем мафтун,
Шуд завқи мо ҳам аз гӯр берун.

### Ҳарфи жарф

Гӯш кун, эй дил, ба ҳарфи Мирзои Файзалӣ!
Рав фурӯ дар ҳарфи жарфи Мирзои Файзалӣ!

Аз дили гарму сафедаш иқтибоси тоза бин
Рӯю мӯи ҳамчу барфи Мирзои Файзалӣ!

Ношигарф ангезаҳоро мезудояд бегумон
Ҳазлу ноҳазли шигарфи Мирзои Файзалӣ!

Ҷозиба бингар, ки шахси ҷониби дигар равон
Меравад бехеш тарфи Мирзои Файзалӣ!

Ҳар куҷои Тоҷикистон бошадаш чун ҷон азиз,
Муҷихарфаш – Муҷихарфи Мирзои Файзалӣ!

Эй ки ҳампаймониаш хоҳиву ҳампаймонагӣ,
Боядат жарфои зарфи Мирзои Файзалӣ!

Хоҳам аз қисмат, ки умри ҷовидон гардад ҳисоб
Умри бар ашъор сарфи Мирзои Файзалӣ!

Дида ин табъи баланду ҳар ки гардан хам накард,
Дори завқаш бод шарфи Мирзои Файзалӣ!

### Тақлиди Мушфиқӣ

Не тоқати он ки рӯзаро дил супурам,
Не тобу тавон, ки рӯза дар лаб бимурам,
Аз рӯза расидаам ба ҳоле, ки дигар
Қувват набувад, ки рӯзаамро бихӯрам!

### Дандонрез

Субҳдам
Ғунча бо дандони шабнамҳо хандид…
Вале ҳамоно
Аз санги офтоб
Рехт он дандонҳои ноб
Ва рангаш парид.

### Субҳ

Шаб
Дарвозаи сиёҳи худро баст…
Субҳ
Дарвозаи зарҳалиашро хоҳад кушод
Ва оинаи зангорнописанди офтобро
Пеши моҳрӯён хоҳад ниҳод.

### Тирукамон

Ҳақирӣ ё амири сад ҳақирӣ,

Намедонӣ, ки охир чун бимирӣ;
Ба гӯрат хам шавад тирукамоне,
Дар ин дунё камонӣ ё ки тирӣ.

**Базмӣ**

Ҷони ман, бо сӯзу тобу таф бихон,
Пушти ҳам, афзун бихон, саф-саф бихон,
Дафъ кун андӯҳро, бо даф бихон,
Даф кафад ногаҳ агар, бо каф бихон!

**Сиёҳу сафед**

Шукр, сад шукрат, Худоё, дар ҷавонӣ
Карда будӣ рӯсафеди мӯсиёҳам;
Чаппаам ҳаргиз макун ҳангоми пирӣ,
Ҳеҷ манмо мӯсафеди рӯсиёҳам!

**Ҳаёт**

Ҳаёт он аст дар дунёи фонӣ,
Ки қадри аҳли ин дунё бидонӣ,
Чу бастӣ рахт ҷовидон зи дунё,
Ба ёди аҳли ин дунё бимонӣ.

***

Бувад созу овоз ангуштарин,
Нигина Рауф андар он чун нигин,
Бимонад, ҳунар то ки бошад ба ҷо,
Нигини дурахшони созу садо.

**Қосиди рӯҳ**

*Ба хотираи Кароматуллоҳи Қурбон*

Туро меҷӯям аз ёду хаёлу хотири ғамгин,
Аё эй ҳамдами дерин,
Аё эй ҳамғами ширин!

Ба ёди рӯи зебоят дилам гум мезанад ҳар дам,
Табассумҳоят, эй ҷон, мефизояд ҳасрату дардам.
Ба ёди қомати болоят ашкам паст хоҳад шуд,
Аё ҳамдасти ман, бе ту дилам аз даст хоҳад шуд…

Диламро медиҳам таскин, ки боло буд парвозат,
Ҷаҳони бе ту холиро кунун пур карда овозат,
Рухатро, ҳар куҷое бингарам, тобанда мебинам,
Сурудат – қосиди рӯҳи туро ман зинда мебинам!

**Дар санги мазори модар**

Санги ёд аст дигар бори сари модари мо,
Санги дод аст аз ин баъд ба зери сари мо.

***
Хоки ҳама ҷаҳон дигар, ин хок дигар аст,
Магзар аз он ту тунд, ки ин хоки модар аст.

***
Сарҳо сафеду тифли сари хоки модарем,
Бемодарему баъд аз ин хокбарсарем.

***
Эй ки дорӣ сару садои баланд,
Бикун ин ҷо сару садоро паст,
Баъди як умри сахти бехобӣ
Модари мо дар ин саро хоб аст.

***
Ба санги сокиту сарди мазорат
Зи ашки дона чандин дона киштем,
Аё эй нармдил модар, ғами худ
Ба оби чашму дасти дил навиштем.

**Сарнавишти зарнавишт**

Сарнавишташро касе бо сар навишт,
Зиндагӣ онро пасон бо зар навишт!

**Ду барқия ба Бозор Собир**

Бо ҷону ҷаҳону ҳастии тоҷик
Бо дури хешӣ аз ҳама наздик,
Завқи ҳамаро такониву таҳрик…
Табрик таваллуди ту, сад табрик!

20.11.12

***
Бувад умре тилоӣ шеър ганҷат,
Суханро ганҷи дилҳо кард ранҷат,
Ҷавон бодо дили меъёрсанҷат,
Шавад эй кош сад ҳафтодупанҷат!

20.11.13

**Ба оҳангсозони ҳамкорам**

Бар олами ашъори ман биштофтӣ чун бар Ватан,
Оҳанги ашъори маро дарёфтӣ беҳтар зи ман,
Оҳанги ту тиллоӣ аст, оҳанги ту бисёр бод,
Оҳанги тиллоии ту дар гӯши ҷон такрор бод!

**Дар зодрӯзи писарам**

3х33+1, эй ҷон,
Кунад умри туро эй кош Яздон!

## Кимиё

Ишқи ту осмонист, эй ҳамдами заминӣ,
Бо ту ғаме надорам ман аз ғами заминӣ,
Ишқи ману ту бошад дар осмони қисмат
Як нусха ишқи Ҳавво бо Одами заминӣ.

Меҳру вафо дорӣ,
Кони зиё дорӣ.
Оҳам наво намудӣ,
Дардам даво намудӣ,
Мисро тило намудӣ,
Ту кимиё дорӣ.

Дорам чу мардуми чашм акси туро ба дида,
Бе акси ту ба ташвиш чашми дилам парида;
Дорад дили аламкаш шукронаи қаламкаш:
Бар лавҳи дидаву дил акси туро кашида.

Меҳру вафо дорӣ,
Кони зиё дорӣ.
Оҳам наво намудӣ,
Дардам даво намудӣ,
Мисро тило намудӣ,
Ту кимиё дорӣ.

## Дар китоби «Кӯҳи садо»

Ман кӯҳи садояму садо хоҳам кард,
Бо ҳарфи ту сӯи ту нидо хоҳам кард.

## Ҳарф аз марди равон дар зери барф

Гарчи ҳамчун барф на пурнуру жарф аст,
Ҳарфам аз марди равон дар зери барф аст:
Меравад дар кӯча ӯ бо шасти барфӣ,
Мешавад ӯро дар охир дасти барфӣ,
Мешавад ӯро дар охир пои барфӣ,
Мешавад худ оқибат бобои барфӣ!

## Дарди бесироят

Оқилӣ дард бувад, дарди гарон,
Лек, афсӯс, сироят накунад.
Дарди оқил чи қадар беш бувад,
Кам бувад бозу зиёдат накунад.

## Аз якдигар пеш

Басо шоҳон, ки дарвешанд ин ҷо,
Баришонанду дилрешанд ин ҷо,
Хушомад тӯшаҳошону давонанд,
Ҳама аз якдигар пешанд ин ҷо.

**Садоқат**

Нодаркорам ва ё ки даркори туям,
Монанди қадима ман ҳамон ёри туям.

**Забони ту, забони ман**

Забон узве туро дар роҳи ҳалқ аст,
Маро узве ба роҳи рӯҳи халқ аст.

**Абадзинда**

Эй тоҷикӣ, имрӯзиву ояндаи мо,
Дар ҳарду ҷаҳон забони пояндаи мо,
Моро ба ҷаҳони бебақо аз ҳама марг
Ту зинда бидорӣ, эй абадзиндаи мо!

**Рӯзи забон**

Тамоми халқ дилсӯзи забон бод,
Тамоми фасл наврӯзи забон бод,
Дуо ин аст, эй соҳибзабонон,
Ҳама рӯзи шумо Рӯзи забон бод!

**Алифбо**

Чунон пурсеҳриву пурзӯриву пуриқтидорӣ ту,
Ки душманҳои ҷониро бари ҳам мегузорӣ ту!

**Тасбеҳ**

Риштае, к-ин гуна аҳли ҷону дилро медиҳад пайванд,
Расму оину забону одату фарҳанги эшон аст,
Варна, бешак, насли инсон
Муҳрасон аз ҳам ҷудоясту парешон аст.

**Як орзӯ**

Фақат як орзӯ дорам ба дунё дар дилу ҷонам:
Ҳамеша бо амал пайванд бошанд орзӯҳои фаровонам!

**Шеъри захмӣ**
**(силсилаашъори номаншур)**

***

Чанде на зи Вахшанду Бухорову Самарқанд,
Чанде на зи Ғарму на зи Хатлону Хуҷанданд,
Дар водии пурфитнаи Мансаб шуда тавлид,
Аз шаҳраки Курсӣ ҳама, аз кӯчаи Фанданд!

Дар шаҳраки Курсӣ ҳамагӣ реша давонда
Бар курсиву яклухт чу курсӣ шуда монда!

Бо курсии худ балки таваллуд шуда яксар,
Он гуна, ки бо халтача кенгуру зи модар!

Шуд тахтаи кишвар ҳамагӣ курсии мансаб,
Бар курсии мактаб нарасад тахтаи кишвар!
Фарёднарас буда басо ин ҳама, гӯӣ,
Дар гӯши ҳаминҳост ҳама пахтаи кишвар!

Сардор, ки аз миз бувад сангари сангаш,
Дар пушти дари шиша дили шиша надорад!
Ҷуз сар ҳамаро дораду курсии баландаш
Бар ҷону дили халқу Ватан реша надорад!

1992

***

Ҳамегуфтам, ки аз масҷид садои пир меояд,
Дареғи ман, надонистам, ки бонги тир меояд!

Зи майдонҳо гузаштам, то бигирад дил нафас озод,
Надонистам, аз он тангӣ дилам дилгир меояд!

Дигар расми хуши дарбаргирифтан меравад аз ёд,
Зи ҳар ҷониб садои тунди доругир меояд!

Нигоҳе сӯи ин саҳро, аё эй соҳиби дунё,
Ки гургаш зарқи хуну ғарқи хун нахчир меояд!

Бузургу кӯчак, оваҳ, меравад аз гушнагӣ аз ҳуш,
Валекин марг аз ҳар хона берун сер меояд!

Ҳазорон навҷавон аз дори дунё меравад пурдоғ
Дар он мулке, ки пираш зору бетадбир меояд!

Ба ҳар ҷо чун алаф рӯида бас «тақсирҳо», ё Раб,
Басо тақсирҳо аз ину он «тақсир» меояд!

Кабирии Худоро зумрае аз ёдҳо бурда,
Агарчӣ аз даҳаншон қолабӣ такбир меояд!

Каломи ноҳақ ин ҷо ҳалқаҳои сарди занҷир аст,
Дареғи ҳақ, варо бар дасту по занҷир меояд!

Дар ин даврон, ки меояд зи ҳар сӯ бонги ожире,
Дареғи миллати зоре, ки ноожир меояд!

Худоро, худ ту медонӣ раҳи тақдирҷунбонӣ,
Ки хоби нестӣ аз аллаи тақдир меояд!

1992

***

Юнусему се сиёҳӣ бар сари мо омада! –

Моҳии мо нимашаб бар қаъри дарё омада!

Зиста бо мову бо мо тарки дунё мекунад,
Гӯиё бо мо ғами дунё ба дунё омада!

1992

***

Ашки ман хушкида дигар, чашми ман шуд обдузд.
Хоби ман дигар наояд, дарди ман шуд хобдузд.

Аз куҷо ёбам дигар ман бахти рӯшан, чун шуда
Субҳи ман хуршеддузду шоми ман маҳтобдузд!

1992

***

Меҳру ёрӣ аз вуҷуди ину он афтодааст!
Давлати бисёр бар дасти камон афтодааст!

Бин ту бар подор дунёву зи подорӣ магӯ,
Буд ӯ бар пову бар пои замон афтодааст!

Расми даври мо ба дастат гар расад, афзун маҷӯ,
Даври моро расми ёрӣ аз миён афтодааст!

Эй замин, бар осмонат як назар кун, к-ин замон
Ахтаре дар ҳар карон бар остон афтодааст!

Гул магӯ онро, ки мебинӣ ба боғи рӯзгор,
Доғи дилҳо дар ҳисоби гулфишон афтодааст!

Осиён ҳар ҷонибе хоҳанд, тобаш медиҳанд,
Чархи гардун ҳам зи дасти осмон афтодааст!

Нест ҳам осор аз дасти дарози осмон,
Дасткӯтаҳ ё ки бар пои замон афтодааст?!

Мардум аз чӣ ростмарганду хамидақоматанд? –
Бори гардунҳо ба дӯши одамон афтодааст!

1992

***

Роҳати ин даҳр дида роҳаке нодидагон!
Соҳиби хирман буванд ин хӯшае ночидагон!

Заҳри қотил мечаконанд, оваҳ, андар коми халқ
Рӯзу шабҳо шаҳдҳо бар коми худ боридагон!

Чашмидилпӯшидагоне боз карда чашми сар,
Аз бурун бархоста ин аздарунафтидагон!

Рӯи хуш хоҳанд қотилҳои хушрӯӣ, аҷаб,
Бӯи хуш хоҳанд дунёро саросар ридагон!

1992

***

Кин бешумор мондаву тамкин нест,
Оинаҳо шикаставу оин нест,
З-ин ломакон макони гурез ин дам
Ҷуз аспи тунду хонаяки зин нест.

1992

***

Эй чархи фалак, ҳазор нафрин бар ту!
Он бар ту зи ҳарфи нохушу ин бар ту!
Бар ҷаҳл бигӯӣ офарин, бар ту сано!
Таҳсин накунӣ ба ақл, таҳсин бар ту!

1992

***

Худоё, амон деҳ, Худоё, амон деҳ!
Амон аз камону замони камон деҳ!
Бибин бар зиёдон, ки хори зиёданд,
Амон аз камандешагии камон деҳ!

1992

***

Дарёи дамонем, ки соҳил нашиносем!
Пайвастаравонем, ки манзил нашиносем!

Мо зиндадилонем, надорем ғами марг,
Мо кушта чунонем, ки қотил нашиносем!

Аз нақси дилу ақл дар ин олами комил
Ноқисшудагонем, ки комил нашиносем!

Мо дар амали ботили худ сахт зарурем,
Он гуна зарурем, ки ботил нашиносем!

1992

***

Риштаи макру риё пайваста шуд!
Риштаи уммедҳо бигсаста шуд!

Пуштаҳои кӯҳ яксар шуд хазон,

Пуштаҳои гӯр пургулдаста шуд!

Мағзи сар шуд аз «даҳоён» чун сароб,
Роҳи ҳақ аз «пешвоён» баста шуд!

1992

***

Зи авҷ ин ҷо чу ҷонбахшо хабар борон намеояд,
Яқин, хушкида ҳафт афлок, тарборон намеояд!

Ба ҳоли мо магар садчашм ҳафт афлок мегиряд,
Ки ҷуз оҳангҳои гиря дар борон намеояд!

Чи тухм афтод ин ҷо – ҷуз табардастон намехезанд?!
Чи нам бархост з-ин ҷо, ҷуз табарборон намеояд?!

1992

***

Эй ҷаҳони пурфиреб, оваҳ, фиребо менамоӣ!
Дунӣ ин қадру ба чашми ҷумла дунё менамоӣ!

Зиштӣ, аммо бар рухи зиштат ниқобе нек дорӣ!
Лолӣ, аммо мекунӣ ғавғову гӯё менамоӣ!

Бесаронро тори сар кардан туро оини нав нест,
Бо ҳамон расми куҳан сарро таҳи по менамоӣ!

1992

***

Эй вой, агар ин сон шавад!
Виҷдон иваз бо дон шавад!

Бар хокдон ояд бало,
Фарёд бар кайҳон шавад!

Андар сари халқ аз қазо
Санги бало гардон шавад!

Рӯбоҳи майдон даврадор,
Ҳар гӯша як майдон шавад!

Мулло шавад ҳар як бало,
Ҳар бонг як Қуръон шавад!

Инсонкашӣ гардида куфр,
Инсонкушӣ осон шавад!

Дар гушна чашми одамон
Хур нон шавад, маҳ нон шавад!

Чашмони дил хушкад ҳама,
Чашмони сар гирён шавад!

Арзонхари қиматфурӯш
Савдогари имон шавад!

…Дар мӯи мардум баъд аз ин
Мошу биринҷ арзон шавад!

1993

***

Чи донад дарди моро ғайри мо кас,
Биё, дилошно бошем аз ин пас!
Чу бе ҳам зиндагонӣ дастрас нест,
Чаро бошем, азизо, дастнорас!

1993

***

Обхез омад ба мулк, ободии соҳил намонд!
Шамъ шуд хомӯшу нури суҳбати маҳфил намонд!

Боди бодӣ тунд рафту кӯчаҳоро пок рӯфт,
Соҳибонро ҳар тараф афканду ҷуз соил намонд!

Бин ба мактабҳо, ки беҳад рушд танҳо мушт кард,
Аз ҳама қоматхамида ҷуз камон оқил намонд!

Муштҳои дилкуше бар сина афзун омаданд,
Эй дареғо, андаруни сина мушти дил намонд!

Пойбаргилҳо бибин, беобрӯҳоро нигар, -
Ҷуз ҳамин дар ин замин нақше зи обугил намонд!

Зери гил барги гулаш, гулгункафан сад булбулаш,
Дар дарахти боғҳо ҷуз зоғҳо ҳосил намонд!

Дӯстон аз бӯстон рафтанд чун гул хонахез,
Ғайри боду ғайри барбод андар ин манзил намонд!

1993

***

Афғондиёр, Афғондиёр, ҳамшӯру ҳамашъори ман!
Ҳамқисмату ҳамдарду ҳамиқболу ҳамидбори ман!

Лабрез шуд Ҷайҳуни ман, лабрез шуд Ҷайҳуни ту
Аз гиряи бисёри ту, аз гиряи бисёри ман!

Аз нолаву афғони мо, аз печутоби ҷони мо

Шуд дарди дил Фархори ту, шуд дарди дил Фархориман!

Аз ҷаври тиру ҷаври теғ нолид гардун бедареғ
Бо нолаҳои зори ту, бо нолаҳои зори ман!

Аз дарди бемарҳам фиғон, аз ҷанги байни ҳам фиғон,
Фарёд аз оғози ту, бедод аз такрори ман!

Ҷуз хасмамон довар набуд, ёре ба мо ёвар набуд,
Эй вой аз он ағёри ту, эй вой аз ин ғаддори ман!

Кай берун аз хорӣ шавем, ҳар сӯ пайи коре шавем,
Коре надорад чун зи пай пайкори ту, пайкори ман!

Савдои душман суд дод, ганҷинаи ӯ шуд зиёд
Аз гармии бозори ту, аз гармии бозори ман!

Рӯзе шавад, эй ҳамзабон, гирем бе разме ҷаҳон
Бо шеваи гуфтори ту, бо шеваи гуфтори ман?!.

1993

***

Он мабодо, сӯзи зебоям равад!
Ман-манӣ ояд, таманноям равад!

Фахри дирӯзам мабодо сар кашад,
Аз ниҳебаш фикри фардоям равад!

Ишқи поёнам ба поёнтар кашад,
Зикри боло, фикри волоям равад!

Ташналаб монам ба дашти зиндагӣ,
Аз бисотам ҷӯю дарёям равад!

Чун Зарафшонам бихушкам раҳбараҳ,
Як бухорам то Бухороям равад!

1993

***

Шоҳи даҳро, шаҳри мову шаҳравои мо бибин!
Эй давобахшо, ту дарди бедавои мо бибин!

Ҳазрати Яъқуб, к-аз ҳиҷрони Юсуф бехудӣ,
Дарди мову сӯзи мову оҳу вои мо бибин!

Эй ки моро раҳбараҳ аз дигарон бишнидаӣ,
Рустамем, овозаи мо мону мои мо бибин!

Он балоҳое, ки андешидаӣ, як сӯ бимон,
Эй балоандеш, инак, бар балои мо бибин!

Пираҳан не, синаҳоро бин дарида субҳу шом,
Шоми тори мо бибин, субҳи сафои мо бибин!

Эй Худо, аз дафтари гетӣ ту моро хат бизан,
Инак, устоди азал, дарси хатои мо бибин!

1993

***

Иди Қурбон шуд,
Ҳама хун карданд.
Моро чизе набуд,
Диламонро хун кардем.

1993

***

Эй дареғо, сӯзи ҷонам меравад!
Тири аҷлам аз камонам меравад!

Бӯи гармиҳои наврӯзи дилам
Аз дами сарди хазонам меравад!

Пурхатар роҳ асту дар роҳ аст чоҳ,
Рустамам аз достонам меравад!

Он яқини нозанинам вожгун
Дар чаҳи сарди гумонам меравад!

Мекунад соҳибватан тарки Ватан,
Ҷисми ман, бингар, ки ҷонам меравад!

Файзи ҳақ аз остонам рафтааст,
Нури ҳақ аз осмонам меравад!

«Тоҷи кист он?» - мекунад хасмам савол,
Ашки талхи дӯстонам меравад!

1993

***

Бори дигар то Ватан гул мекунад,
Доғаш андар ҷони ман гул мекунад,
Мешавад обод то бори дигар,
Мешавад ҷону дилам вайронатар…

1993

***

Тоҷикистон,

Тоҷикистон,
Дасткӯтоҳӣ агарчӣ ин замон,
Пойдори ному нангӣ,
Сангҷони ҷовидон, эй марди сангӣ,
Сангҳоят бахри фарзандони покат пайкара бод,
Ному нангат асли шодиву фараҳ бод!

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Сӯзи мо аз ҳад зиёду мисли ту дилсӯз кас нест,
Дар ҷаҳон фарёди моро мисли ту фарёдрас нест,
Ҳар қадар меҳри ту бошад дар дилу ҷон,
Андак асту ҳеҷ бас нест!

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Ҳанги мо, ҳангомаи мо як ту ҳастӣ андар ин дунё,
Ҷомаи мо, чомаи мо як ту ҳастӣ андар ин дунё,
Худ шаҳодатномаи мо як ту ҳастӣ андар ин дунё!

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Сӯи дунё роҳи ту бодо кушода,
Некхоҳат дар ҷаҳон бодо зиёда,
Эй накӯхоҳи ҷаҳон, дилсӯзи мардум,
Синаат бодо пур аз уммед,
Хонаат бодо пур аз гандум!

1994

***

Эй роҳ, эй пӯяндагӣ, моро расон бар манзиле!
Эй мавҷи рӯди зиндагӣ, моро бибар то соҳиле!

Ҳарчанд дар ҳукми гулем, мо худ ҳамон обу гилем,
Бахшо, ҷаҳони обу гил, моро ҷамоли хушгиле!

Бингар ба асли мову ман, манмой моро решакан,
Сабзидаем аз обу гил бо орзӯи ҳосиле!

Побанди фикру ҳис шудем, аз ҷону дил ноқис шудем,
Комилиёр эй зиндагӣ, месоз аз мо комиле!

Эй ҷустуҷӯ, эй боли мо, эй маншаи иқболи мо,
Ҳамгил фаровон додаӣ, бахшой ҳамҷонудиле!

1994

***

Баски мардум хӯша чинад боз дар даврони мо,
Хӯшаҳои ашк чинад мардуми чашмони мо…

1994

***

Тан фано шуд зери бори ҷони ман, бар тан дареғ!
Монд ҷон саргаштаи ҳар кӯю ҳар барзан, дареғ!

Гул ба роҳи бод пар-пар гаштаву барбод рафт,
Боғ мегӯяд ҳазин бар накҳати гулшан дареғ!

Ҳамгило, обу гилам нашнохтӣ, эй вои ту,
Ҳамдило, қадри дилат нашнохтам, бар ман дареғ!

1994

***

Чун азизе равад аз дори ҷаҳон, гиря кунем!
Ӯ чу хомӯш шавад, мо бафиғон гиря кунем!

То бувад зинда, бихандем ба аҳволи бадаш,
Чи шавад, то бувад ӯ зинда, чунон гиря кунем?!

1994

***

Бигардон рух аз одамони хато,
Бинеҳ рӯй бар одамони Худо!

1995

***

Эй ки дар умр фару Занди манӣ,
Пок фарзанди манӣ,
Ин бувад аз дилу ҷон ҳарфи манат:
Ман туро ҷону дилам,
Тоҷикистон – Ватанат!
Ҳамаи даҳр қадамгоҳи ту бод,
Лек медон, ки бувад гӯшаи имон Ватанат!

Гар зи қисмат бишавад гӯшаи вайрон Ватанат,
Аз ту бояд бишавад боз гулистон Ватанат!

Ҷони ман, лек ягон боғу чаман
Худ ба худ нест Ватан,
Балки бошад ватанободкун Инсон Ватанат!

Боз, эй ҷони падар,
Ҳеҷ аз ёд мабар:
Бо ҳама дору надораш дорад
Қимати ҷон Ватанат!

Доимо боз ба ёдат бодо,
Бартарин ҳарфи саводат бодо:
Ту, ки ӯро писарӣ,
Ба барат ӯву ту ӯро ба барӣ,

Ту чи соне ки шавӣ,
Шавад он сон Ватанат! –

Ту бишав ҷисми шарифаш,
Ки шавад ҷон Ватанат!

1995

***

Шукри дидорат, бародар, аз дигар дидам туро!
Чун садоҳои дили худ боз бишнидам туро!

Будаӣ аз ҳад фузун наздик бар ҷону дилам,
Будӣ аз ман дуру ман аз дур санҷидам туро!

Зор нолидам туро, чашми чапам ҳар гаҳ парид,
Мурғи ёдат бол зад дар сина, болидам туро!

Ноумедиро басо барбод додам бо умед,
Борҳо аз муждабахшо бод пурсидам туро!

Бо хаёлат аз хазон кардам басо қатъи назар,
Чун гули уммед аз ҳар боғ бӯидам туро!

Баъди дидан ин қадар нодиданиҳои ҳаёт,
Шукри дидорат, бародар, аз дигар дидам туро!

1995

***

Гули бишкуфта кай ҳоли гули пажмурда медонад?
Дили афсурда авзои дили афсурда медонад!

Маро ҳамгурдаи ҳамсанг бояд, то алам гӯям,
Ки сангингурдаро дорои санги гурда медонад!

Ба варта аз хасу аз хор ҳам имдод меҷӯӣ,
Чи ҳикмат дорад ин, эй дӯст, ҷонбиспурда медонад!

Наям ҳайрон, ки бе гуфтор фаҳмидӣ ту дардамро,
Бародармурдаро беҳтар бародармурда медонад…

1996

***

Эй Худо, аз ин бало моро нигаҳ дор!
Эй қазо, аз ин ҷазо моро нигаҳ дор!

Ҷаҳли мо бисёру мо худ камшуморем,
Аз нигоҳи камбаҳо моро нигаҳ дор!

Эй нигоҳи марҳамат аз мо гирифта,
Бори дигар кун ниго, моро нигаҳ дор!

Кинаи ноошноён пуралам нест,
Аз ҷафои ошно моро нигаҳ дор!

Аз қирони босафо моро дарак деҳ,
Аз қарини бевафо моро нигаҳ дор!

Нохудо афзун дар ин киштӣ, Худоё,
Аз ҳама ин нохудо моро нигаҳ дор!

Мову манҳои тиҳӣ аз бехудоист,
Аз ману мо, эй Худо моро нигаҳ дор!

1996

***

Ҳар баҳорон
Дар дили ин даштҳо
Мешукуфад лолаҳои доғдоре.

Ҳар баҳорон
Дар дили ман
Мешукуфад лолаҳои доғи ёре.

Ҳамдили ин даштҳои лолазорам ман,
Дар дилу ҷон
Доғҳои лола дорам ман.

Кӯҳсорон буд агар
То кунун аз пуштаҳои ганҷҳое осмонӣ,
Кӯҳсоронанд ин ҷо
Баъд аз ин аз куштаҳои ранҷҳое осмонӣ…

Пуштаҳо аз куштаҳо дар сина дорам ман,
Нусхаи ин кӯҳсорам ман.

Эй Ватан,
Дар дил бигирам доғҳои лолаҳоятро,
Лолаҳоят то ҳама бедоғ бошад!
Мон, ки умре доғ бошад синаи ман,
Синаи ту аз гули бедоғ умре боғ бошад! –

Парварам ин орзӯро дар дили уммедворам ман,
То ки ҷузви рӯзгорам ман!

1996

## БОРБАД

*(достони саҳнавӣ*
*иборат аз огоз, ду пардаву даҳ намоиш ва анҷом)*

***<u>Иштирокчиён:</u>***

*Борбад*
*Падар*
*Мӯбад*
*Устод*
*Дӯст*
*Фитна*
*Саркаш*
*Мардӯй*
*Хусрав*
*Ширин*
*Гесӯи Навогар*
*Ширӯя*
*Посбонон*
*Аҳли дарбор*

**ОҒОЗ**

*Саҳна нимторик. Тарҳи се тан менамояд.*

**Падар**

Эй мӯбади мӯбадони олам,
Эй хушдили ҷовидони олам,
Фарзанди накӯ нишони мард аст,
Дар ҳарду ҷаҳон ҷаҳони мард аст,
Умри хушу ҷовидони мард аст.
Аз ҷону дилат бикун садое,
Фарзанди маро бидеҳ дуое,
Бо роҳи мунаввари Аҳӯро
Бинмой равона ин накӯро,
То вораҳад аз бадони олам,
Эмин шавад аз дадони олам,
Эй хушдили ҷовидони олам,
Эй мӯбади мӯбадони олам!

*Мӯбад ба миёни Борбади наврас камарбанд баста,*
*гирди саҳна даврзанон ниёиш мекунад. Борбаду падараш*
*ҳаракатҳои ӯро такрор мекунанд, ҳамсароён ҳамовозаш мешаванд.*

***Мӯбад***

Барбастӣ аз ҳиммат камар,
Умрат муборак, эй писар!
Наврас наӣ з-ин пас дигар,
Умрат муборак, эй писар!
Пурдил шавию пурҷигар,
Умрат муборак, эй писар!
Бошӣ дигар аз аҳли фар,
Умрат муборак, эй писар!
Воло туро бодо назар,
Умрат муборак, эй писар!
Боло туро бодо гузар,
Умрат муборак, эй писар!
Зебо туро бодо ҳунар,
Умрат муборак, эй писар!
Бодо ба дастат хок зар,
Умрат муборак, эй писар!

Ҳаргиз мабин, эй Борбад,
Аз ёру аз ағёр бад!

Бодо, ки дар рӯи ҷаҳон
Аз ҳар бадӣ бошӣ ниҳон,
Бошӣ ба умри бехазон
Хасми ҳама гуфторбад,
Хасми ҳама пиндорбад,
Хасми ҳама кирдорбад!

Бодо-т фарҳанги накӯ,
Дар дидаат ранги накӯ,
Дар гӯшат оҳанги накӯ!
Бодо туро бори абад
Фазлу ҳунар, эй Борбад!

*Оҳангу хониш батадриҷ паст мешавад ва саҳна торик.*
*Мусиқии рӯҳнавозе садо дода,*
*зери навои он чарогҳои саҳна дармегиранд.*

## НАМОИШИ 1

### Саҳнаи 1

*Борбад бо Устод машгули тамрини таронаест.*

**Устод**

Ба васфи Марви азиз ин накӯ таронаи ту
Бувад, азизи дилам, кори ҷовидонаи ту!

**Борбад**

Ба банда баски шуморост меҳру лутфи зиёд,
Ҳамекунед муҳоботи беш, эй устод!

**Устод**

Накарда ҳеҷ муҳобот, ҳарфи дил гуфтам,
Беҳин тарона бувад, он чи аз ту бишнуфтам!

**Борбад**

Ҳамин бувад фақат аз ман ҷавоби заҳмататон,
Ки савту соз биёрам накӯ…

**Устод**

Анӯша бимон!

*Садои даркӯбӣ.*

Дари мо маҳви ин овоз бошад,
Ба рӯи дӯст доим боз бошад!

*Дӯсти Устод меояд.*

**Дӯст**

Дуруд, эй хушсадою хушнаво, дӯст!

**Устод**

Биё, эй дӯст, дидори ту некӯст!

*Ҳамдигарро ба канор мекашанд.*

Зиҳӣ бахте, ки овардат ба ин ҷо!

**Дӯст**

Хаёли туст ёру ёвари мо…

**Устод**

Бувад ин Борбад, шогирди банда-ст.

**Дӯст**

Бувад мисли худат?

**Устод**

На, на, дучанд аст!

**Борбад**
*(хиҷолатомез)*

Накӯ устод…

**Устод**

Кӯшишҳо зиёд аст.

*Борбад боз чизе гуфтанӣ мешавад, вале Дӯст пешдастӣ мекунад.*

**Дӯст**

Макун инкор - ҳарфи Устод аст!

**Устод**
*(ба Борбад)*

Маро ин дӯст бошад чун бародар…
Ба шаҳ Хусрав набуд аз ӯ қаринтар,
Вале, афсӯс…

**Дӯст**

Оре, дур гаштем,
Ба ҳарфи хасм номанзур гаштем…

**Устод**

Қаринат мекунад шаҳ боз…

**Дӯст**

Муҳлат
Бувад лозим, ки гардад фош туҳмат…

*(Мешинанд. Баъди лаҳзае сукут ба Устод)*

Умедам ин ки ту худ комронӣ.

**Устод**

Худоро шукр, амн асту амонӣ…
Худат чунӣ? Азизон?..

**Дӯст**

Ҷумла хубанд,
Дудаста табли хушҳолӣ бикӯбанд!

**Устод**

Аҷаб некӯ…

**Дӯст**

Бизан, инак, навое,
Бибар дилро ба авҷи босафое!

**Устод**

Навин аз Борбад бишнав суруде,
Суруде на, ба меҳан чун дуруде!

***Борбад***
*(таъзим карда, чанде ба созаш нохун мезанад ва баъд тарона мехонад)*

Беҳин мулке, ки унвон аст Марваш,
Дилам меболад аз кабку тазарваш.
Куҷо мурғест дар ҳар шохи сабзе,
Бувад мурғи дилам бар шохи сарваш!
На андар боғҳои ӯ дарахт аст,
Ки ҳар як нахли иқбол асту бахт аст,
Гулафшон шохаҳои сабзи боғаш
Барои мурғи ҷон зебанда тахт аст!

**Дӯст**

На шогирдӣ, азизо, ҳастӣ устод,
Туро аҳсанту устоди туро бод!

**Устод**

Шунав, эй дӯст, инак, савти дигар,
Ки гӯши завқро бошад чу гавҳар,
Чу ёди Мониаш илҳом дода,
Ба некӯ савт «Монӣ» ном дода.

*Борбад менавозад.*
*Дӯст беихтиёр ба рақс медарояд. Устод ба рақси ӯ ҳамроҳ мешавад.*

**Дӯст**
*(ба Устод)*

Навое нест бо ин дилситонӣ!

*(Ба Борбад)*

Ту ҳам монои Монӣ зинда монӣ!

*(Ба Устод)*

Туро, Устод, ҷону дил фидо бод!
Ду дастам пеши саъйат бар само бод!
Чи шогирде ба дунё додаӣ ту,
Яке дунёи нав бикшодаӣ ту!
Варо танг аст паҳнои Хуросон,
Бувад ӯ зеби базми шоҳи Эрон!

**Борбад**

Ташаккур…

**Устод**

Нест осон роҳ он сӯ,
Варо ку раҳнамое сӯи он кӯ?

**Дӯст**

Бале, душвор бар ҷое расидан,
Ба овосанҷ дилҳое расидан…
Вале ман мекунам кӯшиш дар ин роҳ,
Ки бошад шоҳ аз ин фарзона огоҳ…

*Навои хуше баланд мешавад. Борбаду Устод, Дӯстро гуселонда, моту мабҳути таклифи ӯ, дар саҳна мемонанд. Саҳна торик мешавад.*

**Саҳнаи 2**

*Дарбори Эрон. Садои мусиқиву нишот.*
*Раққосаҳо гирдобвор мерақсанд… Фитна Саркашро ба як сӯ мебарад.*

**Фитна**

Аё устоди наво, Саркашо,
Бихоҳам туро бахти бебаркашо!
Ҳамин дам шунидам яке ҳарфи нав,

Зи сӯзаш ба ҷонам дарафтод алав…

**Саркаш**

Натанҳо ба ному насаб Фитнаӣ,
Саропо ба пашму қасаб фитнаӣ!
Бигӯ ошкоротар он рози хеш,
Диламро аз ин беш манмо пареш!
Бигӯ зуду бепарда!

**Фитна**

Инак, шунав,
Зи сад қиссаи гуфтанӣ як шунав:
Зи Марв омада Борбад ном кас,
Яке бадситора, баданҷом кас…

**Саркаш**

Киясту чи мехоҳад?

**Фитна**

Эй вои мо,
Ки мехоҳад ӯ ҷои мо…

**Саркаш**

Ҷои мо?

**Фитна**

Бихоҳад ба дарбор маъво кунад,
Сароҳангии шоҳ даъво кунад!

**Саркаш**

Сароҳангӣ?

**Фитна**

Оре.

**Саркаш**

Чи сон орзӯ!

**Фитна**

Бале, инчунин орзӯ дорад ӯ!

**Саркаш**

Магар ин қадар ӯ рақиби қавист?

**Фитна**

Бале, булбули лаҳҷаи паҳлавист!

**Саркаш**

*Раҳоӣ раҳе боядо бозҷуст…*

***Фитна***

*Раҳашро ба дарбор бастан…*

***Саркаш***

*…дуруст!*
Набояд ба дарбор раҳ ёбад ӯ,
Раҳаш баст бояд ба ҳар роҳу рӯ!

**Фитна**

Биёбад зи шаҳ бор агар Борбад,
Марову туро мешавад кор бад!

**Саркаш**

Чи чора дар ин роҳ дархурди мост?

**Фитна**

Канад дил зи дарбор агар, бурди мост,

**Саркаш**
*(баъди каме андеша)*

Дили посбонон биёбем агар,
Наёбад раҳ ин ҷониб он бебасар!
Куҷо вақти баҳс асту чуну чарост?

*Халтаи пурзарро, аз бағал бароварда, ба Фитна медиҳад.*

**Фитна**
*(халтаи зарро дар даст бозӣ доронда)*

Ҳамин роҳбанду ҳамин раҳкушост…
Биёбам дили борсолорро,
Ки бандад барояш дари борро!

**Саркаш**

Зи парво шудан дур набвад дуруст,
Илоҷи дигар низ бояд биҷуст…

*Маънидор ишора мекунад…*

*Мераванд.*

**Саҳнаи 3**

*Тарҳи даромадгоҳи қасри Хусрав.*
*Борбад ва Дӯст меоянд. Посбонон пеши роҳи онҳоро мегиранд.*

**Дӯст**

Ин Борбад аст, ҷони бобо,
Бечо ту мабанд роҳи ӯро,
Аз Марв расида, соз бар даст,
Ҳофиз набувад чу ӯ забардаст!

**Посбони 1**

Кам гӯй зи будашу набудаш,
Чун нест иҷозаи вурудаш!

**Дӯст**

Бояд чи кунем, то шаҳаншоҳ
Аз омаданаш бигардад огоҳ?

**Посбони 2**

Шаҳро набувад магар дигар кор
Ҷуз Бор…

**Дӯст**

…мадеҳ варо ту озор,
Варна кашамат ба назди Саркаш!

**Посбони 2**

Саркаш? Ҳа-ҳа! Ҳарфи хеш баркаш!
Худ хостааст ӯ, Худоро,
То раҳ надиҳем мо шуморо!

**Дӯст**

Ин ҳарф яқин дурӯғ бошад!

**Посбони 1**

Пиндори ту бефурӯғ бошад!

**Борбад**
*(ба Дӯст)*

Ин кӯшиши пур зи моҷароро
Бигзоштану гузаштан авло!

**Дӯст**

На, Борбади азиз, ҳаргиз,
Худро машумар ҳақиру оҷиз,
Олист чу созату садоят,
Ин саҳнаи олӣ аст ҷоят!

**Посбонон**

Ҳа-ҳа-ҳа!

**Дӯст**

Биханд, нодилогоҳ!
Рӯзе бинишинад ӯ бари шоҳ!

*Дасти Борбадро гирифта, боқаҳр меравад.*
*Бо Фитна вомехӯранд.*

**Фитна**
*(ба Борбад)*

Ту Борбадӣ?

**Борбад**

Бале.

**Фитна**

Сухан ҳаст
Байни ману ту фақат,
Бидеҳ даст!

*Борбад даст дароз мекунад. Фитна халтаи пурзарро ба дасташ мегузорад.*

**Борбад**

Ин чист?

**Фитна**

Бигиру бош хомӯш!
Худрову маро бикун фаромӯш!
Беҳарф ба Марви хеш баргард,
Бар сояи сарви хеш баргард!
Аз ёд бибар хаёли дарбор,
Ҷону дили хеш хуш ба зар дор!
Ин зар бирасад ба ҳафт пуштат!

**Дӯст**

Мор аст, кушову бин ба муштат!
Пора-ст!
Магир!

*Борбад халтаро ба замин меафканад.*

Бош боло!
Ҳаргиз мафурӯш хештанро!

**Фитна**
*(ба Борбад)*

Ту роҳ ба боргаҳ наёбӣ!
Гирам, ки агар раҳе бикобӣ,
Дар хидмат агар равӣ ту бо сар,
Надҳад ба ту шоҳ ин қадар зар!

**Борбад**

Мақсад зи талош симу зар нест,
Ҷуз равнақи нозанин ҳунар нест,
Дар сояи лутфи шоҳи огоҳ
Хоҳам ба дили ҳунар барам роҳ!

**Дӯст**
*(ба Фитна)*

Кардӣ, ба хаёли банда, даркаш,
Беҳ он ки кунӣ кунун ту таркаш!

*(Халтаро бо нӯги по сӯи ӯ меронад)*

Бо хеш бигир халтаатро,
Ин ҳосили ақли калтаатро!

**Фитна**
*(ба Борбад)*

Ман меравaму ту бош огоҳ:
Ҳаргиз нарасӣ ба хидмати шоҳ!

*Халтаро бардошта, боқаҳр меравад.*

**Дӯст**

Бешак, бикунӣ ту ҷояшон танг,
Бинмуда ақиқу лаълашон санг!
З-ин рӯй, харида посбонро,
Гумроҳ намуда ину онро,
Пешат биниҳанд сади афзун…
Аз роҳи талаб машав ту берун!

*Меравaнд.*

**Саҳнаи 4**

*Назди девори қаср.*
*Борбад ва Дӯст бо Мардӯй вомехӯранд.*

**Дӯст**

Мардӯй!

**Мардӯй**

Азизи дил!

*Ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд.*

**Дӯст**

Куҷоӣ?

**Мардӯй**

Ин гуна ту низ камнамоӣ?!

**Дӯст**

Дар Марви шариф будам, эй дӯст!

**Мардӯй**

Аз Марв шуниданам чи некӯст!

**Дӯст**

Ҳаст ин каси чеҳраву дилаш боз
З-он шаҳри шарифи созу овоз.

**Мардӯй**

Баҳ-баҳ! Ба Мадоин омадӣ хуш!

**Борбад**

Шодам ман аз ин диёри дилкаш.

**Дӯст**
*(ба Мардӯй)*

Ӯ Борбад аст, аҳли соз аст.

*(ба Борбад)*

Мардӯй рафиқи дилнавоз аст.
Умрест чу боғбони дарбор,
Ин лаҳза ба мост сахт даркор!

**Мардӯй**

Доред чи нақша дар Мадоин?

**Дӯст**

Бояд, ки ба шоҳи некоин
Манзур шавад таронаҳояш,
Дарбор шавад дигар сарояш.

**Мардӯй**

Мушкил бувад ин бас, эй азизон…

**Дӯст**

Дидем ба чашм – нест осон…

**Мардӯй**

Аз аҳли ҳунар бувад ба дарбор
Хайле, ки ба дасти ӯст ҳар кор,
Аз ҳила намуда эй басо сад,
То бар дигарон раҳе набошад!

**Дӯст**

Худ Борбад аст марди майдон,
Арзанда басо рақиби онон!

**Мардӯй**

Донанд агар, варо намонанд…

**Дӯст**

Аз омаданаш накӯ бидонанд!

**Мардӯй**

Пас ҳила кунем низ бояд,
Бе ҳила чу кор нек н-ояд.

*Ба чор тараф менигарад.*

Рафтем барои чораёбӣ…

**Дӯст**

Пайдо шавад он, агар бикобӣ…

*Мераванд.*

**Саҳнаи 5**

*Наврӯзгоҳ. Шоҳ бар тахт нишаста. Базм идома дорад. Борбад, бо маслиҳати Мардӯй, саропо сабз пӯшидаву сози сабз бар даст гирифта, байни шохсори нахли сарсабзе нишастааст. Ногоҳ ҳама садоҳоро савти сози Борбад ва баъд овози ӯ пахш мекунад.*

**Борбад**

Аё эй андалеб, аз булбули шавқам садо бишнав,
Навои ошноӣ аз лаби дилошно бишнав.
Бибин мурғи диламро бар фарози нахли сарсабзаш,
Бикун сайёдро хомӯшу аз ин моҷаро бишнав.

**Саркаш**

*(аз асли ҳол пай бурда, беқарор мешавад)*

Дареғо, расид аз қазо Борбад,
Яқин, шуд, Худоё, маро кор бад!

**Борбад**

Аз ин соз, эй дили пурғам, биёб эҳсоси ғамхорӣ,
Аз ин соз, эй дили дардошно, рози даво бишнав.
Қарибо, аз қарибии дилу ҷонҳо наво бинюш,
Рақибо, саркашӣ бигзору оҳанги сафо бишнав.

**Саркаш**

*(як қад мепарад)*

Зи ман шиква дорад ба шоҳи ҷаҳон…
Мабодо расад пеши шоҳи шаҳон!

**Борбад**

Ба базмат, хусраво, то Зуҳраи заҳро ба рақс ояд,
Ту аз авҷи Сурайё нағмае дар ин саро бишнав.
Агар нахле бихоҳӣ борвар аз меваи ово,
Ба боғат савти нахли сабз андар сабзро бишнав!

*Суруд поён мееёбад, вале наво идома дорад.*
*Аҳли базм ҳайрон-ҳайрон ба ҳам менигаранд.*

**Хусрав**

Бигӯ, Саркашо, ин наво аз куҷост?

**Саркаш**

Ба бахти шаҳам сарв ҳам пурнавост!

**Хусрав**

Биёред он сарвқадро!

**Саркаш**

*(ба як тараф)*

Фиғон!

**Фитна**

Аз ӯ мешавад сарви бахтат хазон!

*Борбад аз дарахт поин меояд.*

**Хусрав**

Бигӯ, кистӣ, эй ҷавон?

**Борбад**

Борбад.

**Хусрав**

Ба сарв аз чи гаштӣ ниҳон, Борбад?

**Борбад**

Ниҳон омадам, эй шаҳи комрон,
Ки пеши ту бошам ба ово аён.

**Хусрав**

Аён шуд, ки воло ҳунарвар туӣ,
Ба созу ба овоз бартар туӣ.
Намиранда дунёст дунёи ту,
Ки гирандадунёст хунёи ту!
Бихон боз чанде!

**Борбад**

Бихонам ба ҷон
Барои шаҳи пурдилу пуртавон!

**Хусрав**
*(ба Гесӯи Навогар)*

Биё, эй хушандом Гесӯ, биракс,
Дар ин созу овози некӯ биракс!

*Чашми Борбаду Гесӯ лаҳзае ба ҳам меафтад.*

**Барбад**
*(месарояд)*

Дар фасли баҳор шод мебояд буд,
Бо рӯю дили кушод мебояд буд,
Бо хории хеш низ бояд гул кард,
Яъне, ки зи худ зиёд мебояд буд!

Сӯз аст ҳама рӯзу шабон рӯзии дил,
Меҳр аст чароғи оламафрӯзии дил,
Аз олами тоза бахри ёрони куҳан
Ишқ аст фақат паёми наврӯзии дил!

**Хусрав**
*(ба Борбад)*

Аз ин болотарат созу наво бод,
Туро ҷуфти накӯ Гесӯи мо бод!

*Борбад, ба шоҳ таъзим карда, назди Гесӯ меравад ва дасти ӯро мебӯсад. Ҳозирин хушҳолӣ мекунанд.*

**Садоҳо**

Насибат аз ҷаҳон меҳру вафо бод,
Туро ҷуфти накӯ Гесӯи мо бод!

**Хусрав**
*(ба ходимон)*

Барои Борбад хилъат биёред!
Сари хунёгарон ӯро гузоред!

**Саркаш**

Ба ҷои ман?

**Хусрав**

Бале, арзанда аст ӯ,
На ахтар, ахтари тобанда аст ӯ!
Суруди тозае, инак, бихонад,
Ҳама андӯҳи мо аз дил биронад!

*Ба Борбад ишора мекунад, ки бисарояд. Мусиқӣ садо медиҳад.*

**Борбад**

Дилбарию ҷонфишонӣ зинда бод!
Ҳамдами дил ёри ҷонӣ зинда бод!
Панди пирон бод моро раҳнамо,
Беғамиҳои ҷавонӣ зинда бод!
Ҳамдилонро зиндагӣ бодо ба ком,
Ҳамгилонро комронӣ зинда бод!
Дар ҷаҳони ҷоншикору ҷонситон
Дилшикорӣ, дилситонӣ зинда бод!
Ҳар куҷо бод ориёнӣ хушдимоғ,
Нангу ори ориёнӣ зинда бод!
Дар лаби мо, дар дили мо, хусраво,
Ин навои хусравонӣ зинда бод!

**Ҳама**

Дар лаби мо, дар дили мо, хусраво,
Ин навои хусравонӣ зинда бод!

**Хусрав**

Ин навои бостонӣ зинда бод!
Ин садои осмонӣ зинда бод!

*Базм идома дорад.*
*Саркашу Фитна, муштҳояшонро гиреҳ карда, ноаён аз саҳна meраванд.*

## НАМОИШИ 2

### Саҳнаи 6

*Идомаи базм. Шоҳ сархуш аст, дар паҳлӯяш – Ширин.*

**Хусрав**

Чи ширинӣ, эй ёри ширини ман,
Бувад меҳру ишқи ту оини ман!

**Ширин**

Зи ту қимати ишқ боло бувад,
Ки гавҳар дар оғӯши дарё бувад!

**Хусрав**

Чи меҳоҳӣ, аз ҷон муҳайё кунам!

**Ширин**

Фақат пеши шаҳ шукри дунё кунам!

**Хусрав**

Чи меҳоҳӣ, эй ҷон?

**Ширин**

Ҳама дилкаш аст…
Суруде нав аз Борбад бас хуш аст!

*Хусрав каф ба ҳам мекӯбад, Борбад наздашон меояд.*

**Хусрав**

Суруде нав овар!

**Борбад**

Яке нав бувад,
Ба Ширин накӯ рози Хусрав бувад,
Зи ман бишнав алфози рангини хеш,
Зи Гесӯ – накӯ рози Ширини хеш.

*Гесӯ пеш меояд. Ҳарду месароянд.*

**Борбад**

Танҳо на туӣ ба ном Ширин,

Аз ишқи туям чу комширин.

**Гесӯ**

Чун тифлаки ширмастам аз ту,
Май ҳастиву майпарастам аз ту.

**Борбад**

Эй ширу шароби бебаҳоям,
Бо номи ту ман ду ҷӯ кушоям,

**Гесӯ**

То шир равон шавад ба як ҷӯ,
Дар ҷӯи дигар – шароби дилҷӯ.

**Борбад**

Пас шод шавам зи рӯи шират,
Бинам чу шароб дилпазират!

**Ҳарду**

Пас шод шавам зи рӯи шират,
Бинам чу шароб дилпазират!

**Хусрав**

Тасанно!

*(ба Ширин)*

Намебуд агар Борбад,
Ҳамебудам, эй вой, гуфторбад!
Бароят ду ҷӯ ваъда кардам сазо,
Фаромӯш кардам вале ваъдаро…

*(ба Борбад)*

Ташаккур туро аз дили шод бод,
Ки хуш нуктаамро расондӣ ба ёд.

*(ба Ширин)*

Яке ҷонфидоям барои ту ман,
Ду ҷӯ мекушоям барои ту ман!

*Базм давом дорад. Мутрибон менавозанд, ҳофизон месароянд, раққосаҳо ба ҷилва медароянд. Ҳолаи нур Ширин ва Борбаду Гесӯро равшан мекунад.*

**Ширин**

Барҷой ба ёди шаҳ расондед,
Сӯи амали хушаш кашондед,

Бунёд шавад агар ду ҷӯяш,
Садчанд бигардад обрӯяш.
Бедор шавад ду дашти хуфта,
Ду боғи навин шавад шукуфта…
Эй Борбад, эй ҳунарфаровон,
Шуд аз ҳунари ту мушкил осон!

**Борбад**

Ин аст ҳадаф зи созу овоз,
К-аз он шавад одамӣ сарафроз,
Ин даҳр ҳама чу боғ бошад,
Хуш ҳар дилу ҳар димоғ бошад!

**Ширин**

Подоши амал бигир аз ман
Ҷое, ки бувад чу боғу гулшан,
Мулке, ки ба шаҳри Исфаҳон аст,
Аз Борбади навофишон аст!

**Гесӯ**

Гӯянд ҳама туро шакаррез,
Аммо туӣ, эй малика, заррез!

**Борбад**

Чун пир шавем мову Гесӯ,
Он сӯ бибарем раҳ зи бесӯ,
Аз лутфи ту шодмона бошем,
Фориғ зи ғами замона бошем!

***Месарояд.***

Ман, ки дар мулки наво «Мозандаронӣ» доштам,
«Меҳргонӣ» доштам, ҳам савти «Монӣ» доштам,
Кош аз ин хусравоин лутфи Ширин баъд аз ин
Бар забони завқ лаҳни «Исфаҳонӣ» доштам!

*Ширин меравад.*
*Ҳолаи нур Борбаду Гесӯро рӯшан мекунад.*

**Гесӯ**

Чи овое, ки дил мадҳуш бошад,
Саропоям бихоҳад гӯш бошад!

**Борбад**

Накӯтар бинамат то, эй биришта,
Саропои вуҷудам дида гашта!

**Борбад**

Зи ишқи поки ту хушхонам, эй гул!

**Гесӯ**

Куҷо гул бишкуфад бе сози булбул?

**Борбад**

Бувад се чиз Хусравро ба дунё,
Ки набвад ҳеҷ касро, эй дилоро:
Яке – Ширин, дигар – Шабдизи хуштоз
Ва сеюм – Борбад бо сӯзу бо соз…
Вале сад шукри ин дунёи рӯшан,
Ки дар дунё туро дорам, туро ман!

**Гесӯ**

Аз он рӯзе, ки ҳастӣ дар бари мо,
Гирифт оташ зи нав хокистари мо,
Ҳунарвар бонувон, к-аз ишқ шоданд,
Чу ғунча рӯй бар боди муроданд,
Ҳама бар созу сӯзат вола гаштанд,
Ту маҳ будиву онон ҳола гаштанд,
Нахустин Мушкдона сина бигдохт,
Дилашро пеши ту Якдона ҳам бохт…

**Борбад**

Дилам шайдои ишқи туст лекин
Аз он рӯзи нахуст, эй ёри ширин,
Бувад бо он тароват Мушкдона
Ба чашми дил, бибахшо, хушкдона!
Қарини дил ягон Якдона ҳам нест,
Сазои ҷон дигар ҷонона ҳам нест!

**Гесӯ**

Маро як орзӯ бошад ба дунё,
Ки дунёро кунӣ тасхири хунё!
Шавад дунё ба коми Борбад низ,
Адӯяш ҷумла бошад корбад низ!

**Борбад**

Чу бахтам аз ҷамолат огаҳӣ дод,
Навои дилкаши «Сарви саҳӣ» дод;
Туро чун чашми ман афтод бар рух,
Зи илҳом омад ово «Шоми фаррух»;
Туро чун моҳ бар кӯҳон бидидам,
Навои «Моҳ бар кӯҳон» кашидам;
Маро ҳосил зи ишқат ком омад,
Зи «Фаррухрӯз»-и ман пайғом омад…

**Гесӯ**

Хушам, бошам агар илҳомбахшат!

**Борбад**

Фидои дидагони пурдурахшат!

Навои борбадие баланд мегардад. Саҳна торик мешавад.

**Саҳнаи 7**

*Борбад машғули оҳангсозист.*

**Борбад**

Зи боби Фаридун – шаҳи бостон
Шунидам яке пуралам достон,
Бидидам: падар нахли бебар шавад,
Бародар чу хасми бародар шавад…

*Навои ҳазине садо медиҳад. Борбад ҳамоно машғули андеша ва навоофарист.*

Фаридун чу Эрон ба Эраҷ бидод,
Дари кинаи Салму Тӯраш кушод,
Аз он кина сад кини дигар расид,
Бурида сари Эраҷ охир расид…

*Мусиқӣ авҷ мегирад. Саҳнаҳои гирудор пеши назари Борбад ҷилвагар мешаванд.*

Шуд он кина охир ҷаҳонӣ алам:
Кай оянд Эрону Тӯрон ба ҳам?..
Бисозам навое аз он даври хун,
Варо «Кини Эраҷ» биномам кунун!
Чу аз кини Эраҷ наво сар кунам,
Ҷаҳонро зи ашки алам тар кунам…

*Садои даркӯбӣ баланд мешавад, Ширӯя меояд.*

**Ширӯя**

Дорем дарди афзун,
Эй Борбад, мадад кун!

**Борбад**

Хоҳам туро дили шод,
Ғам ёри душманон бод!

**Ширӯя**

Аз даҳр рафт Шабдиз!

**Борбад**

Чун аст ҳоли Парвиз?

**Ширӯя**

Хусрав хабар надорад,
Кас гуфтанаш наёрад
Ҷуз ту…

**Борбад**

Бигӯямаш чун?

**Ширӯя**

Кардем фикри афзун,
Охир бигуфт Ширин:
Бояд ту гӯӣ аз ин…

*(худ ба худ)*

Ҳарчанд Фитна берӯст,
Ин фитнааш чи некӯст:
Аз аҳди мудҳиши шоҳ
Ин сода нест огоҳ,
Чун ин хабар расонад,
Шаҳ зиндааш намонад!

*(Ба Борбад)*

Дорем умеди бисёр…

*Сӯи дар қадам монда, дар остона бо Гесӯ вомехӯрад.*

**Борбад**
*(нимтаъзим мекунад)*

Моем ҳамғами ёр…

*Ширӯя меравад.*

**Гесӯ**

Чи мехоҳад ин нобакори ҷавон?

**Борбад**

Расонам хабар ман ба шоҳи ҷаҳон,
Ки Шабдиз мурда…

**Гесӯ**

Магӯ з-ин ба шоҳ,
Ба ноогаҳӣ марги худро махоҳ,
Ки ҳар кас расонад аз инаш хабар,
Ҷудо менамояд танашро зи сар!

**Борбад**

Набудам аз ин роз огоҳ ман…

**Гесӯ**

Бидону баногаҳ дар ин чаҳ мазан,
Ба ҷуз шодии шаҳ ба чизе макӯш!

**Борбад**

Бигӯям аз ин бобаташ пардапӯш…

*Банди андеша мешавад. «Санги тар шуълафикан дар раҳи Шабдиз бувад» - ин мисраъро бо чанд оҳанг замзама мекунад ва пас ба лаҳне хонда-хонда меравад.*

*Боргоҳи шоҳ. Хусрав бар тахт нишаста. Борбад меояд ва, таъзим карда, месарояд.*

**Борбад**

Гуфта будем, ки рӯшан раҳи Шабдиз бувад,
Санги тар ҳам ба раҳи ӯ шарарангез бувад,
Ҷилваи пурфараҳ ӯро ҳама маҳмез бувад,
Ҷилвааш ҷумла хушу ҷумла диловез бувад.

Дигар инҳо ҳама дар хобу хаёли ману мост,
Хуштарин хотираҳои маҳу соли ману мост,
Боиси дарди дилу ранҷу малоли ману мост…
Чун раҳаш хотирааш низ чи гулхез бувад!

Наравад ӯ, нахурад об дигар, гул начарад,
Дар раҳи хеш дили бод ба тундӣ надарад,
Дар сари зини пурозин шаҳи моро набарад…
Ёди Шабдиз алами Хусрави Парвиз бувад!

*Суруд қатъ мешавад,*
*оҳанги ҳазин каме идома ёфта, ҳолати Хусравро ифода мекунад.*

**Хусрав**

Магар Шабдиз мурд?
Эй бахти хуфта!

**Борбад**

Ту худ гуфтӣ, касе инро нагуфта…

**Хусрав**

Бале, ин ҳарфи бад худ гуфтаам ман,
Ҳазор афсӯси он шабранги рӯшан…
Ба дил меҳри варо бинҳуфта будам,
Ба аҳли боргоҳам гуфта будам,
Ки ҳар кас пайки марги ӯ расонад,
Дигар як дам дар ин дунё намонад!
Ту лекин ҳила чун устод кардӣ,
Зи ҷабрам ҷумларо озод кардӣ.
Ба савти хеш кардӣ содаҷонам,

Бурун бинмудӣ ин ҳарф аз даҳонам…
Ҳазор афсӯси Шабдиз – он диловар,
Ки дар разми зиёдам буд ёвар,
Ба ҳар разме, ки рафтам баҳри меҳан,
На як ҳамроҳ, ҳамдил буд бо ман!
Зи дасти бад, зи роҳи бад раҳонид,
Маро бар манзили мақсад расонид…

*Зимни ин суханон батадриҷ аҳли дарбор ҷамъ меоянд. Ҳама ҳазину ғамгинанд.*

**Ширин**

Азизам, рафт Шабдиз аз бари мо,
Ғаминтар шуд дили ғампарвари мо.
Дареғ, он тезтак сайди аҷал шуд,
Аҷал дар роҳи ӯ санги халал шуд…
Ҳамон беҳтар, ки мо ёдаш намоем,
Ба ёдаш «Боғи нахчирон» кушоем,
Зи хайли чорпо он ҷо биёранд,
Ки аз худ нектар насле гузоранд.

**Хусрав**
*(ба ходимон)*

Ду фарсах дар ду фарсах боғ созед,
Дили Ширини ширинро навозед!
Биёред аз тамоми чорпоён,
Наёбад қиссаи ин кор поён…
Бувад то Борбадро зинда ин соз,
Дар ин созаш бувад Шабдиз дартоз!

**Саҳнаи 8**

*Боғи шоҳ. Борбад сайругашт дорад.*

**Борбад**

Пок Яздон, кардаӣ ризқи маро аз савту соз,
Шукри ризқи додаат, эй рӯҳи пок, эй дилнавоз!
Он мабодо завқро то хок поён оварам,
Деҳ мадорам, завқҳоро то фалак боло барам!
Аз Варазрӯзу Хуросон савту созам сар кашид,
Савти мулкам болу пар то моҳу то ахтар кашид!
Чун мароми савту сози банда инсонофарист,
Покҷонӣ, пурдилӣ, инсофу нангу бофарист,
Нек гӯям шоҳро, то некиаш гардад зиёд,
Шоҳ одил бод, некӯхоҳи мулки хеш бод!
Ман ҳасад бар кас надорам, нест ҳоҷат бар ҳасад,
Роҳ накшоям вале ҳаргиз ба савту сози бад!

*Саркашу Фитна меоянд.*

**Фитна**

Бибин, оҳанги боғи шоҳ дорад,

Сароҳанги замон худро шуморад!

**Саркаш**

Сари оҳанги ӯро бишканам ман,
Саросар торҳояш барканам ман!

**Борбад**

Чи савдо?
Ман нафаҳмидам…

**Фитна**

Бифаҳмӣ!

**Саркаш**

Нафаҳмӣ гар, яқин дар банди ваҳмӣ!

**Борбад**

Мадеҳ тарсам чунин бехеш…

**Саркаш**

Ҳоло
Бувад ин андаке огоҳии мо!

**Борбад**

Ҳадаф чист?

**Фитна**

Аз худат пинҳон набошад!
Касе чун ту чунин нодон набошад!

**Борбад**
*(ба Саркаш)*

Туӣ мақсад, накӯ фаҳмидам акнун!

**Саркаш**

Ту бо ман душманӣ!

**Борбад**

Мебош мавзун,
Ки моро бо ягон кас душманӣ нест,
Ҳавои бар касе сангафканӣ нест!

**Саркаш**

Чаро бо шоҳ бад гуфтӣ маро пас?

**Борбад**

Нагуфта бад ба назди шаҳ туро кас!
Бигуфтам ман зи савти тозаи ту,
Ки дархур нест бо овозаи ту,
Бад аст он савт, кай дилро навозад,
Аз ин бад – завкҳоро паст созад!

*Ноаён Ширӯя меояд ва ҳамоно ба суҳбат ҳамроҳ мешавад – маълум, ки аз огоз бо онҳо будааст.*

**Ширӯя**

Ба Саркаш баъд аз ин сарвар наӣ ту,
Ба савту сози ӯ довар наӣ ту!

**Борбад**

Сароҳангам ману гар шаҳ бихоҳад,
Бигӯям пеши ӯ аз неку аз бад,
Бигӯям нек оҳанги накӯро,
Нагӯям нек ҳаргиз ҳарзагӯро.
Муродам ин ки савти паҳлавонӣ
Бимонад пурсадову ҷовидонӣ!

**Ширӯя**

Фаромӯшат мабодо қаҳру кинам,
Ки баъди шоҳи ту ман тахтшинам!
Агар хоҳам, ҳама созат бимирад,
Ба ҳабси ҳалқ овозат бимирад!

**Борбад**

Ба дунё рафтааст, эй бахтравшан,
Дигар овози ман, овозаи ман,
Ман аз ин рост роҳи худ нагардам,
Бувад дар пеш агар сад ранҷу дардам!

*Ба шоҳзода нимтаъзим карда, меравад.*

**Ширӯя**

Ҷазои хуби хамнокардагардан
Бувад…

**Фитна**

…сози варо ноҷӯр кардан!

**Саркаш**

Бале, сози варо ноҷӯр созем!

**Ширӯя**

Зи лутфи шоҳ ӯро дур созем!

**Саҳнаи 9**

*Базмгоҳи шоҳ. Созҳои мусиқӣ рӯи курсиҳо гузошта шудаанд. Мусиқии маҳине садо медиҳад. Саркаш, чор тарафро аз назар гузарондаву бехабар аз он ки рафторашро Гесӯ назора дорад, ҷӯри сози Борбадро мегардонад.*
*Мусиқӣ ноҷӯру дағал мешавад.*

**Саркаш**

Ноҷӯр намудамаш…
Ба ноҷӯр
Мумкин набувад задан наво ҷӯр!
Ин ҷост чу базми шамъравшан,
Имкон набувад ба ҷӯр кардан.
Чун Борбад оварад ба ин рӯ,
Шармандаи даҳр мешавад ӯ!

*Меравад. Мусиқӣ давом мекунад. Шоҳу аҳли рикобаш меоянд ва базм оғоз меёбад. Борбад, баробари нохун ба созаш задан, ноҷӯрии онро эҳсос мекунад ва ба усули навозиши сози ноҷӯр ба ҳунарнамоӣ мепардозад.*

**Хусрав**

Аҳсан, Борбад, ҳазор аҳсан!

**Борбад**
*(хиҷолатманд таъзим мекунад)*

Кори аҷабе нарафта аз ман!

*Ҳама аҳсану офарин мехонанд.*

**Гесӯ**

Эй шоҳ, зи ҳимматат ҷаҳон пур,
Аз ҳарфи адолатат замон пур,
Гар бидҳӣ иҷозатам…

**Хусрав**

Бифармо.

**Гесӯ**

Бахшо сухани пуроҳ бар мо…
Як зумра зи Борбад баҷонанд,
Дидан ҳунараш наметавонанд!

*Ширӯя маънидор ҷониби Саркаш менигарад.*

Ноҷӯр намуда сози ҷӯраш,
Ҷустанд зи ҷӯри бахт дураш.
Устод вале чу Борбад нест,
Ӯро зи ҳасуд кор бад нест,
Ноҷӯрии соз дур андохт,
Дидӣ, ки чи гуна ҷӯр бинвохт!

**Хусрав**

Ин гуна кӣ буда ноҷавонмард?
Ӯро сари дор метавон кард!

*Саркаш ба гӯшае пинҳон мешавад.*

**Борбад**

Шоҳо, тарабат аз ин фузун бод,
Хасмат ҳама зору сарнагун бод!
Расмест миёни ҷумла манзур:
Ҷӯянд ҳунар зи сози ноҷӯр,
Ин лутф, ки «дӯстон» намуданд,
Гӯё ки як имтиҳон намуданд…

**Хусрав**

Ҳар кас, ки туро бисанҷад ин сон,
Бешубҳа, бувад яке бад инсон!

**Борбад**

Бодо ба Худо ҳаволаи бад,
Бад ғуссаи шоҳро наарзад!

**Хусрав**

Танҳо наӣ аҳли шодиву дард,
Ҳастӣ чи баҳиммату ҷавонмард!

*(Ба ходимон)*

Резед ба ҷомҳо майи ноб,
Гардем зи зӯри тоза шодоб,
Бодо ҳунари диёр барҷо
Бо Борбаду навои зебо!

*Ҳама машғули хушҳолӣ. Саркаш назди Борбад меояд.*

**Саркаш**

Куштӣ ту бемуҳобо
Бе тир хасми худро!
Бурдӣ тамом ҳушам,
Баҳри ту ман бинӯшам!

*Бо Борбад қадаҳҷанг мекунад. Борбад созашро як сӯ мемонад, Саркаш, аз ин фурсат истифода бурда, ба ҷоми ӯ заҳр мерезад. Гесӯ, ки ин манзараро назора дорад, зуд расида, ҷомро аз дасти Борбад мегирад.*

**Гесӯ**
*(ба Саркаш ишора намуда, ба Борбад рӯ меорад)*

Дар ӯ бадӣ бичӯшад!

*Борбад ҳайрон мешавад. Гесӯ ҷоми ӯро ба Саркаш медиҳад.*

Бигзор, худ бинӯшад!

*Ҳама дар атрофи онҳо ҷамъ мешаванд. Шоҳ низ таваҷҷӯҳ мекунад.*

**Хусрав**

Он ҷо чи кору савдост?

**Гесӯ**

Хасмии ошкорост!

**Хусрав**

Хасмӣ?

**Гесӯ**

Бале, дар ин ҷом
Заҳр аст!

**Хусрав**

Заҳр?

**Гесӯ**

Бадном
Саркаш ба бода омехт!

*Мусиқии мудҳиш.*

**Овозҳо**

Бояд ба дораш овехт!

*Хусрав назди онҳо меояд.*

**Хусрав**
*(ба Саркаш)*

Кори ту аст?

**Саркаш**

*(ба зону мезанад)*

Шоҳо!

**Хусрав**

Аз туст?

*(ҷомро ба даст мегирад)*

Ин гувоҳо!
Менӯшиаш худ акнун!

**Саркаш**

Шоҳам!

**Хусрав**

Бинӯш, малъун!

**Борбад**

Шоҳо, бибахш ӯро…

**Хусрав**

Бадкори зиштхӯро?!
Ночӯр кард созат,
Шуд аз пайи гудозат,
Боз авфи ӯ бихоҳӣ?!

**Борбад**

Ин аст расми шоҳӣ…

**Хусрав**

Бахшидани хатокор
Расм аст, лек як бор!

*(ба Саркаш ишора мекунад)*

Инро гунаҳ зиёд аст!

**Борбад**

Инак, зи по фитодаст…

**Саркаш**

Ширӯя дод заҳрам,
Афзуд бухлу қаҳрам,
Гуфто, ки Борбадро
Бояд кушем…

**Ширӯя**

Расво!
Инкора нестам ман!
Ӯй аст, ӯй душман!

**Хусрав**
*(ба Ширӯя)*

Ҳайфи ту, гар чунинӣ,
Бо бад агар қаринӣ!

*(ба Саркаш)*

Эй баднажод, эй паст,
Модарнадида тифл аст
Ширӯя!
Ту – ҳунарманд!
Ҳайфи ту бод даҳчанд!

*(ба сарбозон)*

Ин ҳардуро биронед!

*(ба мардум)*

Эмин зи бад бимонед!

*Меравад. Суруди Борбад танинандоз мешавад.*

**Борбад**

Ҷаҳон аз некӣ обод аст, эй дӯст,
Бикун неку бибин – некӣ чи некӯст!
Бигӯӣ: кист дилҷӯи замона?
Фақат ӯе, ки некӣ ҷуст, дилҷӯст!

Бадӣ дар олами фонӣ чи ҷӯӣ,
Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ!

Ба некӣ хонадат ин сабзаву гул,
Навои ҷӯйбору сози булбул,
Бибин бар обрӯи некномон,
Ки аз худ мондаанд ин рӯду ин пул.

Бадӣ дар олами фонӣ чи ҷӯӣ,
Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ!

Зи дилҳо дур кардан ғам накӯист,
Будан ҳамдард бо одам накӯист,
Аё эй дил, ки гӯӣ: чист некӣ?
Бадӣ бо кас накардан ҳам накӯист!

Бадӣ дар олами фонӣ чи ҷӯӣ,

Накӯй кун, накӯй кун, накӯй!

*Саҳна торик мешавад.*

**Саҳнаи 10**

*Мусиқии ваҳмангез… Борбад дар саҳнаи гирдгардони мудҳиш саргардон аст…*
*Дӯст дучораш меояд.*

**Дӯст**

Аё ҳамдил, чаро по дар гилӣ ту?
Чаро ин ҷой?
Оё ғофилӣ ту,
Ки Хусрав шуд ҷудо аз тоҷу тахташ,
Диҳад навмева фармон бар дарахташ…
Ба дод оварда Ширӯя ҷаҳонро,
Намуда тангҷон мулки каёнро,
Талаб азбас зи Ширин ком карда,
Зи ҳасрат захр ӯ дар ҷом карда…
Барои ҷоҳ дар ҳар ҷой ҷанг аст,
Кушод ин мулк, ҳолаш лек танг аст!
Далели беради хомист ин сӯз,
Яқин, оғози анҷом аст ин рӯз,
Ки ахтарҳо намегӯянд норост:
Зи саҳрои Араб хоҳанд бархост
Гурӯҳе, ҷони меҳанро бикоҳанд,
Навоҳо ғайриэронӣ бихоҳанд…
Аё эй Борбад, эй нохунат хун,
Аз ин дӯзах бирав, худро раҳо кун!

*Тире Дӯстро аз по меафтонад…*
*Гесӯ меояд.*

**Гесӯ**

Аё эй Борбад, меҷӯямат ман,
Бирав з-ин ҷо, ки бар тахт аст душман!

**Борбад**

Дареғи мо, дареғи меҳани мо,
Ки вайрон гардад аз мову мани мо!
Навогар, эй накӯфарҷом Гесӯ,
Зи ҷону дил таманно дорам аз ту:
Бимон инро ба ман, бар Исфаҳон рав,
Ба мулки додаи Ширин ниҳон рав!

**Гесӯ**

Фақат бо ту, фақат бо ту, азизам!

**Борбад**

Марои беҳ зи дунё ту, азизам

Ва бояд з-ин ҳама эмин бимонӣ,
Ки аз ишқи азизи ман нишонӣ!
Чуноне дар садаф гавҳар нуҳуфта,
Нишони умри ман дар туст хуфта!

**Гесӯ**

Кунам тифли туро ман ҳифз бо ҷон!

**Борбад**

Ба ғайр аз ӯ надорам ҳеҷ армон!
Агар ман дар дами боди фаноям,
Бимонад тифламу сози навоям!

*Садои аспу ароба ба гӯш мерасад.*

**Гесӯ**

Бидон – ман чашм дар роҳи ту ҳастам!

**Борбад**

Дилогоҳам, дилогоҳи ту ҳастам!..

*Гесӯ меравад. Садои аспу ароба баланд ва баъд батадриҷ паст мешавад.*
*Мусиқии мудҳиш суръат мегирад. Борбад бехуду мабҳут дар саҳна чарх зада, охир ба гӯшае мерасад, ки рамзан боргоҳи Хусрав аст.*
*Ҳама ҷо хароб, тахт сарнагун, Хусрав дар гӯшае шикастадилу маҳзун.*

**Борбад**

Чи шуд, хусраво, тахту гоҳи туро?

**Хусрав**

Сазо дод тақдир шоҳи туро,
Ки ман душман аз дӯст нашнохтам,
Бад-ин содагӣ тоҷи худ бохтам...
Нанолам зи душман, ки фарзанди ман
Зи бехам буридасту пайванди ман.
Ҷаҳон талх ин дам дучандон бувад,
Ки Ширини ман ҷисми беҷон бувад…
Ҳама ҳамдамонам парешон шуданд,
Буридасару зору сарсон шуданд.
Аз ин ҷо бирав низ, эй Борбад,
Ки дунё-ст з-ин баъд кирдорбад,
Ҳама ганҷи ман рафт барбод, ҳон!

*Мусиқии мудҳиш шиддат мегирад.*
*Садои задану шикастану доду фиғон баландтар мешавад.*

Ту, эй охирин ганҷам, эмин бимон!

*Мусиқии мудҳиш ва садоҳои ваҳмангез давом мекунанд.*

*Зимни он ҳама марсияи Борбад ба гӯш мерасад.*

**Борбад**

Эй войи ин мулки бузург,
Мулки далерони сутург,
Як нима – дар коми шағол,
Як нима – дар чанголи гург!

Эй войи тоҷ, эй войи тахт,
Шуд дор охир ин дарахт…
Эй войи фарри хусравӣ,
Эй войи ин воруна бахт!

Яздон бувад дар ҷони ман,
Шайтон ба ҷони ман мабод!
Ин панҷа ҳаргиз нағмазан
Бар душмани меҳан мабод!

*Ангуштонашро мебурад…*
*Аз шиддати дард ба хеш мепечад, дар саҳна чарх мезанад,*
*саҳна гирди ӯ чарх мезанад, сарбагардуну сарнагун мешавад…*

Аз тахту тоҷам хастадил,
Аз қисматам бишкастадил,
Ҳамчун мане дилбастаро
Дигар наёбӣ растадил…

Созам нагирад пушти ман,
Бубрида панҷ ангушти ман,
Ин панҷа бодо то абад
Сӯи бадиҳо мушти ман!

*Мусиқии ҳазин…*
*Батадриҷ саҳна торик мешавад.*
*Ҳолаи нур созу мушти Борбадро рӯшан нигоҳ медорад.*

## ***АНҶОМ***

*Саҳна торик. Танҳо созу мушти Борбад  намоёнанд.*
*Ҳолаи нур батадриҷ он се тани огози намоишро низ мунаввар мекунад.*
*Садои мӯбад ва ҳамсароён баланд мешавад.*

Эй Борбад, эй Борбад,
Барбастӣ аз ҳиммат камар,
Пурдил шудию пурҷигар,
Эй нозу фахри аҳли фар,
Воло будат умре назар,
Боло будат умре гузар,
Гаштӣ сари аҳли ҳунар,
Дар каф туро шуд хок зар!

Эй Борбад, эй Борбад,
Будӣ ба умри бехазон
Хасми ҳама гуфторбад,

Хасми ҳама пиндорбад,
Хасми ҳама кирдорбад!

Ҳар ҷон зи ту шуд пурзиё,
Инсон зи ту шуд пурсафо,
Дунё зи ту кони наво,
Даврон зи ту дори бақо!

Будат чу фарҳанги накӯ,
Дар дидаат ранги накӯ,
Дар гӯшат оҳанги накӯ,
Инак, шудат бори абад
Фазлу ҳунар, эй Борбад,
Умри дигар, эй Борбад!

*Оҳангу тарона батадриҷ паст мешаваду саҳна торик.*
*Ҳолаи нур танҳо мушту сози Борбадро*
*ба мисли муҷассамае рӯшан медорад.*

**ПАРДА.**

**Камол НАСРУЛЛО**

## ШОИРИ ИШҚИ ВАТАН

Низом Қосимро аз овони ҷавонияш мешиносам. Ӯ ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар шеър як вуҷуди дурахшон аз эҳсосоти баланд, аз самимият аст. Як пайкарест, ки дар вуҷудаш, дар суханаш ҳамеша набзи виҷдон, набзи изтиробҳои инсонӣ садо медиҳад. Як инсони ҳамеша бедор ва ҳамеша ҳушёр аст. Бардошти ман аз шахсият ва ашъори ӯ чунин аст, ки ӯ мисли аксари мо дар як хонаводаи солими тоҷикӣ, ки дар он одобу суннати миллӣ хуб риоя шудааст, дар мактабу хонаводае, ки ӯро дар рӯҳияи адабу маърифати тоҷикӣ парвардааст, ба камол расидааст. Ин тарбият ва таълими солим аз зиндагии хонаводагӣ ва муҳити кӯдакӣ нақши худро дар шеъри ӯ гузоштаанд.

Дар китоби нави Низом бо андаке ихтисор тамоми ашъори аз наврасӣ то ба имрӯз эҷодкардаи ӯ бо риояти тартиби таърихи эҷодашон ҷамъ оварда шудаанд. Аз наврасии самимона то ба салории имрӯзӣ пайваста аз шеър ба шеър Низом Қосим дар пеши назари мо боварбахш, дар партави дурахшони муҳаббат, аз сари нанг, аз сари виҷдон қомат меафрозад ва дар пеши назари мо тандеси худ, тандеси шеъри худро бунёд мегузорад. Вақте ба ин тандес менигаред, симои як инсони мутмаин ба худ, як инсони ҳадафмандро мебинед. Инсоне, ки бо ноадолатӣ, бо беинсофӣ, тамаллуқ, дурӯғ, фиребу найранг, сохтакориҳо созиш надорад, балки бо онҳо ҷанг эълон кардааст. Аз чашми ӯ, аз сухани ӯ нури бовар, нури назари ҷӯёи адолат медурахшад.

Ӯ аз муҳити зиндагии худ, аз тақозои дилу андешаҳои худ шеър мегӯяд. Агар шоире мавзӯъ меҷӯяд, мавзӯъ интихоб мекунад, то шеър бигӯяд, мавзӯъи шеъри Низом худи зиндагист бо тамоми беҳудудиҳояш. Ба назар чунин мерасад, ки Низом метавонад дар ҳар мавзӯъу мавқеи зиндагӣ шеър бигӯяд. Аз «Либосовезак» то «Доруҳарф», зеро назари ӯ ба ашё ва ҳодисот аз сари эҳсосоти баланди инсонист.

Аз ин ҷиҳат шеъри ӯ маҳдудияти мавзӯъӣ надорад, шеъри ӯ метавонад тасвирӣ бошад, ҳикоятӣ бошад, ҳасбиҳолӣ бошад, таълимӣ, дидактикӣ, андарз бошад, метавонад шеъре бошад, ки чун шиорҳо метавон онро дар сақфи ин ё он мавзеъ овехт, метавонад шеъре бошад аз дардҳои ҷонгудоз, аз меҳри инсонӣ ва аз сӯзу гудози ишқ. Яъне ин шеър ба ғайр аз эҳсосот ба хонанда маълумоти фаровон медиҳад, масъалаҳо мегузорад, хонандаро раҳнамоӣ мекунад. Вақте ӯ дар бораи шахсият шеър мегӯяд, танҳо бо мадҳи ситоиши ӯ машғул намешавад, балки симои инсонӣ, чеҳраи маънавии ӯро таҷассум мекунад, як олам маълумот медиҳад, ҳолат, замон ва маконро низ фаро мегирад ва ин

шеър пур аз набзи қаҳрамон, сурату сирати ӯ, зиндагии ӯ мегардад. Мисли шеъри «Унвон», ки ба Убайдулло Раҷаб бахшида шудааст ва ё шеъри бахшида ба устод Лоҳутӣ.

Хислатҳои шахсиятҳо, хусусияти замон, муҳит ва ғайра перомуни шеъри ӯ ба тасвир меоянд. Масалан, шеъре, ки бо ёди Мастон суруда шудааст.

Буда аз чӣ, ман намедонам, варо кошона пур,
Буда худ аз шоҳбайту мисраи шоҳона пур.
Мурғи носери дили ӯ зери борони сиришк
Чун бубинад - чор сӯяш гаштааст аз дона пур.
Пур бикун паймона, - гуфт ӯ бар ману қисмат шунид,
Во дареғо, кард нобарҷо варо паймона пур.

Гумон мекунам, ин яке аз беҳтарин шеърҳоест, ки воқеан симо, ҳаёт ва хислатҳои шоирро шоиронаву зебо ва мондагор ба тасвир гирифтааст.

Дар баъзе мавридҳо Низом метавонад мазмуни як қиссаро дар як шеъри кӯчак ҷой бидиҳад, чунон ки дар шеъри «Доғи фарзанд».

Шеъри Низом дар бораи хонаи бобоӣ, кампири деҳа боварбахш аст, зеро ин ҳама аз зиндагӣ ва муҳитест, ки ӯ ба сар бурдааст.

Ғул-ғули тифлон ба гардун мерасад,
Булбуле дар шоха чаҳ-чаҳ мезанад,
Фориғ аз дунё, зимистон дар хаёл
Момаи Ойиша таппак мекунад.

Чашм бар дунё кушояд тифлаке,
Момаи Ойишаро бинад ба сар,
Пир бинад лаҳзаҳои вопасин,
Момаи Ойишаро бо чашми тар.

Арзиши шеъри Низом дар он аст, ки ӯ шеърро ба хотири эҷоди шеър намегӯяд. Ӯ ҳарчи дар эҳсос дорад, ҳар идрокеро, ки дилаш аз зиндагӣ бардоштааст, дар партави андешаҳояш шеър мекунад.

Манзараи воқеии ордбезии модарро дар як шеъри кӯтоҳ самимона тасвир месозад:

Боз дар осмони барфолуд
Бод чун орд барфро безад,
Модарам гӯӣ орд безад боз
Мухпараш рӯи кулча гул резад…

Ҳанӯз дар шеърҳои нахустин - «Гули гулдон» ва «Чорсӯ» назари хосу сабки хоси сухангӯии ӯ мушоҳида мешуд. Дар ин шеърҳо ва баъдан Низом мекӯшад шеъри худ ва сухани худ ва андешаи худро бисарояд. Мустақилият дар баёни фикр эҳсос мегардад.

Чор сӯ боғ бошаду боғе
Гули рӯи туро напарварда,
Чор сӯ роҳу раҳнамое нест,
Дили ман роҳи хеш гум карда.

Баёни шоирона дар шеърҳои маҷмӯаи нахустин гувоҳи диди шоиронаи Низом аст:

Ба сад хорӣ ба дунёят расидам,
Ба сар рафтам, ки бар поят расидам.
Зи тӯфонҳои чашмонат гузаштам,
Ки то моҳии лабҳоят расидам.

Тасвирҳои зебои шоирона ба шеъри Низом аз ҳамон маҷмӯаи аввал раҳ ёфтаанд:

Риштаҳои нур дар дастони моҳ,
Нурҳо мерехт ангуштони моҳ…

Назари нек ба зиндагӣ, ба оянда, покӣ ва софии замир дар ин шеърҳо ба мушоҳида мерасад:

Он мабодо бар дили ин кӯҳсор,
Бар дили ин марғзор,
Бар дили ҷӯи равон тире занӣ,
Кӯдакиямро кушӣ…

То он замоне, ки ин покӣ, ин некӣ барҷост, кӯдакии мо дар он марзе, ки аз ӯ ҷудо шудаем, зинда хоҳад монд.

Рӯҳияи адолатталабиву ҳақиқатхоҳӣ, носозгорӣ бо макру фиреб аз ҷавонӣ дар шеъри Низом Қосим ҷо дошт, ки баъдан яке аз маромҳои асосии эҷодиёт ва шахсияти ӯ гардид (шеъри «Рӯ ба рӯ бо сурати Ленин»).

Ин шеърҳо аз он маҷмӯаи аввал далели онанд, ки ҳадаф аз шеър барои шоир баёни мавқеи инсонӣ ва ғояҳои баланд будаву мемонад:

Чун давоми ту ҳама рӯз
Инқилоби дигаре мехоҳам аз тақдир,
Инқилобе дар замир,
То маро аз ман раҳо созад…

Низом дар чанд байти як ғазал, бо истифодаи санъатҳои шеърӣ, мавқеи инсониву шоирии худро хеле рӯшану шоирона баён мекунад:

Чу китоби нав набудам пурҷило
Чун китоби кухна мазмун доштам…
То надонад аз хазонрези дилам,
Пеши нокас рӯи гулгун доштам.
То зи хомӣ вораҳам, умре чу май
Хешро дар хеш мадфун доштам.
Доштам кай дар ҷаҳон хун бо касе?
Ҳар куҷо ёрони ҳамхун доштам!

Дақиқ фурӯ рафтан ба умқи маънии вожаҳо ба шеъри ӯ тобишу ҷилои бештари маъниҳоро медиҳад. Низом аз имкониятҳои забони тоҷикӣ, аз духӯрагии маъниҳо, аз тобишҳои маъноии вожаҳо хуб истифода мекунад, ки далели забондонии ӯст.

Яке аз мавзӯъҳое, ки дар шеъри Низом гоҳ ошкоро, гоҳ таҳтонӣ, аммо ҳамеша зуҳур дорад, Ватан аст, ки барои ӯ арзиши баландтар аз ҳамаро дорад ва тамоми мавзӯъҳои дигар дар шеъри ӯ дар меҳвари ҳамин мавзӯъ бол мезананд:

Ҷисми ман дар ба дару рӯҳи ман андар Ватан аст,
Кай ғарибам, ки ба ҳар ҷо Ватани хештанам.

Ва дар чунин шеърҳо ҷилои шеъриятро дар сухани ӯ метавон равшан мушоҳида кард.

Дар ғарибӣ ба сарам ояд агар рӯзи сиёҳ,
Аз қазо кош расад абри сафедаш кафанам.

Зуҳури фалсафа, мантиқ, андеша, хирад дар шеъри Низом ҳамеша эҳсос мешавад:

Гар намеҷӯӣ худатро дар Замин,
Дар само шамсу қамар гум мекунӣ…

Дар саросари эҷодиёти ӯ ҳар ҷо-ҳар ҷо, дар сари ҳар қадам, қариб аз аксари ғазалҳои ӯ метавон байтҳое ёфт шоирона, пурмаъно, ҳадафнок ва нишонрас:

Бигурезам зи сояи худ ҳам,
То ки чун офтоб биншинам.

Чунин ғазалҳо вақте пайи ҳам меоянд, табъи равони шоирро мисли ҷуйбор дар ҷӯшу хурӯш меёбед.

Тобишҳои маъноии вожаҳо, духӯрагии маънои онҳоро Низом хуб истифода мекунад ва чунин мисолҳо дар шеъри ӯ фаровонанд. Аз қабили:

<u>Амроз</u> басо мондаву **<u>ҳамроз</u>** намонда.

***

Гар ин <u>миллат</u> бувад, донад, ки <u>милён мил</u> аз ӯ дурӣ.

***

Бо чашми <u>чор</u> дар ҳаваси <u>чора</u> мондаем…

Чунин мисолҳо зиёданд, ки гувоҳи лутфи сухану табъи равони ӯянд. Истифодаи ҳунару санъати шеъри суннатии мо дар Низом бисёр вомехурад.

Атре зи Самарқанду Бухорои ман имрӯз
Ҷуз дар ғазали Хоҷаи Шероз намонда…

Маъниҳое, ки бори андеша мебаранд:

Нагардад хушк то сарҷӯи обаш,
Сarobashro басо хурдему хурдем.

Низом метавонад дар оҳанги дубайтиҳои халқ байтҳое бисозад дархури дили мардум:

Ситамҳое, ки мо дидем аз дӯст,
Илоҳо, душман аз душман набинад.

Ва ё дар байте маънои иҷтимоиро шоирона баён бисозад:

Дили моро накарда заррае гарм,
Зи чашми мо басе оташ гирифтанд.

Ӯ баёнгари хуби ҳолатҳост:

Як ними шаб ба ҷанги ману хоб даргузашт,
Ними дигар ба ҷустани хобе, ки барнагашт.

Дар тасвири ҳолатҳо Низом ҳунари нигориши худро дар шеъре, ки бардоште аз созу суруди Давлатманд аст, хеле воқеӣ таҷассум кардааст.

Баъзан Низом Қосим мавзӯъҳои хеле зиёдро дар як шеър фаро мегирад. Шеъри ӯ дар ин мавридҳо хеле пурбор мегардад. Шеъри «Ҷангал» намунаи чунин шеърҳост. Дар баробари тасвири табиат, ягонагии ӯ бо инсон, масъалаҳое мисли тозагии шахсият, мазаммати сифатҳои носозгор, покии бунёд ва забони инсон мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Низом тарзи гуфтори худ, ифодаҳои хоси худро дорад ва дар шеъри ӯ гароиш ҳам ба сабки хуросонӣ ва ҳам ба сабки ҳиндиро мебинем.

Сарам вазнин чу сарбор аст бе ту,
Раги гардан маро дор аст бе ту,
Садои дил малолангезу дилгир
Чу даркӯбии такрор аст бе ту.

Ҳама ғарқидаи баҳранду дарё,
Манам ғарқидаи як шабнами ишқ…

Низом шоири ҳолатҳост ва ин ҳолатҳои зиндагиву инсонӣ дар дубайтиҳои ӯ латифу шоирона таҷассум меёбанд:

Чи бар дорад дарахти интизорӣ –
Ҳазорон бехудиву беқарорӣ.
Қарору сабр аз ҳар шохаи он
Парида ҳамчу мурғони фирорӣ.

Зи як бадрашк ашки дона монда,
Зи як паймоншикан паймона монда,
Зи ту он қадр монда ёди ширин,
Ки дар ҷону дили ман ҷо намонда.

Оҳангҳои иҷтимоӣ, танқиди нуқсонҳои замон, костагиҳои давр, фошсозии мансабдорони худхоҳу порахор яке аз риштаҳои мустаҳками шеъри Низом аст, ки ба тариқи хоси ӯ дар шеъраш зуҳур кардааст. Ин ҷо ӯ рӯирост, бе истиҳола ва оштинопазирона сухан мегӯяд.

Шуд тахтаи кишвар ҳамагӣ курсии мансаб,
Бар курсии мактаб нарасад тахтаи кишвар.
Фарёднарас буда басо ин ҳама, гӯӣ,
Дар гӯши ҳаминҳост ҳама пахтаи кишвар.

Як марҳилаи таърихӣ ва зуҳуроти шигифтангези замон дар ин як байт ифода меёбад:

Ҳамегуфтам, ки аз масҷид садои пир меояд,
Дареғи ман, надонистам, ки бонги тир меояд!

Нолаҳои ҷонгудози шоир аз рӯзгори ҷанги бародаркуш нолаи мардуми гирифтори мост. Ниёишҳову нолаҳои шоир аз он муҳити шум хеле ҷонсӯз садо доданд:

Иди Қурбон шуд,

Ҳама хун карданд,
Маро чизе набуд,
Диламро хун кардам…

Ҳақиқати он рӯзгор чунин буд:

Ин ғам ба ягон марсияте нанвишта,
Деҳқони ту куштаву замин нокишта,
Монандаи мазраҳои нокиштаи хеш
Дар ҳасрати обу донӣ, эй кишвари ман.

Шоир зангӯлаи фарёд мезанад, то мардум ба худ биёянд:

Вой-войи мо чу ношукрии мо аз ҳад гузашт,
Ин замон ҷуз ҳой-ҳой оҳангамон дигар намонд,
Ҳоли моро кард охир танг  тангии назар,
Ҷуз дили дар худ фурӯву тангамон дигар намонд.

Мавқеи инсонии Низом дар пешорӯи даҳшатҳои ҷанги бародаркуш хеле қавӣ, доваронаву ҳақиқатбинона аст. Ӯ барои наслҳои оянда бо ин шеърҳо ҳам ин марҳилаи нанговари тақдири халқи моро тасвири мондагор медиҳад ва ҳам ин шеърҳо ҳушдор барои ояндагонанд, ки ҷанг чӣ оқибатҳо метавонад дошта бошад. Ҳушдори ӯ он аст, ки инсон бояд дар ҳамаи ҳолатҳо расолати инсонии худро аз ёд набарад.

Сайри кайҳон карда кайҳо дигарон бозомаданд,
Он мабодо ҳасрати мо ҳам зи кайҳон бигзарад.

Низом дар баёни андешаҳо ҳам аз усулҳои модерни шеъри нав истифода мекунад, ҳам аз усулҳои суннатӣ. Дар ин маврид шеъри ӯ аз доираи танги ифодаву баён убур мекунад:

Ҳаҷр ҷон кандан бувад, гар ёр матлуби дил аст,
Марг мушкилтар шавад, гар умр осон бигзарад.

Шеъри Низом, ба таъбири худаш, «барги саломи сабз» аст. Ӯ дар ҳар шеър ҳадафе дорад: ҳадафи волои инсонӣ,  ҳадафи  ватандӯстӣ, худшиносӣ, раҳнамоӣ ба сӯи хубиҳо, хайрхоҳӣ ва ҳадафи волои муҳаббат. Яъне шеъри бе бор нест, балки хеле пурбор ва баъзан аз ҳад пурбор аст. Дар ҳар шеъри худ Низом ҳама андеша, эҳсос, муҳаббати худро ба роҳ меандозад. Дар баъзе мавридҳо шеъри ӯ беш аз шеър аст, яъне раҳнамо, дастурест, ки бо изтиробу эҳсосот гуфта шудааст.

Чунин шеърҳо зиёданд, барои далел шеърҳои «Овои ҳақ», «Эҳё», «Арзандаи номи хеш бошед» ва бисёри дигарро метавон ном бурд.

Дар шеърҳои ошиқонаи Низом Қосим ишқ инсонҳоро намакшинос мекунад, аз замин ба осмон мебарад, инсонро некӯ мегардонад, аз гирифториҳо мераҳонад:

То ту будам яке намакхора,
Бӯсаҳоят намакшиносам кард.

Бо лутфу суханбозии шоирона ӯ дар мавридҳои нохуши анҷоми ишқ низ хушбину хайрхоҳ аст:

Гарчи моро гашт вайрон хонумон аз хонумон,
Хонумонро хонумон ободбод, обод бод.

Дар мавриди риояи таносуби сухан низ аз Низом мисолҳои бисёр метавон овард. Ӯ яке аз он адибони имрӯзист, ки таносуби сухан ва баёни суннатиро ҳамеша риоя мекунад.

Кунун маро ту нестӣ, чу каҳрабо ту нестӣ,
Аз ин хаёл рӯи ман чу барги коҳ мешавад.

Яъне вақте «каҳрабо» мегӯӣ, таносуби сухан тақозо мекунад, ки вожаи «коҳ»-ро низ биёрӣ ва ин заминаи табииву воқеӣ дорад.

Чанд мисол дар риояи таносуби сухан ва корбурди санъатҳои шеърӣ вобаста ба он:

Кӯтоҳ буд дастам аз кокули дарозат…
Бе рӯи сап-сафедат рӯзам сиёҳ мешуд…

***

Гар лаб накунӣ во ту даме, вои муҳаббат…

Истифода ва риояи таносуби сухан ба шеъри ӯ таровату тозагӣ мебахшад:

Эй Ватан, аз файзи хокат
Хокиему хоксорем,
Эй Ватан, аз файзи обат
Обрӯманди диёрем.

Ин корбурди шоирона аз чашмаи шеваҳои шеъри суннатӣ об мехӯрад ва ҳунари шоирона аст, ки шеърро дилпазир мегардонад:

Беҳтарин як мисраи ман
Роҳи сӯи хонаи туст.

***

Абруятро об деҳ аз ашки ман,
Обрӯям сарфи абрӯи ту бод.

***

Маро ин обрӯ кофӣ, ки ҳаргиз
Нарезад оби чашмони ту, модар.

Ва ниҳоят ин дубайтии зебо:

Зи ишқи ту худомӯзӣ кунам ман,
Зи сӯзи ту худафрӯзӣ кунам ман.
Хушӣ гар рӯзиям набвад зи ишқат,
Ғами ишқи туро рӯзӣ кунам ман.

Метавон тозагиҳо ва бозёфтҳои зебои шоиронаро аз дубайтӣ, рубоиёт ва катибаҳои Низом Қосим зиёд пайдо кард.

Гузаштагону имрӯзиёни фарзонаи мо дубайтиву рубоиёти олӣ гуфтаанд. Аммо боз ҳам шоири хуби имрӯз метавонад, ки сухани завқи зебову тозаву шоиронаи худро ба таври худ бигӯяд:

Бувад имои абрӯи ту ширин,
Нигоҳи чашми дилҷӯи ту ширин,
Хаёли рӯи ширини ту дорам,
Шавад то умрам аз рӯи ту ширин.

Рухат моҳи шабам бошад, гули ман,
Ду чашмат кавкабам бошад, гули ман.
Лабат ҷони ман асту хоҳам аз ҷон,
Ки ҷонам бар лабам бошад, гули ман.

Ман аз ҳар гушна як нон қарздорам,
Зи ҳар мурғак ду - се дон қарздорам,
Зи ҳар кас қарздорам ман каму беш,
Гули ман, аз ту як ҷон қарздорам.

Ин дубайтиҳои Низом Қосимро метавон дар сафи беҳтарин дубайтиҳои имрӯз гузошт.

Дар шеъри Низом Қосим, чунон ки гуфтем, мавқеи оҳангҳои танқидӣ, фошсозии нуқсонҳои ҷомеа махсус аст. Ӯ бо камиву костиҳо, бо сохтакориҳо, бо ноадолативу ноодамиҳо созиш надорад.

Дилзанӣ ку?
Ба кафзанӣ хубем,
Бо кафи сахти хеш мекӯбем
Ҷумла андешаи мулоимро,
Завқро, фикрҳои солимро.

***

Бигзар аз рӯзгори олимсоз,
Дар худат мактабу муаллим соз.
Дуртар аз вазорати фарҳанг
Дар худат кун иморати фарҳанг.

Низом Қосим чун як ватандӯсти содиқ мавқеи муайяну мустаҳками худро дар ҷодаи Ваҳдату Истиқлолияти миллӣ дорад ва шеърҳои зиёде дар ин мавзӯъҳо гуфтаасту Ваҳдати миллӣ, Истиқлолият ва Сарвари некманиши онро сурудааст. Ҳатто интихобот дар осори ӯ мавзӯи шеър мешавад ва ин ҳосили мавқеи ҳассоси шаҳрвандии ӯст:

Субҳидам, бӯсида рӯи офтоб,
Мекунам рамзи Ватанро интихоб.

Бо истифода аз маврид ин андешаро мехоҳам таъкид бикунам, ки имрӯз мавқеи шоир, вақте Ҳукуматро ҷонибдорӣ мекунад ва ё ситоиши Сарвари кишварро мекунад, мавқеи хушомадгӯӣ ва таърифу тавсифу тамаллуқкорӣ нест, балки баръакс, мавқеи ватандӯстонаи фардест, ки истиқлолияту озодии Ватани худро, ки баъд аз ҳазор сол фаро расидааст, самимона месарояд. Дигар хел буданаш нодуруст аст. Агар шоир воқеан дили миллат аст, бо ҳама вуҷуд барои озодиву истиқлолият, барои ваҳдату ягонагии Ватан вуҷуди худро набахшад, пас ӯ кист?!

Низом Қосим шеърҳое ҳам дорад, ки хонандаро ба андешаи амиқ мебарад. Саволе, ки ӯ ба худ медиҳад, саволест ба инсоният:

Ман Қобили камонаму ман Ҳобили камин,
Ҷуз тири хешу ҷуз ҳадафи хеш нестам.
На ғолибам ба давру на мағлуб дар замон,
Дар ҷанги хеш ҷуз талафи хеш нестам.

Аслан Низом шоири ватандӯст ва иҷтимоист, дар аксари шеърҳои ӯ дарди мушкили мардум ва рӯзгорашон ба тасвиру таҳқиқ гирифта мешавад. Шеърҳои «Нарх арзон шуд», «Ароба», «Аҳли фарҳангем», «Дарди ном», «Одат» аз ҷумлаи чунин ашъоранд:

Ман, ки ботинсоф ҳамчун шишаам,
Дасти беинсофи сангам мекушад.

Метавон ин шеърҳоро ҳамчун намунаҳои хуби ашъори иҷтимоӣ қариб пурра иқтибос овард. Шеъри иҷтимоӣ дар он вақт қимат дорад, ки боре дошта бошад, масъала бигузорад, роҳнамоӣ бикунад:

<u>Ҳалқи Мансур</u>ам, ки чун <u>чарби аналҳақ</u> хӯрдаам,
Дар <u>мадор</u>и зиндагӣ бо <u>дор</u> одат кардаам.

Дар ҳамин шеърҳои иҷтимоӣ низ Низом, чунонки мебинем, таносуби сухан, истифодаи баёну тасвири шоиронаро аз ёд намебарад, чунонки дар байтҳои боло <u>ботинсофу беинсоф</u> ва <u>ҳалқу чарбуву</u> <u>дор</u> ва <u>аналҳақ</u>.

Шеър ҳамон вақт шеър аст ва ҳадаф дорад, ки дар байте зиндагӣ таҷассуми воқеии худро биёбад, чун дар байти зер:

Коҳе ба дида мондаму дидам, ки мӯр дошт,
Ҷустам мадад зи мӯри мададҷӯ, зи коҳ низ.

Дар шеъри «Ароба» воқеияти имрӯз ва ҳақиқати шигифтангези рӯзгори мо таҷассум ёфтааст ва ишораи талхе ба талхии тақдири миллати соҳибфарҳанги мо дорад:

Эй мулки ман, ки шӯри ту дунё гирифтааст,
Бори ту дар аробачае ҷо гирифтааст.

Оҳангҳои иҷтимоӣ дар шеъри Низом Қосим хонандаро ба андеша водор месозад, ишораҳое мекунад, ки ин худшиносӣ ҳанӯз худшиносии комил нест:

Дар дилам тантанаҳо барпо шуд,
Ғами ман шод шуду ман нашудам,
Ҳама вайронаи вайронаҷаҳон
Аз ман обод шуду ман нашудам.

Яке аз шеърҳои хубе, ки бо тасвирҳои тозаи ғайримаъмулӣ ҳолат ва тақдири инсонро хеле равшан баён месозад, шеърест бо номи «Футбол».

Шеъри Низом бисёр фарогир аст. Ӯ вақте ба мавзӯе даст мезанад, гоҳ ин мавзӯи шахсиятест, мисли Воҳид Асрорӣ ё мавзӯи иҷтимоист чун «Ароба», ӯ тамоми ҷузъиёти ин мавзӯъро пеши назар меорад, фаро мегирад ва шеърашро аз ин ҳисоб пурбор месозад.

Шеъри Низом Қосим номаи ботини ӯ, оинаест, ки дар он виҷдону имони шоир таҷаллӣ ёфтааст. Шеъри ӯ тарҷумаи ҳоли ӯст. Ашъори ӯро хонда, шумо дар бораи шахсияти ӯ, нийятҳо ва инсонияти ӯ тасаввуроти комил мегиред. Ин далелҳо нишони сохта набудани шеъри ӯст. Маънои шеъри ӯ маънои зиндагии ӯст. Масалан, шеъри «Бо «Баҳористон» шудам пайваст» дар баробари баёни андешаҳои шоирона боз як марҳила, давраи бунёди шабакаи телевизиони «Баҳористон» ва рӯзгори ӯро тасвир мекунад.

Бо «Баҳористон» шудам пайваст,
Оё заҳмати гулпарварӣ саҳл аст?

Низом шоири ҳунарманд аст ва забондонии ӯ, ҳунари истифода аз тобишҳои маъноии вожаҳо ба ӯ имкон медиҳад, ки байтҳои зебое бисозад:

Чу бӯи гул ту аз роҳи нафас бар ҷон шудӣ ворид,
Аё эй орзӯи мушкилам,
Бар ҳастиам осон шудӣ ворид.

Ё:

Дилам дар пойи ту афтоду файзи сарбаландӣ дид…

Низом яке аз он шоиронест, ки дар мушоҳидаву тасвири каму костиҳои замон ва рӯзгор чирадастанд. Ӯ ниқобро мебардорад ва симои воқеии риё ва худфиребиро нишон медиҳад. Шеърҳои «Обу ҳубоб», «Курсӣ», «Халта», «Ба ҷойи лавҳаи коргоҳи бюрократ» аз он ҷумлаанд:

На ҳар курсӣ, ки савлат пеша дорад,
Ба обу хоки кишвар реша дорад.
Басо курсӣ, ки зеби теша дорад…

Назари танқидии Низом аз мавзеъҳои хурди атроф боло рафта, мушкилоти башариро фаро мегирад ва шеъри «Паёми китоби сурх» аз он ҷумла аст:

Ман ба ин ҳирсе, ки дорам, мебарам охир фурӯ
Ҷумлаи ҳайвони дунёро ба коми хештан.
Худ ҳамемонам ба пеши хеш танҳо як замон,
Меравам балки фурӯ худ ҳам ба коми хеш ман.

Зиндагӣ дар шеъри Низом таҷассуми шоирона ва пандомези худро меёбад:

Бас умедат мисоли аскарҳо
Куштаи ҷанги беамон гардид.
Бин, ки тиру камон чи сонат кард,
Қадди чун тири ту камон гардид.

Бардошти шоирона аз манзараҳо:

Зиндагӣ
бо хуни шафақ
ба лавҳи заррини уфуқ
катибае бар гӯри боз як офтоб навишт.

Яке аз ғазалҳои хуби Низом «Рӯ ба боғ» ном дорад

Рӯ ба боғ овардам, боғро хазон кардам,
Бехабар кашидам оҳ, бодро вазон кардам,
Баски пурхазон мондам, гӯӣ аз забон мондам,
Дар даҳони бод инак баргро забон кардам.

Ё ғазале бо матлаи «Рӯзгоро, гиря кун, бар шоми торам гиря кун».

Дар шеъри шоири хуб ҳамеша рамз мавқеи мустаҳкам дорад. Шеъри Низом низ орӣ аз таъбироти рамзӣ нест. Далел зиёд аст, аз ҷумла шеъри хуби «Сафедор». Дар образи сафедор симои халқ, миллат таҷассум мешавад:

Чи маҳкам дар раҳи бод истодӣ ту,
Ба рағми худ чи сон гаҳ дилкушодӣ ту,
Табарҳоро худ охир даста додӣ ту.
Намемирам аз ин ғам, офарини ман,
Сафедори баланди нозанини ман…

Дар ғазалҳои Низом андеша, баёни шоирона, таносуби сухан ва ҳунари фарогири мавзӯъҳо ва ҳадафмандӣ бо ҳам тавъамон омадаанд:

Омадӣ чун бодбоне дар назар, аммо ҳамон
Байни мавҷи дидаи пуроб гум кардам туро.

Суханбозии ӯ дар шеър зоҳирӣ набуда, ҳам ба ҳусни шеър меафзояд, ҳам ба ҳусни баён ва ҳам ба ҳусни маънӣ:

Ҳайфи умри дил, ки дар хунҳо гузашт,
Ҳайфи дунё, бо ғами дунҳо гузашт…
Умри мо гарданкашиҳо низ дошт,
Бо талоши авҷи гардунҳо гузашт.

Хушоянд он аст, ки Низом Қосим дар зиндагӣ ва шеър некбин аст ва ин некбинӣ хонандаро низ ба накӯӣ даъват мекунад:

Зи ҳар море ба беморе давое,
Зи ҳар хоре гули хоре биёбам.
На ман озурдаи озори ёрам,
Зи ҳар озораш осоре биёбам.

«Ман»-и Низом ҳамеша пайванд бо мост, аз ин рӯ дар шеъри ӯ ибораи «ману мо» бештар вомехӯрад.

Дар омади сухан бояд гуфт, ки Низом Қосим яке аз беҳтарин суруднависони мост ва ба шеърҳои ӯ оҳангҳои зиёде баставу суруда шудаанд, ки аксар ватандӯстона буда, дар саҳнаҳои бузурги миллии мо пайваста садо медиҳанд. Ҳамкории ӯ бо ҳунармандони варзидаи мо самараҳои дилпазир ва неке ба бор овардааст. Суруди Низом Қосим мавзӯи пажӯҳиши алоҳида аст.

Тазоди зиндагиро метавон дар як байт чунин шоирона ба қалам овард ва дар баробари ин қудрати суханро нишон дод:

Сухане - чун кафтар:
мерасонад пайғом;
Сухане - чун кафтор:
мушти пар мекунад он кафтарро.

Дар шеъри дигар шумо мебинед, ки чӣ гуна печутобу изтироби инсонӣ чун мор ба тасвир меояд бар сари ганҷе, ки дил ном дорад.

Дар ҷойи дигар ӯ мегӯяд:

Ман ба хок афтодам, нашкастам,
Тавба бар хок наафтоду шикаст.

Бояд иқрор шуд, ки ин тасвир тозаву шоирона аст.

Бо ишора ба зарбулмасали халқӣ «Як бор ҷастӣ, малахак» ӯ мушоҳидаи хубе мекунад, ки маъное дорад:

Ҳисобатро ту бо се хатм кардӣ,
Малах з-ин беш ҳам ҷастан тавонад…

Аз тозагӯиву тозабаёниҳои ӯ мисоли бисёр метавон овард:

То ки НОБ-и дил бимонад доимо гардон,
Ҷамъ кардем об дар чашмон.

Ҳадафи зиндагӣ ва шоирии худро Низом дар ду байт чунин баён кардааст:

Ҷустани маънӣ маро дар ин ҷаҳон
Бошад асли ҷустуҷӯи хештан.
***
Ошиқона ёдамон кун, эй Ватан,
Шоири ишқи Ватан будем мо.

Дар фуроварди сухан як рубоии Низом Қосимро мисол меорам, ки то ҷойе марому ҳадафи инсониву шоирии ӯро ҳусни ҷамъбаст бахшидааст:

Дар фасли баҳор шод мебояд буд,
Бо рӯву дили кушод мебояд буд,
Бо хории хеш низ бояд гул кард,
Яъне ки зи худ зиёд мебояд буд.

Чуноне дидем, Низом Қосим шоирест, ки тавонистааст бурду бохт ва таҷаллии як насли адибони муосири моро дар худ таҷассум бикунад, ки ин кори саҳл нест.

** Ин мақолаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ба сифати пешгуфтор барои мунтахаби ашъори Низом Қосим «Аз ассалом то вассалом» таълиф шудааст.*

## МУНДАРИҶА

**Обҳоро обрӯ бояд намудан…**


Салом
Ормон
Таронаи тоҷ
Рози Ватан-Модар
Наврӯзгоҳ
Давронсоз
Мулки ишқу бахти мо
Ваҳдат
Чашмаи иқбол
Шоир, ки бо хишти сухан кошона барпо мекунад
ЗАХМҲОИ НОСУР
«Даҳум»
Бим
Латифаи Теҳрон, 1943
Ҳайкал
Хиёбони Домулло Азизов
Ёде аз Раҳмон Сафар дар хокҷои Сафар Амиршоев
Ҳайдар Қосим
Соат
Ёди ҷанг
ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН
Зарра-зарра ҷамъ моро оварида
Садриддин Айнӣ
Бобоҷон Ғафуров
Эмомалӣ Раҳмон
Мирзо Турсунзода
Нусратулло Махсум
Шириншо Шотемур
ҚАСИДАИ РОҒУН
Дуруди мардум
Дуруди Аноҳито
Ин ҳама обе, ки рӯду наҳру ҷӯи тоҷиканд
Қоил зи Роғун
Аз саҳмияи Роғун
Фасли нуру нори Роғун мерасад
Шодбошӣ
Кошонаи нур
Гашт ҷорӣ чашмае
Ориёи ман
Шиор
Қаҳрамони Ваҳдат
Ватан
Кишвари муқаддас
Нақби нақибат
Мавҷи Варзоб
Шаҳпояи гардун
Душанбе
Шаҳри умед

Ҷаҳони тоҷикон
Суруди сол
Баҳори Ватан
Бодинаврӯзсувор
Гулу сабзаву борон
Куртачакан
Баҳорӣ
Нишона
Зинда доремаш
Деҳа
Тоҷикӣ
Парафшон парчами мо зинда бодо

**Сухани гарм**

Наврӯзи Данғара
Ин мулоқоти поки наврӯзӣ…
Рӯзи интихоб
Наврӯзи ҷаҳон омад
Баҳорон табрик
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд
Паёми наврӯзӣ
Наврӯзгоҳи маънавӣ
Дунёи нур
Гулнабера
Рубоиҳои наврӯзӣ
Мавҷу авҷи суруд
Дар хатнасур
Таманно
Узри беохир
Иқрор
Фани Ватан
Хуш он шеъре
Ман кистам?
Ҷавҳару асли наслу зотам ман
Сухани гарм биёред!
Зоғ, ҳатто сафед ҳам бошад
Рози осиёбони пир
Гавҳар
Манам Одина Ҳошим
Рӯзи Одина
Ҳарфи Камол
Оҳанги абад
Ғазали «Дарё»
Боғбон
Меъроҷи ман
Қасди ману ту
Ман донаму туву дил
Нангчашма
Тазмини шабнам
Мурод
Нур
Дар бӯрёкӯбони ҳамсабақам
Аҳсан ба ту, эй дил
Дилу ҷон гар батаҳорат бошад
Чи бувад?

Тафсири ман
Ҳушдор
Чӣ мегӯям?!
Хаткашон
Шаш қитъа
Пул
Рӯзнома
Бар лаб расид дард агар…
Китоби бетаҳрир
Аз ҳама дил ба ҳама дил
Мусофирмардикор
Ҳотам
Ҷӯй
Чашмаи кӯр
Хайрбодӣ бо чанористон
Бе дил
Бепоён
Шабу саҳар
Сиёҳу сафед
Хомасӯзан
Эй хома
Самти сабзи ишора
Ғамбару бахтовари ман
Ҳалолат шири модар
Модар
Нестам як сухан…
Таронаи мактабиён
Зинаи бахт
Бақои ту, бақои ман

**Кафтаргули нома**

Расми дастонсоз
Меравад зан…
Интизор
Мактуби дил
24-00
Дар хонаи оинаи дил
Сояҳо
Шабнома
Сад роҳи як моҳ
Турсунзодавор
Талху ширин
Сӯи ту
Гурез
Сарви ёд
Ишқи нав
Чӣ мекардам?
Оина
Бо ту
Қурбони ишва карданат
Ду афтодан
Анҷом
Бувад чашми дилам рӯшан зи чашми пурзиёи ту
Дубайтиҳо
Ту маро ёри Худо намудӣ
Намеоӣ

Ҷӯёи ҷон
Оинаи садпора
Рубоиҳо
Маскав, Маскав
Дар тирамоҳи умр баҳори дилам туӣ
Ҳароратсанҷ
Дилпайванд
Мӯи ту, ки додаи Худо мебошад
Додӣ ту тоҷу тахтам, эй ишқи содаи ман
Дар боғ
Бо борон
Содадил
Чорёр
Ҳукм
Ҷаҳолат
Чи уммеди навӣ
Меравам бо оби ҷӯи хештан
Умри барқ

**Гарди борон**

Идомаи тарона
Сайқали дунё
Хуросонӣ
Дунё
Дар силсилазилзилаи Эрон
Хокистар
Нарх
Наву куҳна
Тасаллӣ
Хайёмӣ
Ҳилолӣ
1 июн
Оила
Дуо
Сухан
Харгӯш
Асли ҳол
Ба духтари оташнишон
Ба дӯсти сементкор
Дуои ақди никоҳ
Дар хабарнома
Дуои хатнасур
4Х25
Чӣ суде?
Соядаст
Ситоразор
Ду талаб
Тавба
Басту кушод
Телевизор
Малах
Дуздӣ
Баҳору хазон
Шоҳу гадо

Вобаста
Сару по
Асои кӯр
Дар 75-солагии айнитинатон
Асо
Парвоз
Пархош
Почашму чашмпо
Дар пештоқи НОБ-ҳо
Гуму пайдо
Аҷаб толор…
Ба «Гӯрғӯлӣ»-саро
Ҳарфи жарф
Тақлиди Мушфиқӣ
Дандонрез
Субҳ
Тирукамон
Базмӣ
Сиёҳу сафед
Ҳаёт
Ба ёди Нигина Рауф
Қосиди рӯҳ
Дар санги мазори модар
Сарнавишти зарнавишт
Ба оҳангсозони ҳамкорам
Дар зодрӯзи писарам
Кимиё
Дар китоби «Кӯҳи садо»
Ҳарф аз марди равон дар зери барф
Дарди бесироят
Аз якдигар пеш
Садоқат
Забони ту, забони ман
Абадзинда
Рӯзи забон
Алифбо
Тасбеҳ
Як орзӯ

**Шеъри захмӣ**
**(сисилаашъори номатбӯъ)**

Чанде на зи Вахшанду Бухорову Самарқанд
Ҳамегуфтам, ки аз масҷид садои пир меояд
Юнусему се сиёҳӣ бар сари мо омада
Ашки ман хушкида дигар, чашми ман шуд обдузд.
Меҳру ёрӣ аз вуҷуди ину он афтодааст
Роҳати ин даҳр дида роҳаке нодидагон!
Кин бешумор мондаву тамкин нест
Эй чархи фалак, ҳазор нафрин бар ту
Худоё, амон деҳ, Худоё, амон деҳ
Дарёи дамонем, ки соҳил нашиносем
Риштаи макру риё пайваста шуд
Зи авҷ ин ҷо чу ҷонбахшо хабар борон намеояд
Эй ҷаҳони пурфиреб, оваҳ, фиребо менамоӣ
Эй вой, агар ин сон шавад
Чи донад дарди моро ғайри мо кас
Обхез омад ба мулк, ободии соҳил намонд
Афғондиёр, Афғондиёр, ҳамшӯру ҳамашъори ман
Он мабодо, сӯзи зебоям равад

Эй дареғо, сӯзи ҷонам меравад
Шоҳи даҳро, шаҳри мову шаҳравои мо бибин
Иди Қурбон шуд
Бори дигар то Ватан гул мекунад
Тоҷикистон
Эй роҳ, эй пӯяндагӣ, моро расон бар манзиле
Баски мардум хӯша чинад боз дар даврони мо
Тан фано шуд зери бори ҷони ман, бар тан дареғ
Чун азизе равад аз дори ҷаҳон, гиря кунем
Бигардон рух аз одамони хато
Эй ки дар умр Фару Занди манӣ
Шукри дидорат, бародар, аз дигар дидам туро
Гули бишкуфта кай ҳоли гули пажмурда медонад
Эй Худо, аз ин бало моро нигаҳ дор!
Ҳар баҳорон

**Борбад**
**(достони саҳнавӣ)**

Камол Насрулло. Шоири ишқи Ватан